**МУНДАРИҶА**

Феҳристи ихтисораҳо....................................................................................................4

1. Муқаррароти умумии барномаи таҳсилотӣ.............................................................4

2. Ҳуҷҷатҳои танзимкунандаи мундариҷа ва раванди татбиқи барномаи таҳсилотӣ..................................................................................................6

3. Ҳадди ақали ҳатмии мазмун ва мундариҷаи барномаи таҳсилотӣ аз рӯи ихтисоси 1 - 2 5 0 1 0 4-0 2“Кори бонкӣ”...............................................................................7

4. Муҳлати азхудкунии барномаи таҳсилотӣ..............................................................15

5. Шароитҳои амалигардонии барномаи таҳсилотӣ.................................................16

6. Мундариҷаи маҷмӯи ҳуҷҷатҳои барномаи таҳсилотӣ аз рӯи ихтисоси 1 - 2 5 0 1 0 4-0 2 “Кори бонкӣ”....................................................19

7. Аттестатсияи хатм аз рӯи ихтисос.........................................................................21

8. Низоми дохилии таъмини сифат тибқи барномаи таҳсилотӣ.................................22

9. Қоидаҳои қабул тибқи барномаи таҳсилотӣ.........................................................23

10. Идоракунии тағйирот.............................................................................................23

Замимаҳо...........................................................................................................................24

## ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРАҲО

**ВМ ва ИҶТ** – Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

**СДТОК** – Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

**МТОК** – Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ

**БТ** – Барномаи таҳсилотӣ

**ННТ** – Нақшаи намунавии таълим

**НТК** – Нақшаи  таълими корӣ

**ШТМ** – Шурои таълимию методӣ

**БТФ** – Барномаи таълимии фан

**БКФ** – Барномаи кории фан (силлабус)

**ФЗ** – Фанҳои заминавӣ

**ФҲ**– Фанҳои ҳатмӣ

**ФФИ** – Фанҳои интихобӣ

**ФУК -** Фанҳои умумикасбӣ

**ФТ** – Фанҳои тахассусӣ

**ҲПО** – Ҳайати профессорону омӯзгорон

**КИТ** – Корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ

**КМД –** Кори мустақилонаи донишҷӯ

**КМРО** – Кори мустақилона бо роҳбарии омӯзгор

**НҶ** – Назорати ҷорӣ

**НН –** Назорати ниҳоӣ

**GPA** (Grade Point Average) – Холи миёнаи умумӣ

**ДМТ -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**ММТ**– Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

# 1.МУҚАРРАРОТИ УМУМИИ БАРНОМАИ ТАҲСИЛОТӢ

## 1.1. Маълумот дар бораи ихтисос

Ном, рамз ва гурӯҳи ихтисоси 1 - 2 5 0 1 0 4-0 2 –Кори бонкӣ ба Таснифоти давлатии равия ва ихтисосҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти №349 аз 30-июни соли 2007 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Барномаи бакалавриат аз рӯи ихтисоси 1 - 2 5 0 1 0 4-0 2 –Кори бонкӣ, тибқи Шаҳодатномаи АУ №0000920, аз 08.08.2019 аз ҷониби Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи маориф (ҳозира Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон) аккредитатсия шудааст.

Барномаи таҳсилотии мазкур аз рӯи ихтисоси 1 - 2 5 0 1 0 4-0 2 –Кори бонкӣ, 30 августи соли 2022 таҷдиди назар гардида, аз соли таҳсили 2022-2023 мавриди татбиқ қарор дода мешавад.

## 1.2. Тахассуси хатмкунанда

Баъди аз худ намудани барномаи таҳсилотӣ аз рӯи ихтисоси 1 - 2 5 0 1 0 4-0 2 –Кори бонкӣ, дар шакли таҳсили рӯзона ва фосилавӣ, баъд аз хатм ба хатмкунанда касбият ва дараҷаи зерин дода мешавад:

-тахассуси касбӣ – Иқтисодчӣ;

-дараҷаи касбӣ – бакалавр аз рӯи ихтисоси 1 - 2 5 0 1 0 4-0 2 –Кори бонкӣ.

## 1.3. Тавсифи умумии тахассуси хатмкунанда

Хатмкунандае, ки соҳиби тахассуси иқтисодчӣ-бонкир гардидааст, бояд;

*фаъолияти ҳисобкунӣ-иқтисодӣ*

- маҳорати ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумоти ибтидоӣ, ки барои ҳисобкардани нишондиҳандаҳои молиявӣ, ки тавсифдиҳандаи фаъолияти бонкҳо мебошад, дошта бошад;

- дорои қобилияти дар асоси методикаҳои маъмулӣ ва меъёрҳои амалкунандаи ҳуқуқӣ ҳисоб кардани нишондихандахои иқтисодӣ ва иқтисодӣ-иҷтимоӣ, ки тавсифдиҳандаи фаъолияти хоҷагидорӣ мебошад;

-маҳорати ташкили фаъолияти бонкҳо, таҳлили сармояи худии бонк, баррасӣ ва ҳисоби даромаду хароҷоти бонк ва малакаи ташкили муносибатҳои байнибонкиро дошта бошад;

-маҳорати таҳлили санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, муайянсозии бозоргирии бонк ва асосноккунӣ онҳо тибқи меъёрҳои амалкунандаи низоми бонкӣ дошта бошад;

*таҳлилӣ, фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ*

-маҳорати ҷамъоварӣ, таҳлил ва коркарди маълумотҳоро, ки барои ҳалли муаммоҳои дар бахши бонкӣ ҷойдоштаро дошта бошад;

- маҳорати интихоби воситаҳои инструменталии коркарди маълумоти молиявию қарзӣ бо назардошти вазифаҳои гузошта шуда, таҳлили натичаҳои фаъолияти бонкро дошта бошад;

-маҳорати дар асоси тасвири ҳодисаҳо ва равандҳои иқтисодӣ омода сохтани моделҳои назариявии меъёрӣ ва эконометрикиро дошта бошад, таҳлил ва шарҳи мушаххаси натиҷаҳои ба даст овардашударо пешниҳод карда тавонад;

-малакаи таҳлил ва шарҳи маълумоте, ки дар ҳисоботи молиявӣ ва баҳисобгирии бонк омадааст дошта бошад ва онҳоро барои қабули қарори дахлдор истифода карда тавонад;

-маҳорати таҳлил ва шарҳи нишондиҳандаҳои омории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷиро оиди ҳодисаҳо ва равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодиро дошта бошад, самтҳои тағйирёбии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодиро муайян карда тавонад;

-маҳорати сарчашмахои маълумотҳои ватанӣ ва хориҷиро истифода карда, қобилияти чамъоварии маълумоти зарурӣ, таҳлили онҳо ва тайер кардани хулосаҳои иттилоотӣ ва ё ҳисоботи таҳлилиро дошта бошад;

-маҳорати истифодабарии воситаҳои техникаи замонавӣ ва технологияи иттилоотиро барои ҳалли муамоҳои таҳлилӣ ва тадқиқотӣ дошта бошад.

*фаъолияти ташкилию идоракунӣ*

-маҳорати ташкили фаъолияти гурӯҳҳои хурд, ки барои татбиқи лоиҳаи мушаххаси иқтисодӣ ташкил шудаанд, дошта бошад;

-маҳорати истифодабарии воситаҳои техникии замонавӣ ва технологияи иттилоотиро барои ҳалли муаммоҳои коммуникативӣ дошта бошад;

-маҳорати баҳои танқидӣ додани вариантҳои қарорҳои идоракунӣ ва омодасозӣ ва асонок кардани таклифот оиди ташаккулдиҳии он дар асоси критерияҳои самаранокии иҷтимоӣ-иқтисодӣ, хавф ва оқибатҳои имконпазири иҷтимоӣ-иқтисодиро дошта бошад.

*фаъолияти омӯзгорӣ*

- маҳорати дарсдиҳии фанҳои иқтисодиро дар муассисаҳои таълимоти зинаҳояшон гуногун аз руи барномаҳои амалкунанда ва маводҳои таълимию методӣ дошта бошад;

-маҳорати иштирок дар омодасозӣ ва такмилдиҳии таъминоти таълимию методии фанҳои иқтисодиро дошта бошад.

Хатмкунандае, ки соҳиби тахассуси иқтисодчӣ -бонкир гардидааст, бояд донад:

- Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро;
- қонунҳо, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои идоракунии молияро доир ба масоили бонкӣ;
- малакаҳои муносибати байни шахсӣ;
- омодагӣ ба кор дар гурӯҳ;
- донишҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ахлоқӣ ва истифодаи он дар фаъолияти касбӣ;
- тарафдори тарзи ҳаёти солим, нигаронидани сатҳи зарурии омодагии ҷисмонӣ, ҳатмӣ барои фаъолияти бошууронаи касбӣ;
- қабули фарқият ва фарҳангдории хурд;
- қобилиятнокӣ ба худтанқидкунӣ ва танқид;
- қобилиятии истифодаи донишҳо дар амалия;
- малакаи тадқиқотӣ;
- қобилияти дарёфти донишҳои нав, бо истифодаи технологияи муосири маърифатӣ ва иттилоотӣ;
- қобилияти фаҳмиши аҳамияти иттилоот дар рушди ҷомеаи муосир, риояи талаботи асосии бехатарии иттилоот, аз ҷумлаи ҳифзи манфиат ва амнияти давлатӣ;
- маҳорати пайдо кардан, таҳлил намудан ва коркарди матни иттилооти илмӣ-техникӣ;
- омодагии бунёдӣ аз рӯи асосҳои донишҳои касбӣ ва омода будан барои истифодабарии он дар фаъолияти касбӣ;

**1.3.1. Объекти фаъолияти касбӣ**

- иҷроиши амалиётҳои гуногуни бонкӣ дар муносибатҳои дохилӣ ва берунӣ;
- таҳлили сиёсати пулию қарзӣ ва муқаррарнамудани қурби асъори миллӣ нисбат ба асъорҳои хориҷӣ дар муносибатҳои иқтисодӣ;
- тартиби муайяннамудани нишондиҳандаҳои омории бахши бонкӣ;
- таҳияи тавозуни бонкӣ ва иҷроиши сохтории он.

**1.4. Талабот оид ба дараҷаи хатмкунанда**

Хатмкунандае, ки барномаи зинаи бакалавриатро аз худ кардааст, дар мутобиқат бо намуди фаъолиятҳои касбӣ, ки барномаи таҳсилотии мазкур ба он равона гардидааст, бояд бо натиҷаҳои таълим, ки дар банди 3-и ҳуҷҷати мазкур нишон дода шудааст, мутобиқат намояд.

**1.5. Доираи фаъолияти хатмкунанда**

тавозуни пардохт, бонкдории исломӣ, бозори коғазҳои қиматнок ва фаъолияти биржавӣ, сиёсати пулию қарзӣ, ташкили фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ шинос менамояд.

Намудҳои асосии фаолияти касбии бакалавр:

- кори бонкӣ;
- менеҷмент дар бонкҳо;
- меъёрию методӣ;
- иқтисоди берунӣ.

Имконоти мутобиқшавии касбӣ.

Бакалавр бояд ба намудҳои зерини фаъолияти ба касбаш наздик мувофиқ шуда тавонад:

- бозорёбӣ;
- ташкилию идоракунӣ;
- таҳлилӣ;
- иқтисоди беруна;
- идоракунӣ ва таҳлил;
- меъёрию ҳуқуқӣ.

Намудҳои фаъолияти касбие, ки аз рӯи онҳо хатмкунанда пас аз худ кардани барномаи бакалавриат, омодагӣ мебинад, чунианд:

- иқтисодӣ-молиявию қарзӣ;
- илмӣ-тадқиқотӣ;
- иҷтимой-педагогӣ;
- фарҳангӣ ва рушдёбанда;
- идоракунӣ.

**1.6. Навъҳои фаъолияти касбии бакалавр аз рӯи ихтисоси** 1 - 2 5 0 1 0 4-0 2 – Кори бонкӣ.

- фаъолияти умумии касбӣ;
- фаъолияти таълимӣ ва илмию тадқиқотӣ дар соҳаҳои бонкӣ;
- фаъолияти машваратию экспертӣ;
- фаъолияти таҳлилӣ-аналитикӣ.

Барномаи таҳсилотии мазкур аз рӯи самт ва равияи ихтисоси 1 - 2 5 0 1 0 4-0 2 – Кори бонкӣ амалӣ карда мешавад. Намуди мушаххаси фаъолияти касбӣ, ки ба он бакалавр омода карда мешавад, аз ҷониби муассисаи таҳсилоти олии касбӣ якҷоя бо иштирокчиёни ваколатдори ҷараёни таълимӣ муайян карда мешавад.

**1.7. Имкониятҳои идомаи таҳсили хатмкунанда**

Бакалаври мутахассиси соҳаи бонкӣ, ки барномаи таҳсилотиро аз рӯи ихтисоси 1 - 2 5 0 1 0 4-0 2 – Кори бонкӣ аз худ кардааст, барои идомаи таҳсил дар зинаи магистратура омода мебошад.

Тибқи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсоне, ки дипломи зинаҳои таҳсилоти олии касбии бакалавриатро доранд, метавонанд таҳсили худро дар зинаи дуюми таҳсилоти олии касбӣ- магистратура аз рӯи равия ва самт (ихтисос)-и мувофиқ идома диҳанд.

## 2.ҲУҶҶАТҲОИ ТАНЗИМКУНАНДАИ МУНДАРИҶА ВА РАВАНДИ ТАТБИҚИ БАРНОМАИ ТАҲСИЛОТӢ

2.1.Барномаи таҳсилотӣ дар асоси Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф тахия гардида, коркарди минбаъдаи замимаҳои он бояд ба талаботи ҳуҷҷатҳои зерин мутобиқат намояд:

-Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф", аз 22.07.2013, №1004 (дар таҳрири охирин) аз 17.05.2018, №1527);

-Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таҳсилоти калонсолон", аз 24.02.2017, №1394;

-Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ", аз 19.05.2009, №531;

-Стратегияи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030, аз 29.09.2020, №526;

-Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.03.2006, №94 тасдиқ карда шудааст;

-Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 25.02.2017, №94;

-Таснифоти давлатии равия ва ихтисосҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30.06.2007№349;

-Низомнома дар бораи низоми кредитӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Чумҳурии Тоҷикистон, аз 30.12.2016, №19/24;

-Роҳнамо оид ба коркард ва таҷдиди барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Стратегияи рушди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025.

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 3.08. 2018, № 1544;

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» ш. Душанбе, 28 июни соли 2011, №722 (илова №1548 аз 3.08.18с.);

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» ш. Душанбе, 19 майи соли 2009 №524 (илова №782 аз 26.12.11с.; №1722 аз 7.08.20с.);

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» ш. Душанбе, 13 июни соли 2013, №964;

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ» ш. Душанбе, 26 июли соли 2014, №1108;

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таърихи қарз (кредит)» ш. Душанбе, 26 марти соли 2009, № 492.

**2.2.**Талаботро оид ба мазмун ва мундариҷаи ҳадди ақали ҳатмии барномаи таҳсилотӣ, шароитҳои татбиқнамоӣ ва муҳлатҳои азхуднамоиро Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст.

2.3. Барномаи таҳсилоти олии касбӣ ҳуҷҷатҳои зеринро дар бар мегирад: нақшаи таълим аз рӯи ихтисос, нақшаи таълимии корӣ, барномаҳои таҷрибаомӯзӣ, барномаҳои таълимӣ ва силлабус аз рӯи фанҳо, шарҳи барномаҳои таълимӣ аз рӯи фанҳои ҳатмӣ ва интихобӣ. Талаботи ҳадди ақал ба мундариҷаи ҳуҷҷатҳои дар боло зикргардида дар Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд. (нигаред ба Замимаҳо)

2.4.Шарҳи мухтасари барномаҳои таълимии фанҳои ҳатмӣ ва интихобӣ қисми ҷудонашавандаи барномаи таҳсилотӣ ба ҳисоб меравад, ки тавсифи мухтасари фан; намуди машғулиятҳо; забони таълим; салоҳиятҳое, ки бояд дар донишҷӯ зимни азхуднамоии фанни мазкур ташаккул ёбанд; натиҷаҳои таълиме, ки аз тадриси фан ба даст меоянд; номгӯи боб ва мавзӯъҳои фан; васоити таълимӣ ва таъминоти техникии фан ва шаклҳои назорати ҷорӣ ва ниҳоиро дар бар мегирад. Талаботи ҳадди ақал ба шарҳи мухтасари барномаҳои таълимии фанҳои ҳатмӣ ва интихобӣ дар замима(ҳо) дарҷ гардидааст. Мазмуну мундариҷаи пурраи барномаҳои кории фанҳои ҳатмӣ ва интихобиро дар китобхонаи электронии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пайдо кардан мумкин аст (нигаред ба https://tnu.tj/index.php/tj/asos/tj).

2.5. Барномаи таҳсилотӣ омӯзиши ҳатмии бахшҳо ва модулҳоеро, ки дар банди 3-и ҳуҷҷати мазкур нишон дода шудаанд, бояд пешбинӣ намояд.

2.6. Бахшҳо ва модулҳои барномаи таҳсилотӣ аз фанҳои ҳатмии заминавӣ ва донишгоҳӣ, фанҳои интихобӣ, машғулиятҳои факултативӣ, таҷрибаомӯзиҳо ва аттестатсияи хатм иборат мебошад.

2.7. Номгӯи бахш, модул ва фанҳои қисмати (компоненти) давлатии барномаи таҳсилотӣ бояд ба талаботи ҳуҷҷати "Таснифоти фанҳои таълимӣ аз рӯи бахшҳо ва

модулҳо, намунаи барномаҳои таҳсилотӣ аз рӯи самт (ихтисос) ва нақшаи таълим муқаррар карда шудаанд, ҷавобгӯ бошанд.

## 3. ҲАДДИ АҚАЛИ ҲАТМИИ МАЗМУН ВА МУНДАРИҶАИ БАРНОМАИ ТАҲСИЛОТӢ АЗ РӮИ ИХТИСОСИ 1 - 2 5 0 1 0 4-0 2 –КОРИ БОНКӢ

| | | |
|---|---|---|
| 1 | НОМГӮИ БАРНОМА | Ихтисоси 1 - 2 5 0 1 0 4-0 2 –Кори бонкӣ |
| 2 | ДАРАҶАИ АКАДЕМӢ | Бакалавр |
| 3 | ШАКЛИ ТАҲСИЛ | Рӯзона ва фосилавӣ |
| 4 | МУҲЛАТИ МЕЪЁРИИ ТАҲСИЛ | 4 сол |
| 5 | МИҚДОРИ КРЕДИТҲО | 240 кредит (60 кредит дар як сол) |
| 6 | ҲАДАФИ УМУМӢ | Ҳадафи ин барнома - ташаккули салоҳиятҳои молиявию касбии донишҷӯён, барои фаъолият намудан ба ҳайси иқтисодчӣ бонкир дар низоми бонкии кишвар, мақомоти давлатии молиявӣ, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, дар ташкилоту ниҳодҳои давлативу ғайридавлатии молиявӣ-қарзӣ, бо имкони идома додани таҳсил дар зинаи магистратура. |
| 7 | ТАВСИФИ МУХТАСАРИ БАРНОМАИ ТАҲСИЛОТӢ | Барномаи таҳсилотии мазкур аз бахшу модулҳои зерин иборат аст:<br>Бахши 1. Фанҳои заминавӣ - 48 кредит:<br>Модули фанҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ – 22 кредит;<br>Модули фанҳои забонӣ – 15 кредит;<br>Модули фанҳои табиӣ-иқтисодӣ ва технологияи информатсионӣ– 11 кредит.<br>Бахши 2. Фанҳои тахассусӣ -108 кредит<br>Модули фанҳои умумикасбӣ – 40 кредит;<br>Модули фанҳои тахассусӣ – 68 кредит;<br>Бахши 3. Фанҳои интихобӣ - 60 кредит<br>Модули фанҳои интихобии бахши 1 – 6 кредит<br>Модули фанҳои интихобии бахши 2 – 54 кредит<br>Бахши 4. Таҷрибаомӯзӣ – 15 кредит.<br>Бахши 5. Аттестатсияи хатм - 9 кредит.<br>Бахши 6. Машғулиятҳои факултативӣ - 18 кредит[1]. |
| 8 | НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМИ БАРНОМАИ ТАҲСИЛОТӢ | Пас аз анҷоми барномаи таҳсилотӣ хатмкунанда бояд салоҳияти умумикасбии зеринро доро бошад:<br>– малакаҳои муносибати байни шахсӣ;<br>– омодагӣ ба кор дар гурӯҳ;<br>– донишҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ахлоқӣ ва истифодаи он дар фаъолияти касбӣ; |

[1] *Эзоҳ: Кредитҳои машғулиятҳои факултативӣ (18 кредит) ба ҳаҷми умумии кредитҳои барнома дохил намешаванд ва ҳатмӣ ба шумор намераванд. ДМТ салоҳияти муайян намудани номгӯи машғулиятҳо ва ҳаҷми кредитҳои онҳоро дорад.*

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | – тарафдори тарзи ҳаёти солим, нигаронидани сатҳи зарурии омодагии ҷисмонӣ, ҳатмӣ барои фаъолияти бошууронаи касбӣ;<br>– қабули фарқият ва фарҳангдории хурд;<br>– қобилиятнокӣ ба худтанқидкунӣ ва танқид;<br>– қобилиятнокии истифодаи донишҳо дар амалия;<br>– малакаҳои таҳқиқотӣ;<br>– қобилияти дарёфти донишҳои нав, бо истифодаи технологияи муосири маърифатӣва иттилоотӣ;<br>– малакаи кор дар мақомоти ҳокимияти марказии давлатӣ ва иҷроия;<br>- маҳорати амалӣ намудани адолат дар фаъолияти ҳуқуқтатбиққкунӣ ва дигар муносибатҳои ҷамъиятӣ;<br>– малакаи кор дар вазорату кумита ва идораҳои давлатӣ; | | |
| 9 | БАҲОДИҲИИ БАРНОМАИ ТАҲСИЛОТӢ | Дар раванди таълим натиҷаҳои азхудкунии барномаи таҳсилотӣ ба таври зерин баҳодиҳӣ карда мешаванд:<br>1) санҷишҳо, супоришҳо ва амсоли инҳо дар аввали сол барои донишҷӯёни факултети молияиию иқтисодӣ;<br>2) баҳодиҳии формативӣ ва динамикии дараҷаи аз худ намудани дониш ва маҳорат барои иқтисодчӣ дар рафти омӯзиши блоку модулҳо зарурӣ;<br>3) маҷмӯи корҳои хаттӣ ва презентатсияҳо, ки барои баҳодиҳии пешрафти донишҷӯён дар соҳаи муоширати шифоҳӣ ва хаттӣ имкон медиҳанд;<br>4) маҷмӯи корҳои тадқиқотӣ, лоиҳаҳои инфиродӣ ва гурӯҳӣ;<br>5) намунаҳои нақшаҳои мавзӯии байнисоҳавӣ ва мисолҳои асосноки истифодаи донишҳои иқтисодӣ дар омӯзиши дигар фанҳо;<br>6) вазифаҳои хонагӣ, тестҳои мавзӯӣ, супоришҳои назоратӣ, имтиҳонҳо, аттестатсияи хатм;<br>7) таҳлили муқоисавии дараҷаи омодагии донишҷӯён; таҳлили муқоисавии натиҷаҳои таҳсили ба нақша гирифташуда ва ба даст овардашуда. | | |
| **10** | **ТАХАССУС** | | | |
| РАМЗ ВА НОМИ ИХТИСОС | | 1 - 2 5 0 1 0 4-0 2 –Кори бонкӣ | | |
| ГУРӮҲИ ИХТИСОСҲО | | 25 01– Иқтисодиёт ва идора | | |
| ТАХАССУС ВА ДАРАҶАИ КАСБИИ БАЪД АЗ ХАТМ | | Бакалавр аз рӯи ихтисоси 1 - 2 5 0 1 0 4-0 2 –Кори бонкӣ | | |
| **11** | **БАХШҲО ВА МОДУЛҲО** | | | |
| **НОМИ БАХШ** | | **ФАНҲОИ ЗАМИНАВӢ** | **48** | **кредит** |
| ҲАДАФИ БАХШ | | Ҳадафи бахш – таъминоти донишу малакаҳои заминавӣ, ки барои ворид шудан ба низоми таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур мебошанд. | | |
| ТАВСИФИ МУХТАСАРИ БАХШ | | Бахши фанҳои заминавӣ аз модулҳои зерин иборат аст:<br>Модули фанҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ-22 кредит;<br>Модули фанҳои забонӣ - 15 кредит;<br>Модули фанҳои табиӣ-иқтисодӣ ва технологияи | | |

| | |
|---|---|
| | информатсионӣ - 11 кредит. |
| **НОМИ МОДУЛ** | **Модули фанҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ** **22** **кредит** |
| ҲАДАФИ МОДУЛҲО | Ҳадафи модул–омӯзиши асосҳои илмҳои иҷтимоӣ ва гуманитарӣ, асосҳои таърих, фарҳанг ва иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ташаккули ҷаҳонбинии фарҳангию иртиботӣ. |
| ТАВСИФИ МУХТАСАРИ МОДУЛ | 1.Фалсафа – 4 кредит;<br>2.Таърихи муосири Тоҷикистон – 3 кредит;<br>3.Фарҳангшиносӣ – 3 кредит;<br>4. Диншиносии илмӣ – 3 кредит;<br>5.Сотсиология – 3 кредит;<br>6.Сиёсатшиносӣ – 3 кредит;<br>7. Ҳуқуқ аз рӯи ихтисос- 3 кредит; |
| НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМИИ МОДУЛ | Донишҷӯе, ки модулро аз худ кардааст:<br>-асосҳои таърих ва фарҳанг, нақш ва мақоми Тоҷикистонро дар таърихи инсоният ва ҷаҳони муосир медонад;<br>-асосҳои бонақшагирии тиҷоратро, ҳуқуқ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро медонад;<br>-асосҳои фанҳои гуманитарӣ ва ҷамъиятиро, методҳо ва тарзу роҳҳои таҳлили фалсафии масъалаҳоро, шаклҳо ва методҳои таҳсилоти илмиро медонад;<br>-нуқтаи назари худро мустақилона ифода карда метавонад, тафаккури мантиқӣ дорад, мусоҳиботи расмӣ, муҳокимаҳои маънавию ахлоқиро бурда метавонад, принсипҳои ахлоқию зебоифаҳмиро риоя менамояд;<br>-донишҳои гуногуни шаклҳои тафаккур ва малакаҳои истифодаи онҳоро дар вазъиятҳои мухталиф дар мувофиқа бо талаботи хуқуқӣ ва сиёсӣ намоиш дода метавонад;<br>-назарияҳо, стратегияҳо ва воситаҳоеро, ки барои тавсеаи иқтидори эҷодии худ ёрӣ мерасонанд, аз худ кардааст. |
| **НОМИ МОДУЛ** | **Модули фанҳои забонӣ** **15** **кредит** |
| ҲАДАФИ МОДУЛ | Ҳадафи модул – фароҳам намудани заминаи касбии малакаҳои забонӣ/иртиботӣ, ки барои фаъолияти кории ҳуқуқшинос зарур мебошанд. |
| ТАВСИФИ МУХТАСАРИ МОДУЛ | 1.Забони тоҷикӣ аз рӯи ихтисос – 3 кредит;<br>2.Забони русӣ аз рӯи ихтисос – 6 кредит;<br>3.Забонҳои хориҷӣ аз рӯи ихтисос – 6 кредит. |
| НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМИИ МОДУЛ | Донишҷӯе, ки модулро аз худ кардааст:<br>-забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва хориҷиро дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ дар сатҳи муошират дар доираи ихтисоси худ дуруст истифода бурда метавонад;<br>-донишҳо ва малакаҳои амалии барои ҷустуҷӯи иттилооти илмиро ба забони хориҷӣ соҳиб аст;<br>-донишҳо ва малакаҳои корбурди истилоҳотро ба забони хориҷӣ дорад;<br>-малакаҳои таҳияи мазмуну мундариҷа ва сохтори нутқро дар мувофиқа бо мақсад, вазъият ва иштирокчиёни муоширатро дорост. |
| **НОМИ МОДУЛ** | **Модули фанҳои табиӣ-иқтисодӣ ва технологияи информатсионӣ** **11** **кредит** |
| ҲАДАФИ МОДУЛ | Ҳадафи модул – фароҳам овардани заминаи ташаккули салоҳиятҳои марбут ба илмҳои табиӣ ва дақиқ мебошад, ки ба |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | рушди муносибати эҷодӣ ва ба шахсият нигаронидашуда мусидат менамояд. | | |
| ТАВСИФИ МУХТАСАРИ МОДУЛ | 1. Технологияи информатсионӣ – 5 кредит;<br>2. Географияи иқтисодии Тоҷикистон бо асосҳои демография – 3 кредит;<br>3. Экология – 3 кредит. | | |
| НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМИИ МОДУЛ | Донишҷӯе, ки модулро аз худ кардааст:<br>-малакаҳои истифодаи низомҳои компютерӣ-иттилоотӣ, ҷамъоварӣ, ҳифз, таҳлил, интишор ва ҷустуҷӯи маълумот дар шабакаи Интернетро аз худ намудааст;<br>-вазъи геополитикиро таҳлил карда метавонад, тақсимоти маъмурӣ-иҷтимоӣ ва ҳудудии мамлакатро медонад;<br>-хусусиятҳои саноати Тоҷикистон, таърихи саноат ва хоҷагии қишлоқи мамлакатро медонад;<br>-принсипҳои устуворӣ ва маҳсулнокии табиати зинда ва дар зери таъсири омилҳои антропогенӣ тағйир ёфтани онро мефаҳмад;<br>-маҳорати таҳлили бонизоми мушкилиҳои глобалии экологӣ, масъалаҳои вазъи муҳити атроф ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ дар заминаи донистани қонунҳои асосии экологиро дорад. | | |
| **НОМИ БАХШ** | **ФАНҲОИ ТАХАССУСӢ** | **108** | **кредит** |
| ҲАДАФИ БАХШ | Ҳадафи бахш – таълими фанҳои тахассусӣ ба донишҷӯён ва талабот нисбат ба онҳо, ки барои фаъолияти минбаъдаи мутахасисон дар соҳаҳои иқтисоди миллӣ зарур мебошанд.. | | |
| ТАВСИФИ МУХТАСАРИ МОДУЛ | Бахши фанҳои тахассусӣ аз модулҳои зерин иборат аст:<br>Модули фанҳои умумикасбӣ – 40 кредит;<br>Модули фанҳои тахассусӣ – 68 кредит. | | |
| **НОМИ МОДУЛ** | **Модули фанҳои умумикасбӣ** | **40** | **кредит** |
| ҲАДАФИ МОДУЛ | Ҳадафи модули мазкур ба донишҷӯён фароҳам овардани заминаи донишу малакаҳо аз фанҳои касбӣ, ки барои амалӣ намудани фаъолияти касбии иқтисодчӣ-бонкир заруранд, ба ҳисоб меравад. | | |
| ТАВСИФИ МУХТАСАРИ МОДУЛ | 1. Математикаи олӣ - 6 кредит<br>2. Назарияи иқтисодӣ-7 кредит<br>3. Иқтисоди ҷаҳон- 3 кредит<br>4. Баҳисобгирии бухгалтерӣ-3 кредит<br>5. Молия -6 кредит<br>6. Менеҷмент ва маркетинг-3 кредит<br>7. Таҳлили иқтисодӣ-3 кредит<br>8. Андоз ва андозбандӣ- 3 кредит<br>9. Буҷет ва низоми хазинадорӣ-3 кредит<br>10. Омор- 3 кредит | | |
| НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМИИ МОДУЛ | **Донишҷӯе, ки модулро аз худ кардааст:**<br>- тафаккури иқтисодиро ҳангоми омӯзиш ва тасвири миқдории равандҳои воқеӣ, ҳодисаҳо истифода менамояд ва тасаввуроти пурра оид ба равандҳои макроиқтисодии муосирро дорад;<br>- ба дараҷаи даркорӣ пайдо намудани тасаввурот доир ба механизми инкишофи иқтисодиёт, вобастагии байни узвҳои таркибии мақомотҳои онро медонад;<br>- маҳорати амалиётҳои асосии зеҳнӣ: гузориши масъала, тавсияи фарзия, таҳлил ва таркиб, муқоиса, | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | ҷамъбастнамоӣ, низомнокӣ, ҷустуҷӯӣ, хулосабарорӣ дар соҳаи фаъолияти касбӣ дучор гардидаро дорад;<br>- қобилияти ҷудо ва асоснок намудани муаммоҳои идоракунии иқтисодиёти мамлакатро медонад;<br>- ба таври хаттӣ ва шифоӣ баён намуда тавонистани пешниҳодоти худ, тартиб додани ҷадвалҳо, мавзуъот оид ба инкишофи соҳаҳо, минтақаҳо, корхонаҳоро иҷро карда метавонад;<br>- усулҳои таҳлили инкишофи иқтисодиёт, муайян намудани қонуният дар инкишофро иҷро карда метавонад;<br>- маҳорати ҳисобнамоӣ ва арзёбии нақшаи тамоюли иқтисодӣ дар миқёси мамлакат ва иқтисоди ҷаҳонро ба ҷо оварда метавонад. | | |
| **НОМИ МОДУЛ** | **Модули фанҳои тахассусӣ** | **68** | **кредит** |
| ҲАДАФИ МОДУЛ | Ҳадафи модул ин фароҳам овардани имконияти ба даст овардани донишҳои амиқи фаннии махсус ва малакаҳо доир ба пешбурди фаъолияти иқтисодӣ мебошад | | |
| ТАВСИФИ МУХТАСАРИ МОДУЛ | 1. Бозори қоғазҳои қимматнок ва фаъолияти биржавӣ – 6 кредит<br>2. Муомилоти пулӣ ва қарз – 6 кредит<br>3. Таърихи бонкдорӣ ва назарияи қарз – 6 кредит<br>4. Амалиётҳои бонкӣ– 4 кредит<br>5. Идоракунии хавфҳои бонкӣ–4 кредит<br>6. Менеҷмент ва маркетинги бонкӣ–6 кредит<br>7. Фаъолияти бонкӣ–6 кредит<br>8. Танзим ва назорати бонкӣ–3 кредит<br>9. Технологияи инноватсионӣ дар низоми бонкӣ-3 кредит<br>10. Ташкили фаъолияти бонкҳои марказӣ–3 кредит<br>11. Низоми бонкии ҷаҳонӣ– 6 кредит<br>12. Ташкили фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ– 3 кредит<br>13. Низоми бонкдории исломӣ– 3 кредит<br>14. Танзими асъор ва назорати асъор-6 кредит<br>15. Саводнокии молиявӣ– 3 кредит | | |
| НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМИИ МОДУЛ | Донишҷӯе, ки модулро аз худ кардааст:<br>- доир ба муомилоти пулӣ ва қарз, бозори қоғазҳои қимматнок ва фаъолияти биржавӣ, амалиётҳои бонкӣ, низоми бонкии ҷаҳонӣ, буҷет ва низоми хазинадорӣ, фаъолияти бонкӣ, танзим ва назорати бонкӣ, менеҷмент ва маркетинги бонкӣ, ташкили фаъолияти бонкҳои марказӣ, идоракунии хавфҳои бонкӣ, , низоми бонкдории исломӣ, дар ҳаҷми зарурӣ фаҳмиши консептуалӣ ва донишҳои воқеӣ дошта, онҳоро дар амал татбиқ менамояд;<br>- малакаи пешбурди фаъолияти иқтисодӣ, молиявию қарзиро соҳиб аст;<br>- дониш ва қобилияти худро дар пешрафти самтҳои иқтисодӣ, молиявӣ ва қарзии ташкилоту муассисаҳо зимни равандҳои иқтисодӣ, молиявӣ, қарзӣ ва барои ҳалли масъалаҳои касбии худ нишон дода метавонад;<br>- дар ташкилоту муассисаҳои молиявӣ-қарзӣ фаъолият намуда, корро пеш бурдан ва аз нуқтаи назари молиявию иқтисодӣ мубоҳиса оростан, роҳҳои пешрафти фаъолияти иқтисодию | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | молиявиро меомӯзонад;<br>- назарияҳои пулӣ, молиявӣ ва қарзиро асоснок карда метавонад, таҷрибаву амалияҳои касбиро тавсиф менамояд; хусусиятҳои амалӣ намудани қонунҳо ва ҳалли масъалаҳои мушаххаси касбиро медонад. | | |
| **НОМИ БАХШ** | **ФАНҲОИ ИНТИХОБӢ** | **60** | **кредит** |
| ҲАДАФИ БАХШ | Ҳадафи бахши мазкур ин вобаста ба мақсадҳои бахшҳои фанҳои заминавӣ ва тахассусӣ ба донишҷӯён додани донишҳои заминавии иловагӣ маҳсуб меёбад. | | |
| ТАВСИФИ МУХТАСАРИ БАХШ | Бахши фанҳои интихобӣ аз модулҳои зерин иборат аст:<br>модули фанҳои интихобии бахши 1 – 6 кредит;<br>модули фанҳои интихобии бахши 2 – 54 кредит. | | |
| **НОМИ МОДУЛ** | **Модули фанҳои интихобии бахши 1** | **6** | **кредит** |
| ҲАДАФИ МОДУЛ | Ҳадафи модул - ба вуҷуд овардани имкониятҳо барои гирифтани донишҳои иловагӣ аз бахши фанҳои заминавии компоненти давлатӣ ба ҳисоб меравад. | | |
| НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМИИ МОДУЛ | Донишҷӯе, ки модулро аз худ кардааст:<br>- соҳиби донишҳои амиқе мебошад, ки пас аз омӯзиши фанҳои интихобии заминавӣ ба даст омада аст;<br>- донишҳои аз ҳисоби фанҳои интихобӣ ҳосилнамударо дар раванди фаъолияти касбӣ дар низоми пулию қарзии кишвар татбиқ карда метавонад. | | |
| **НОМИ МОДУЛ** | **Модули фанҳои интихобии бахши 2** | **54** | **кредит** |
| ҲАДАФИ МОДУЛ | Ҳадафи модул - ба вуҷуд овардани имкониятҳо барои гирифтани донишҳои иловагӣ, ки аз таълими фанҳои тахассусӣ ҳосил мешаванд. | | |
| НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМИИ МОДУЛ | Донишҷӯе, ки модулро аз худ кардааст:<br>- соҳиби донишҳои амиқе мебошад, ки пас аз омӯзиши фанҳои интихобии тахассусӣ ба даст омадааст;<br>- донишҳои аз ҳисоби фанҳои интихобӣ ҳосилнамударо дар раванди фаъолияти касбӣ дар низоми пулию қарзии ташкилотҳои давлативу ғайридавлатӣ истифода карда метавонад. | | |
| **НОМИ БАХШ** | **ТАҶРИБАОМӮЗӢ** | **15** | **кредит** |
| ҲАДАФИ БАХШ | Ҳадафи бахш – ташаккули қобилияти истифодаи донишҳои назариявии ҳосилшуда ҳангоми фаъолияти касбӣ дар низоми бонкӣ, ташкилотҳои давлативу ғайридавлатӣ ва ташкили чорабиниҳои гуногуншакл бо истифода аз усулҳои муосири касбӣ. | | |
| ТАВСИФИ МУХТАСАРИ БАХШ | 1.Таҷрибаомӯзии таълимӣ– 3 кредит<br>2. Таҷрибаомузии истеҳсолӣ – 3 кредит<br>3. Таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ – 9 кредит. | | |
| НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМИИ БАХШ | Донишҷӯе, ки бахшро аз худ кардааст:<br>- дар тамоми сохторҳои низоми молиявӣ, қарзию иқтисодии кишвар фаъолият карда метавонад;<br>- рафтори худро ҳамчун иқтисодчӣ- бонкир таҳлил ва баҳодиҳӣ карда метавонад;<br>- имкониятҳои муҳити молиявию қарзӣ ва иқтисодии муосирро ба ҳисоб мегирад;<br>- назарияҳову амалияҳои гуногунро дар раванди фаъолияти касбӣ ба кор мебарад;<br>- салоҳиятҳо ва талаботро дар бобати худтакмилдиҳӣ таҳлил карда метавонад. | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| **НОМИ БАХШ** | **АТТЕСТАТСИЯИ ХАТМ** | **9** | **кредит** |
| ҲАДАФИ БАХШ | Ҳадафи бахш - озмоиши амиқ ва гуногунҷабҳаи донишҳои назариявӣ ва таҷрибаи амалӣ дар соҳаи иқтисод, молия, қарз, бонк ва андозбандӣ, инчунин баҳодиҳии салоҳиятҳои бадастомадаи умумифарҳангӣ ва касбӣ мебошад. | | |
| ТАВСИФИ МУХТАСАРИ БАХШ | 1.Имтиҳони давлатӣ – 3 кредит;<br>2.Кори тахассусии хатм –6 кредит. | | |
| НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМИИ БАХШ | Донишҷӯе, ки бахшро аз худ кардааст:<br>- пажӯҳиш бурда метавонад, ба адабиёти илмӣ ва касбӣ такя намуда, онро таҳлил карда, натиҷаҳои таҳқиқ ва методҳои тадқиқотро муқоиса карда метавонад;<br>- методҳои таҳқиқ ва коркарди иттилоотро истифода мебарад;<br>- дар бораи масъалаи мавриди назар ва натиҷаҳои ба даст омада фикри худро фаҳмо, мантиқан саҳеҳ ва мухтасару мушаххас ба таври хаттӣ баён карда метавонад;<br>- натиҷаи таҳқиқоти худро дар заминаи корҳои қаблан анҷомпазируфта таҳлилу баҳодиҳӣ карда метавонад ва натиҷаҳои ноилшударо дар асоси назарияҳои аввалия ва натиҷаи таҳқиқоти қаблӣ шарҳу эзоҳ дода метавонад;<br>- бо адабиёти соҳавӣ (касбӣ) кор карда метавонад;<br>- донишҳои ҳосилкардаашро зимни пажӯҳишҳои назариявӣ ва ё ҳалли масоили амалӣ татбиқ карда метавонад;<br>- талаботро оид ба тарзи таҳияи матни илмӣ медонад ва дар асоси он кор бурда метавонад. | | |
| **НОМИ БАХШ** | **МАШҒУЛИЯТҲОИ ФАКУЛТАТИВӢ** | **18** | **кредит** |
| МАҚСАДИ БАХШ | Ҳадафи бахш –дар донишҷӯён ташаккул додани донишҳо оид ба тарзи ҳаёти солим ва худро идора карда тавонистан дар вазъиятҳои фавқулода. | | |
| ТАВСИФИ МУХТАСАРИ БАХШ | 1.Тарбияи ҷисмонӣ – 6 кредит;<br>2.Тайёрии ҳарбӣ – 12 кредит. | | |
| НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМИИ БАХШ | Донишҷӯе, ки бахшро аз худ кардааст:<br>-нақши иҷтимоии тарбияи ҷисмониро дар рушди шахсият ва омодагӣ ба фаъолияти касбӣ дарк менамояд;<br>- омодагии аввалияи дифои ҳарбиро гузаштааст. | | |

## 4.МУҲЛАТИ АЗХУДКУНИИ БАРНОМАИ ТАҲСИЛОТӢ

4.1.Муҳлати азхуднамоии барномаи таҳсилотӣ дар 4 соли таҳсил (дар шакли таҳсили рӯзона ва фосилавӣ) ба 208 ҳафта баробар аст, аз он ҷумла:

-таълими назариявӣ, бо назардошти корҳои илмӣ-тадқиқотии донишҷӯён, машғулиятҳои амалӣ ва корҳои лабораторӣ –123 ҳафта;

- сессияҳои имтиҳонӣ – 21 ҳафта;

- таҷрибаомӯзиҳо – на камтар аз 10 ҳафта;
  - таҷрибаомӯзии таълимӣ–2 ҳафта
  - таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ – 2 ҳафта
  - таҷрибаомӯзии пешадипломӣ – 6 ҳафта;

-аттестатсияи ниҳоӣ якҷоя бо давраи омодагӣ ва дифои кори тахассусии хатм – на камтар аз 6 ҳафта;

-таътилҳо (якҷоя бо 8 ҳафтаи рухсатии баъдадипломӣ) – 48 ҳафта.

**4.2.** Ҳаҷми аксари сарбории таълимии донишҷӯ (меҳнатталабӣ) дар як ҳафта 45 соат муқаррар шудааст, ки он ҳама намудҳои машғулиятҳои аудиторӣ ва ғайриаудиторӣ (корҳои мустақилона)-ро дарбар мегирад.

**4.3.** Сарбории ҳафтаинаи аудитории донишҷӯ дар шакли таҳсили рӯзона 30 – 36 соатро ташкил медиҳад. Ҳамзамон, ба миқдори соатҳои зикргардида машғулиятҳои факултативӣ дохил намешаванд.

**4.4.** Дар шакли таҳсили фосилавӣ ба донишҷӯ барои ба таълими аудиторӣ бо омӯзгор фаро гирифтан, дар як соли таҳсил дар ҳаҷми на камтар аз 6 кредит (144 соат) ҷудо карда мешавад.

**4.5**. Таътилҳо дар соли таҳсил на камтар аз 10 ҳафтаро ташкил медиҳанд, аз ҷумла таътили зимистона на кам аз 2 ҳафта.

## 5. ШАРОИТҲОИ АМАЛИГАРДОНИИ БАРНОМАИ ТАҲСИЛОТӢ

**5.1.Таъминот ва дастгирии донишҷӯён**

**5.1.1.** Донишгоҳ дорои заминаи моддӣ-техникие мебошад, ки ба талаботи қоидаҳо ва меъёрҳои амалкунандаи зиддисӯхтор ва гузаронидани ҳама гуна намудҳои омодагиҳои фаннӣ, корҳои амалӣ ва илмӣ-тадқиқотӣ, ки аз ҳуҷҷати мазкур бармеоянд, мутобиқат мебошад.

**5.1.2.** Ҳар як донишҷӯ ҳангоми таҳсил ба китобхона (китобхонаи электронӣ) ва муҳити электронии иттилоотӣ-таҳсилотӣ дастрасии номаҳдуд доранд. Китобхонаи электронӣ ва муҳити электронии иттилоотӣ-таҳсилотӣ дастрасии донишҷӯро аз ҳар нуқтае, ки тавассути Интернет имконияти ба он пайвастшавӣ мавҷуд аст, таъмин карда метавонад. Муҳити электронии иттилоотӣ-таҳсилотии донишгоҳ имкониятҳои зеринро дорад: дастрасӣ ба нақшаҳои таълим, барномаҳои кории фанҳо ва таҷрибаомӯзиҳо, захираҳои электронии маводҳои таълимӣ, нашриёти низомҳои электронии китобхонаҳо, ки дар барномаҳои таълимии фан нишон дода шудаанд; қайди раванди таълим, натиҷаҳои санҷишҳои марҳилавӣ ва натиҷаҳои азхудкунии барномаи таҳсилотӣ; гузаронидани ҳама шаклҳои дарс, ҷараёни баҳодиҳӣ ба натиҷаҳои таълим, ки татбиқи онҳо бо назардошти истифодаи таълими электронӣ ва технолгияҳои таҳсилоти фосилавӣ сурат мегирад.

**5.1.3.** Дар тавозуни донишгоҳ 8 хобгоҳ, ҳам барои донишҷӯён ва ҳам барои омӯзгорон мавҷуданд. Хобгоҳҳо дорои ҳуҷраҳои бароҳат буда, ҳаммом, ҳоҷатхона ва ҳуҷраи хӯрокпазӣ дар ҳар як ошёна алоҳида ҷойгиранд. Инчунин, дар хобгоҳҳо ошхона ва нуқтаҳои хӯроккӯрии фаврӣ мавҷуданд. Сокинон бо мебели зарурӣ (кат, ҷевони либос, мизу курсӣ), инчунин ҷойхобҳо таъмин карда мешаванд. Дар хобгоҳҳо пайваста барои беҳтар кардани шароити зист мунтазам кор бурда мешавад. Инчунин, дар дар тавозуни донишгоҳ 1 истироҳатгоҳ дар минтақаи ноҳияи Варзоб низ мавҷуд аст, ки донишҷӯён дар вақти таътил ва устодону кормандон дар вақти рухсатии меҳнатӣ метавонанд истироҳат намоянд.

**5.2. Назорат ва натиҷаи ниҳоии азхудкунии донишҳо**

**5.2.1.** Аз рӯи ҳамаи фанҳо ва таҷрибаомӯзиҳое, ки дар барномаи таҳсилотӣ дарҷ гардидаанд, баҳои ҷамъбастӣ гузошта мешавад. Эквиваленти баҳои ҷамъбастӣ ба ҷадвали зерин мувофиқат менамояд:

| Эквиваленти ҳуруфии баҳо | Эквиваленти рақамии баҳо | %-ҷавобҳои дуруст | Баҳои анъанавӣ |
|---|---|---|---|
| A | 4,0 | $95 \le A \le 100$ | Аъло |
| A- | 3,67 | $90 \le A- < 95$ | |
| B+ | 3,33 | $85 \le B+ < 90$ | Хуб |
| B | 3,0 | $80 \le B < 85$ | |
| B- | 2,67 | $75 \le B- < 80$ | |
| C+ | 2,33 | $70 \le C+ < 75$ | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| C | 2,0 | $65 \le C < 70$ | Қаноатбахш |
| C- | 1,67 | $60 \le C- < 65$ | |
| D+ | 1,33 | $55 \le D+ < 60$ | |
| D | 1,0 | $50 \le D < 55$ | |
| Fx | 0 | $45 \le Fx < 50$ | Ғайриқаноатбахш |
| F | 0 | $0 \le F < 45$ | |

**5.2.2.** Баҳои ҷамъбастии донишҷӯ оид ба азхуд намудани барномаи таълимӣ аз рӯи ҳар як фан мувофиқи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад.

Баҳои ҷамъбастӣ = $\left[\frac{(P_1+P_2)}{2}\right]$*0,5+ ИК*0,5

$P_1$ –натиҷаи назорати санҷиши фосилавии 1

$P_2$ – натиҷаи назорати санҷиши фосилавии 2

НҶ – Назорати ҷамъбастӣ

**5.2.3.** Раванди баҳодиҳии имтиҳонҳои ҷорӣ ва натиҷабарории ниҳоии азхудкунӣ аз рӯи ҳар як фан ва дигар намудҳои фаъолият (аудиторӣ ва ғайриаудиторӣ) аз ҷониби Шурои таълимӣ-методии донишгоҳ дар асоси “Низомномаи низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон” муайян карда мешавад.

**5.3. Дар рафти амалӣ намудани барномаи таҳсилотӣ ДМТ ҳуқуқ дорад, ки:**

-раванди таълимро дар шакли курсҳои назариявии муаллифӣ ва машғулиятҳои гуногуни гурӯҳию инфиродӣ, амалию семинарӣ аз рӯи барномаҳои таълимӣ, ки дар худи донишгоҳ бо назардошти хусусиятҳои минтақавӣ, миллию этникӣ, касбӣ ва ҳамчунин корҳои илмӣ-таҳқиқотии омӯзгорон, ки мазмуну мундариҷаи ихтисосро фаро мегиранд, амалӣ гардонад;

-умқи таълими фаслҳои ҷудогонаи фанҳоеро, ки дар бахши фанҳои заминавӣ ва тахассусӣ қарор доранд, дар мутобиқат бо сикли фанҳои омоданамоии касбӣ ва бо назардошти ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои инфиродии донишҷӯён муқаррар намояд;

-номгӯи тахассусҳоро аз рӯи ихтисосҳои донишгоҳ, номгӯи фанҳои тахассусӣ, ҳаҷм, мазмуну мундариҷаи онҳо, инчунин шаклҳои назоратро барои аз худ намудани онҳоро, илова ба муқаррароти барномаи таҳсилотии мазкур, муайян намояд;

-барномаи таҳсилотро аз рӯи ихтисоси 1 - 2 5 0 1 0 4-0 2 –Кори бонкӣ дар муҳлатҳои ихтисоршуда барои донишҷӯёне, ки маълумоти миёнаи касбӣ ва ё таҳсилоти олии касбӣ дар ихтисосҳои мувофиқ дошта, амалӣ гардонад.

Муҳлатҳои ихтисорӣ дар асоси донишҳои мавҷуда, малакаву қобилияти донишҷӯён, ки қаблан дар давоми таҳсил дар муассисаҳои дигар ҳосил кардаанд, муайян карда мешавад. Муҳлат ва давомнокии ҳадди ақали таҳсил аз се сол кам нест. Таҳсил дар муҳлатҳои ихтисорӣ инчунин барои шахсоне, ки дараҷаи таҳсилот ва қобилияти онҳо ба ихтисос муносиб ва асоснок мебошад, низ иҷозат дода мешавад.

**5.4. Таъминоти кадрии раванди таълим**

Таъминоти кадрии барномаи таҳсилотии мазкур аз ҷониби кафедраҳои соҳавии зерин таъмин карда мешавад:

- Кафедраи молия ва суғурта;
- Кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонӣ;
- Кафедраи идоракунии молияи давлатӣ;
- Кафедраи андоз ва андозбандӣ;
- Кафедраи географияи иқтисодӣ ва сайёҳӣ;
- Кафедраи кибернетика ва иқтисоди рақамӣ;
- Кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ;
- Кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудит;
- Кафедраи омор;
- Кафедраи системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт;

- Кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодӣ;
- Кафедраи идоракунии захираҳои инсонӣ;
- Кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ;
- Кафедраи иқтисод ва идораи комплекси агросаноатӣ (КАС);
- Кафедраи менеҷмент ва маркетинг;
- Кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ.

Инчунин, барои татбиқи бахши фанҳои заминавӣ ва модули фанҳои умумикасбӣ кафедраҳои умумидонишгоҳӣ ҷалб карда мешаванд.

Тахассуси ҳайати роҳбарикунанда ва кормандони илмӣ-омӯзгорӣ ба тавсифномаи тахассусӣ, ки дар “Дастурамали вазифавии кормандони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ” зикр гардидааст, мувофиқат менамояд.

Маълумоти пурра оид ба ҳайати профессорону омӯзгорон, ки раванди таълимибарномаҳоитаҳсилотиро таъмин менамоянд, дар сомонаи расмии ДМТ ҷойгир шудааст (нигаред ба http://tnu.tj).

**5.5.Таъминоти таълимию методии раванди таълим**

Амалӣ намудани барномаи таҳсилоти омоданамоии мутахассисони соҳибдиплом бояд бо ҳуҷҷатҳои таълимию методӣ аз рӯи ҳамаи машғулиятҳои таълимӣ, дастрасии донишҷӯён ба фонди китобхона ва махзани маълумотҳо, ки бо мазмун ва мундариҷаи худ ба номгӯи фанҳои барномаи таҳсилот мутобиқанд, мавҷудияти китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ ва тавсияҳои методӣ аз рӯи ҳамаи фанҳо ва навъҳои машғулиятҳои таълимӣ, аз он ҷумла тамоми намудҳои корҳои лабораторию амалӣ дар доираи фанҳои таълимии ихтисос фароҳамомада таъмин бошад.

Мавҷудияти лабораторияҳо барои иҷрои корҳои лаборторӣ-амалӣ ҳатмӣ мебошад.

**5.6.Таъминоти моддию техникии раванди таълим**

Донишгоҳ, ки амаликунандаи барномаи таҳсилотии омоданамоии мутахассисони соҳибкасб мебошад, дорои заминаи моддӣ-техникии ба меъёрҳои санитарию техникӣ ва гузаронидани тамоми намудҳои машғулиятҳои лабораторӣ, амалӣ ва корҳои илмӣ-тадқиқотии донишҷӯён, ки нақшаи таълимии ихтисос муқаррар кардааст, ҷавобгӯ мебошад.

**5.7.Таъмини таълимию методии таҷрибаомӯзӣ**

Барномаи таҳсилотӣ барои омодагӣ ба фаъолияти касбӣ, бахши таҷрибаомӯзиро, ки бахри рушди салоҳиятҳои касбӣ равона шудааст, пешбинӣ намудааст. Бо ин мақсад баргузории се навъи таҷрибаомӯзӣ: таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешадипломӣ дар назар дошта шудааст. Миқдори ҳафтаҳои ҷудошуда ва вақти баргузории онҳо (семсетрҳо) дар ҷадвали зерин нишон дода шудааст:

| Таҷрибаомӯзиҳо | № семестр | Миқдори ҳафта |
|---|---|---|
| Таълимӣ | 4 | 2 |
| Истеҳсолӣ | 6 | 2 |
| Пешадипломӣ | 8 | 6 |

Шаклҳои ҳисоботӣ оид ба ҳар як намуди таҷрибаомӯзиҳо аз ҷониби Маркази таҷрибаомӯзӣ ва рушди касбияти ДМТ ва кафедраҳои соҳавӣ муайян карда мешавад.

**5.7.1.** Таҷрибаомӯзии таълимӣ хусусияти шиносоикунанда дошта, вазифаи он ба донишҷӯён нишон додани фаъолияти муассисаҳои иқтисодии молиявию қарзии давлатию хусусӣ, муассисаҳои буҷетию ғайрибуҷетӣ ва фаъолияти кормандони ин муасисаҳо мебошад. Ин имконият медиҳад, ки донишҷӯён бевосита раванди ташкили меҳнат, махсусиятҳои касбӣ ва дигар лаҳзаҳои амалиро бубинанд.

**5.7.2.** Таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ – раванди комплексие мебошад, ки дар он донишҷӯён намудҳои фаъолиятеро иҷро мекунанд, ки ихтисос муайян намудааст. Дар таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ҷиҳатҳои зерин муайян карда мешавад:

- самтгирӣ дар фазои касбият;
- тамоюли гуногунҷанбагии касбияти соҳаҳои фаъолияти иқтисодӣ, молиявӣ ва бонкдорӣ;
- ташаккулёбӣ дар муҳити табиии раванди фаъолияти касбии иқтисодию молиявӣ ва бонкӣ сурат мегирад, дар ҳоле ки барои иқтисодчӣ – бонкир предмети фикр восита ва методҳои фаъолияти касбии худи ӯ мебошад.

Таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ дар муассисаҳои зерсохторҳои Вазорати молия, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Бонки миллии Точикистон, бонкҳои тиҷоратӣ, ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ, қисматҳои молиявии тамоми ташкилотҳои буҷетиву ғайрибуҷетии кишвар ва берун аз он сурат мегиранд. Дар раванди таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ барои ҳар як муассиса (пойгоҳи таҷрибаомӯзӣ), донишгоҳ устодони кафедраҳои тахассусиро ҷудо менамояд. Устодон ба донишҷӯён оид ба рафти таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ва омода намудани ҳуҷҷатҳо машварат медиҳанд.

**5.7.3.** Таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ – раванди комплексие мебошад, ки дар он донишҷӯён намудҳои фаъолиятеро иҷро мекунанд, ки ихтисос муайян намудааст. Дар таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ ҷиҳатҳои зерин муайян карда мешавад:

- самтгирӣ дар фазои касбият;
- тамоили гуногунҷанбагии касбияти бонкири оянда дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти иқтисодиву-молиявӣ;
- ташаккулёбӣ дар муҳити табиии раванди фаъолияти касбии иқтисодию молиявӣ инъикос меёбад, дар ҳоле ки барои иқтисодчӣ – бонкир предмети фикр восита ва методҳои фаъолияти касбии худи ӯ мебошад;
- омоданамоии рисолаи хатмкунӣ дар асоси маводҳои аз муассисаву ташкилотҳои дар онҷо таҷрибаомӯзӣ гузаронида.

Таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ дар муассисаҳои зерсохторҳои Вазорати молия, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Бонки миллии Точикистон, бонкҳои тиҷоратӣ, ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ, донишгоҳ, қисматҳои молиявии тамоми ташкилотҳои буҷетиву ғайрибуҷетии кишвар ва берун аз он сурат мегиранд. Дар раванди таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ барои ҳар як муассиса (пойгоҳи таҷрибаомӯзӣ), донишгоҳ устодони кафедраҳои тахассусиро, ки роҳбарони рисолаҳои хатмкунӣ мебошанд, ҷудо менамояд. Устодон ба донишҷӯён оид ба рафти таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ ва омода намудани ҳуҷҷатҳо машварат медиҳанд.

## 6. МУНДАРИҶАИ МАҶМӮИ ҲУҶҶАТҲОИ БАРНОМАИ ТАҲСИЛОТӢ АЗ РӮИ ИХТИСОСИ КОРИ БОНКӢ

### 6.1.Нақшаи таълимӣ аз рӯи ихтисос (НТИ)

Нақшаи таълимӣ қисмати маҷмӯи ҳуҷҷатҳои барномаи таҳсилотӣ ба ҳисоб рафта, рӯйхати фанҳо, ҳаҷми буҷаи вақт, тартиби паиҳамоӣ ва давраҳои алоҳидаи омодагии фанҳои таълимӣ, таҷрибаомӯзиҳо, машғулиятҳои факултативӣ, модулҳои таълимӣ ва дигар навъҳои фаъолияти амалии таълимиро муқаррар менамояд. Нақшаи таълимӣ аз рӯи ихтисосҳои амалкунандаи ДМТ қисматҳои зеринро дар бар мегирад:

-номгӯй ва рамзи ихтисос, тахассус, муҳлат ва шаклҳои таълим;
- тақвими раванди таълим (дар ҳафтаҳо);
- маҷмӯи буҷаи вақт (дар ҳафтаҳо);

-нақшаи раванди таълим бо нишон додани номгӯйи бахшҳо ва фанҳои ҳатмӣ, миқдори кредитҳо (аудиторӣ ва ғайриаудиторӣ), нимсолаҳо, таҷрибаомӯзиҳо ва аттестатсияи давлатӣ;

-феҳристи фанҳои интихобӣ.

Нақшаи таълимӣ аз рӯи ихтисос аз тарафи ДМТ дар мутобиқат бо ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва талаботе, ки дар бандҳои 2 ва 4-и ҳуҷҷати мазкур дарҷ гардидааст, таҳия шудааст.

**6.2.Нақшаи таълимии корӣ (НТК)**

НТК бо назардошти тахассуси интихобшуда ва талаботи қисматҳои ДМТ ва давлатӣ таҳия шудааст. Нақшаи кории таълим сохтори курси махсус ва буҷаи вақт, ки барои омӯзиши он зарур аст, муайян менамояд; НТК маҷмӯи фанҳои таълимӣ ва ҳаҷми онҳоро дар соатҳо дар бар мегирад. Ҷадвали раванди таълим, пайдарҳамии омӯзиши фанҳоро аз рӯи курсҳо ва семестрҳо, навъҳои машғулиятҳои таълимии таҷрибавии гуногун, шаклҳои фосилавӣ ва навъҳои аттестатсияи ниҳоии давлатиро муайян мекунад. НТК дар асоси нақшаи намунавии таълимӣ, бо мувофиқаи Шӯрои олимони факултет омода ва аз тарафи раёсати таълим (шуъбаи таълим), тасдиқ карда мешавад.

**6.3.Барномаҳо аз рӯи навъҳои таҷрибаомӯзӣ**

Барномаҳо аз рӯи навъҳои таҷрибаомӯзӣ (таълимӣ, истеҳсолӣ, пешаздипломӣ) дар асоси Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ бо назардошти талаботи ҳадди ақали мундариҷа ва сатҳи омодагии хатмкунандагон аз рӯи ихтисоси “Кори бонкӣ” ҷиҳати ба даст овардани салоҳиятҳои касбӣ, таҷрибаи амалӣ ва омодагӣ ба фаъолияти касбии хатмкунанда таҳия карда шудаанд.

Барномаҳо аз рӯи навъҳои таҷрибаомӯзӣ қисматҳои зеринро дар бар гирад:

-принсипҳои асосии ташкил намудани таҷрибаомӯзиҳо;

-мақсад ва вазифаҳои таҷрибаомӯзӣ;

-мундариҷа, шаклҳо, макон ва вақти гузаронидан таҷрибаомӯзиҳо;

-натиҷаи ташаккулёбии салоҳиятнокии донишҷӯён баъд аз гузаштан аз таҷрибаомӯзиҳо;

- сохтор ва мундариҷаи таҷрибаомӯзиҳо;

-басти вазифаҳо, ки донишҷӯён бояд ба таври ҳатмӣ дар рафти таҷрибаомӯзиҳо иҷро намоянд;

-ҳуҷҷатҳои ҳисоботӣ аз натиҷаи гузаштани таҷрибаомӯзиҳо;

-тарзи баҳогузории донишҷӯён аз натиҷаи гузаштани таҷрибаомӯзиҳо;

- таъминоти таълимӣ-методӣ ва иттилоотии таҷрибаомӯзиҳо

Барномаҳои таҷрибаомӯзӣ аз тарафи кафедраи тахассусӣ бо ҷалби шуъбаи таҷрибаомӯзӣ ва заминае, ки дар он таҷрибаомӯзӣ гузаронида мешавад, омода карда мешаванд. Ҳуҷҷати мазкур аз тарафи раёсати таълим (шуъбаи таълим) тасдиқ карда мешавад.

**6.4.Барномаи таълимии фан**

Барномаи таълимии фан-ин қисмати барномаи таҳсилотӣ мебошад, ки мақсад ва вазифаҳои курс (фанҳоро) бо тавсифи мавзӯъҳо ва иттилооти иловагӣ, ки дар асоси он барномаи кории фан (силлабус) таҳия карда мешавад, дар бар мегирад. Барномаи таълимии фан аз тавсифи фан, шарҳи мухтасари мавзӯъҳо ва маводи таълим, супоришҳо барои кори мустақилона, мисолҳои тестӣ, меъёрҳои баҳодиҳии дониш ва рӯйхати адабиётҳо иборат мебошад.

Ҳуҷҷати мазкурро кафедраи тахассусӣ таҳия намуда, Шӯрои илмӣ-методии факултет маъқул шуморида, Шӯрои илмӣ-методии ДМТ тасдиқ менамояд.

**6.5. Силлабус/Барномаи корӣ барои донишҷӯ**

Силлабус - ин барномаи корӣ барои донишҷӯй бо тавсифи мухтасари курс, мақсад ва натиҷаҳои таълими донишҷӯй, ҳамчунин раванд ва тарзи баҳодиҳии фаъолияти донишҷӯён мебошад. Силлабус тавсифи фанни омӯхташаванда, мақсад ва

вазифаҳои фан, номгӯи мавзӯъҳо ва муҳлати омӯзиши онҳо, супориш барои иҷрои корҳои мустақилона, тартиби қабули супоришҳои тестӣ ва назоратӣ, корҳои лабораторӣ, вақти машваратҳо ва ҷадвали санҷиши дониши донишҷӯён, талаботи омӯзгор, меъёрҳои баҳодиҳӣ ва рӯйхати адабиётҳоро дар бар мегирад.

Силлабус аз ҷониби ҳар як омӯзгор таҳия, дар кафедра баррасӣ, аз тарафи Шӯрои илмӣ-методии факултет маъқул шуморида шуда, Раёсати таълим (шуъбаи таълим) онро тасдиқ менамояд.

### 6.6. Шарҳи мухтасари барномаҳои таълимии фанҳои ҳатмӣ ва интихобӣ

Шарҳи мухтасари барномаҳои таълимии фанҳои ҳатмӣ ва интихобӣ-ин қисмати ҷудонашавандаи барномаи таҳсилотӣ (замима), мебошад, ки иттилооти мухтасарро дар бораи фанни таълимдодашаванда ва мундариҷаи он инъикос менамояд. Ҳуҷҷати мазкур бояд бандҳои зеринро дар бар гирад:

-номгӯи фан;
- тавсифи мухтасари фан;
- навъҳои машғулиятҳо;
- забони таҳсил;
- натиҷаҳои интизории таълим;
- номгӯи қисматҳои фан;
- воситаҳои истифодашавандаи таълим;
- шаклҳои ҷорӣ ва ҷамъбастии назорат.

Шарҳи мухтасари барномаҳои таълимии фанҳои ҳатмӣ ва интихобӣ аз рӯи ихтисоси “Кори бонкӣ” аз тарафи факултети молиявию иқтисодӣ бо ҷалби кафедраҳои тахассусӣ ва умумидонишгоҳӣ таҳия карда мешавад. Ҳуҷҷати мазкур дар алоҳидагӣ бе барномаи таҳсилотӣ тасдиқ карда намешавад.

## 7. АТТЕСТАТСИЯИ ХАТМ АЗ РӮИ ИХТИСОС

### 7.1. Мафҳумҳои асосии аттестатсияи хатм

Аттестатсияи хатми мутахассиси соҳаи бонкӣ супоридани имтиҳони давлатӣ аз фанҳои тахассусӣ ва ҳимояи рисолаи хатми бакалаврро дар бар мегирад.

Аттестатсияи хатм барои муайян намудани сатҳи омодагии назариявӣ ва амалии мутахассиси соҳаи бонкӣ ба иҷрои вазифаҳои касбӣ, ки барномаи таҳсилотии мазкур муқаррар намудааст ва барои идомаи таҳсил дар зинаи магистратура мутобиқи банди 1.7-и ҳуҷҷати мазкур гузаронида мешавад.

Имтиҳони давлатӣ аз фанҳои тахассусӣ як ҷузъи аттестатсияи хатми донишҷӯ ба шумор рафта, бояд ба талаботи мазмун ва мундариҷаи барномаи таҳсилотие, ки донишҷӯ онро аз худ кардааст, мутобиқ бошад.

#### 7.1.1.Кори тахассусии хатм

Рисолаи тахассусии хатм бояд дар шакли чопии компютерӣ пешниҳод карда шавад. Талабот ба ҳаҷм, мазмун ва сохтори рисолаи хатми тахассусиро донишгоҳ дар асоси “Низомнома дар бораи рисолаҳои тахассусии хатм”, ки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намудааст, муайян менамояд.

Вақти барои омода намудан ва ба ҳимоя пешниҳод намудани рисолаи тахассусии хатм на камтар аз шаш ҳафтаро ташкил медиҳад.

#### 7.1.2.Имтиҳони давлатӣ аз фанҳои тахассусӣ

Тартиби гузаронидан ва барномаи имтиҳони давлатиро аз рӯи ихтисоси «Кори бонкӣ”, дар асоси тавсияҳои методӣ ва барномаҳои намунавӣ – Низомномаи аттестатсияи хатм, ки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардааст, аз ҷониби Донишгоҳ муайян карда мешавад.

### 7.2. Ҳуҷҷати намунаи давлатӣ дар бораи таҳсилоти олии касбӣ (диплом)

**7.2.1.** Хатмкунандае, ки барномаи таҳсилотии олии касбиро аз худ кардааст, ба ӯ ҳуҷҷати намунаи давлатӣ дар бораи таҳсилоти олии касбӣ (диплом) дараҷаи бакалавр аз рӯи ихтисоси 1 - 2 5 0 1 0 4-0 2 –Кори бонкӣ, дода мешавад.

**7.2.2.Сохтори замимаи диплом**

Дар замимаи дипломи намунаи давлатӣ дараҷаи академӣ, ихтисос, номгӯи фанҳо ва натиҷаи кредитҳои дар давоми семестрҳо азхудшуда; GPA аз рӯи натиҷаҳои семестр ва дар умум, натиҷаи корҳои курсӣ, таҷрибаомӯзиҳо, натиҷаи аттестатсияи давлатӣ ва натиҷаи ҳимояи кори хатми тахассусӣ, натиҷаҳои таълим; рақам ва серияи дипломи намунаи давлатӣ нишон дода мешавад.

Замима бе диплом асос надорад.

## 8. НИЗОМИ ДОХИЛИИ ТАЪМИНИ СИФАТИ БАРНОМАИ ТАҲСИЛОТӢ

### 8.1. Мафҳумҳои асосии кафолати сифат

Сифати таҳсилот – тавсифи комплексии фаъолияти таълимӣ ва омода намудани донишҷӯён, ки дараҷаи мутобиқати онҳоро бо стандарти давлатии таҳсилот ва талаботи асосии ҷонибҳои манфиатдор ва ҳамчунин сатҳи дастовардҳои мақсадҳои ба нақша гирифта ва натиҷаҳои барномаҳои таҳсилотӣ ифода менамояд.

Таъмини сифат – раванди ташаккули шароитҳои муайян ва ҷудо намудани захираҳои зарурие мебошад, ки мутобиқати мазмуну мундариҷаи барномаи таҳсилотӣ, имкониятҳои таҳсилотро ва воситаҳое, ки мақсади барнома нисбат ба дараҷаи сифат муайян кардааст, маҳсуб меёбад.

Низоми дохилии таъмини сифат дар донишгоҳ – ин маҷмуи сохторҳои ташкилии донишгоҳ, ҳуҷҷатгузории дохилӣ, нишондодҳо, равандҳо, захираҳо, ки барои ҳамеша баланд бардоштани сифати барномаҳои таҳсилотӣ ва рушди фарҳанги канданашаванда такмилёбӣ мебошад.

### 8.2.Принсипҳои кафолати сифат

Принсипҳои кафолати сифат дар ДМТ:

- ДМТ барои таъмини сифати таҳсилот ва кафолати он масъули асосӣ мебошад;

-кафолати сифат ба талаботи низомҳои гуногуншакли таҳсилоти олӣ, донишгоҳ ва донишҷӯён ҷавобгӯ мебошад;

-кафолати сифат талаботи донишҷӯён, ҷомеа ва дигар ҷонибҳои манфиатдорро ба эътибор мегирад;

-барномаҳои таҳсилотро тавассути сохторҳои дахлдори донишгоҳ мунтазам таҳлил ва таҷдид менамояд;

-худҳисоботдиҳии даврӣ аз рӯи натиҷаҳои омоданамоии донишҷӯён тибқи барномаҳои таҳсилотӣ;

-мунтазам дар байни донишҷӯён, хатмкунандагон ва корфармоён гузаронидани пурсишҳо (анкетаронӣ);

-бо мақсади таҳлил намудани сифати барномаҳои таҳсилотӣ даъват намудани ташхисгарони беруна;

- дастрасии натиҷаҳои баҳодиҳӣ ба сифати барномаҳобарои ҷомеа боз аст.

### 8.3.Стандартҳои дохилии таъмини сифат

Низоми дохилии таъмини сифат дар заминаи "Стандартҳо ва роҳнамо барои таъмини сифати таҳсилоти олӣ дар фазои аврупоии таҳсилоти олӣ (ESG)" таҳия гардида, аз ҷанбаҳои зерин иборат аст:

-сиёсати дохилии таъмини сифат;

-таҷдид ва такмили барномаҳо;

-таълими ба донишҷӯ нигаронидашуда;

-стандартҳои қабули донишҷӯён, назорати давомот ва пешрафт, эътироф гардидан ва шаҳодатномадиҳӣ;

-стандартҳое, ки равандҳои адолатноку шаффофро зимни ба кор гирифтан, рушди касбӣ ва аз кор озод намудани кормандонро ба инобат мегиранд;

-стандартҳои захираҳои таълимии низомҳои дастгирикунандаи таълимгирандагон (маблағгузории кофӣ барои таълим ва фаъолияти омӯзгорӣ; пешниҳоди захираҳои таълимии босифат ва дастрас, роҳҳои дастгирии донишҷӯён);

-стандартҳои идоракунии иттилоот (донишгоҳҳо бояд ҷамъоварӣ, таҳлил ва истифодаи иттилооти мувофиқро бо мақсади идоракунии самараноки барномаҳои таҳсилотӣ ва дигар самтҳои фаъолиятро таъмин намоянд);

-стандартҳои иттилоонии ҷамоатчигӣ: донишгоҳҳо бояд дар хусусияти фаъолияти худ иттилоот нашр намоянд, ки он шаффоф, аниқ, холисона, мубрам ва фаҳмову дастрас бошанд;

-мунтазам баргузор намудани мониторинг ва баҳодиҳии даврии барномаҳо;

-таъмини мунтазами берунаи сифат.

## 9. ҚОИДАҲОИ ҚАБУЛ ТИБҚИ БАРНОМАИ ТАҲСИЛОТӢ

**9.1.** Дар ҷойҳои ҷудошуда аз рӯи ихтисоси 1 - 2 5 0 1 0 4-0 2 –Кори бонкӣ, дар ДМТ метавонанд, ҳам шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам шаҳрвандони дигар кишварҳо довталаб бошанд. Миқдори ҷой барои қабул ба курси 1-ум аз рӯи ихтисоси кори бонкиро Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи замимаи Иҷозатнома оид ба ҳуқуқи пешбурди фаъолияти таълимӣ муайян мекунад.

**9.2.** Дар асоси озмун аз рӯи натиҷаи супоридани имтиҳонҳои дохилшавӣ тариқи Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - ММТ). ба курси 1-ум шахсоне қабул карда мешаванд, ки соҳиби таҳсилоти миёнаи (пурраи) умумӣ мебошанд. Ҳамчун идомаи таҳсил ба курси дуюм шахсоне, ки дорои таҳсилоти миёнаи касбӣ ё таҳсилоти олии касбӣ ҳастанд, дар асоси озмун аз рӯи натиҷаи супоридани имтиҳонҳои қабул (мусоҳиба) дар ДМТ қабул карда мешаванд.

**9.3.** Қабул дар шуъбаи рӯзона танҳо ба шахсони синнашон то 35 сола ва шуъбаи таҳсилоти фосилавӣ бошад - бе маҳдудияти синну сол ба роҳ монда мешавад.

**9.4.** Бо нақшаи қабул ва номгӯи ҳуҷҷатҳо барои қабулдар сомонаҳои расмии ММТ ва ДМТ шинос шудан мумкин аст. (нигаред ба https://ntc.tj ва tnu.tj)

## 10. ИДОРАКУНИИ ТАҒЙИРОТ

Дар ҳолати ворид намудани тағйирот ва ё таҷдиди назар гардидани барномаҳо кафедраи тахассусӣ бояд дар ин хусус маълумотҳои зарурирo ба муҳокимаи Шурои олимони ДМТ барои баррасӣ ва тасдиқ кардан манзур намояд.

**Замимаҳо**

## Шарҳи мухтасари барномаҳои таълимӣ аз рӯи фанҳои ҳатмӣ

### 1. БАХШИ ФАНҲОИ ЗАМИНАВӢ

### 1.1. МОДУЛИ ИҶТИМОӢ-ГУМАНИТАРӢ

**1.1.1. Фалсафа**

| | |
|---|---|
| **Тавсифи мухтасари фан** | **Фалсафа -** илми ҷомеашиносӣ буда, мавзӯи фалсафа шинохти ҳақиқати ҳастӣ ва объекти он тамоми ҳастӣ: табиат, ҷамъият, инсон ва қобилияти маърифатии вай аст. |
| **Намуди машғулиятҳо** | лексионӣ, семинарӣ, кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор |
| **Забони таълим** | тоҷикӣ, русӣ |
| **Салоҳиятҳое, ки дар донишҷӯ зимни азхуднамоии фанни мазкур ташаккул бояд ёбанд** | - қодир ба ҷустуҷӯ, таҳлили интиқодӣ ва коркарди иттилоот, истифодаи муназзам дар ҳалли вазифаҳои гузошташуда мебошад;<br>- қодир аст гуногунии фарҳангии ҷомеаро дар заминаи иҷтимоӣ-таърихӣ, ахлоқӣ ва фалсафӣ дарк кунад. |
| **Натиҷаҳои таълиме, ки аз тадриси фан ба даст меоянд** | Донишҷӯе, ки фанни мазкурро аз худ кардааст, бояд:<br>***Донад***<br>- зарурати омӯзиши фалсафа, мафҳумҳои асосӣ, вазифаҳои фалсафа, марҳилаҳои таърихии инкишофи фан, фарқи фалсафаро аз дигар илмҳои ҷомеашиносӣ, алоқамандии фалсафаро бо илмҳои иҷтимоӣ-инсоншиносӣ, табиӣ-риёзӣ ва техникӣ дарк карда, тасаввуроти хешро нисбати афкори гуногуни намояндагони мактабҳои фалсафӣ, ки марбут ба масоили ҳастишиносӣ ва маърифат кардани ҳодисоти олам;<br>- тамаддунҳо ва ба ҷаҳонисозии арзишҳои фарҳангӣ, эҳёи суннатҳои ахлоқӣ, тарбиявӣ;<br>- таърихи ташаккули миллати тоҷик;<br>- нақши донишҳои фалсафиро дар ҷомеа муайян намуда, арзиши афкори фалсафиро дар шароити ҷомеаи техногенӣ ва иртиботӣ танҳо ба манфиати ҷоме;<br>- усулҳои асосии илмӣ ва методҳои фалсафиро омӯхта, ҷиҳати пажӯҳиши корҳои илмӣ-тадқиқотии худ.<br>***Тавонад***<br>- оид ба ғояи афкори фалсафӣ андешаи дуруст пайдо карданро;<br>- фаҳмидан ва шарҳ додани мафҳум ва категорияҳои фалсафиро;<br>- фарқ кардани ақидаҳои намояндагони мактабҳои фалсафиро оид ба масоили ҳастишиносӣ ва маърифатпазирӣ;<br>- хусусиятгириҳои афкори фалсафиро вобаста ба марҳилаҳои инкишофи фалсафа;<br>- истифодаи методҳои фалсафиро ҷиҳати ҳал ва баррасии масъалаҳои ҳаётии мавриди баҳс қароргиранда;<br>- таъриф додани мафҳумҳои калидии фалсафаро;<br>- дарк намудани масоили мубрами муосир ва роҳҳои ҳалли онҳоро.<br>***Аз худ намояд***<br>- малакаи таҳлилнамоиро;<br>- малакаи таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавиро;<br>- малакаи бо ҳамтоёни худ ҳамкорӣ карданро. |
| **Номгӯи боб/мавзӯъҳои фан** | - таърихи фалсафа<br>- онтология<br>- гнесоология<br>- фалсафаи инкишоф<br>- фалсафаи иҷтимоӣ<br>-антропологияи фалсафӣ<br>-фалсафаи илм |
| **Васоити таълимӣ ва таъминоти техникии** | Компютери фардӣ, проектор, тахтаи электронӣ |

| | |
|---|---|
| **фан** | |
| **Шаклҳои назорати ҷорӣ** | Супоришҳои тестӣ, суҳбати инфиродӣ |
| **Шакли арзёбии натиҷаи ниҳоии таълими фан** | Имтиҳон (тестӣ, комютерӣ) |

**1.1.2. Таърихи муосири Тоҷикистон**

| | |
|---|---|
| **Тавсифи мухтасари фан** | **Таърихи муосири Тоҷикистон-** ҳадафи омӯзиши фан ба донишҷӯён додани донишҳои зарурӣ дар бораи таърихи давлатдории муосири Тоҷикистон |
| **Намуди машғулиятҳо** | лексионӣ, семинарӣ, кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор |
| **Забони таълим** | тоҷикӣ, русӣ |
| **Салоҳиятҳое, ки дар донишҷӯ зимни азхуднамоии фанни мазкур ташаккул бояд ёбанд** | - қодир ба ҷустуҷӯ, таҳлили интиқодӣ ва коркарди иттилоот, истифодаи муназзам дар ҳалли вазифаҳои гузошташуда мебошад;<br>- қодир аст гуногунии фарҳангии ҷомеаро дар заминаи иҷтимоӣ-таърихӣ, ахлоқӣ ва фалсафӣ дарк кунад. |
| **Натиҷаҳои таълиме, ки аз тадриси фан ба даст меоянд** | Донишҷӯе, ки фанни мазкурро аз худ кардааст, бояд:<br>***Донад***<br>- зарурати омӯзиши таърихи муосири Тоҷикистон, мафҳумҳои асосӣ, вазифаҳои таърих, марҳилаҳои таърихии инкишофи Тоҷикистон, алоқамандии таърихи муосири Тоҷикистонро бо илмҳои иҷтимоӣ-инсоншиносӣ, табиӣ-риёзӣ ва техникӣ дарк карда, тасаввуроти хешро нисбати ташаккули давлатдории муосири Тоҷикистон;<br>- нақши донишҳои таърихиро дар ҷомеа муайян намуда, инкишофи таърихии халқи тоҷикро пурра дарк намуда, санадҳои асосии таърихии рушди Тоҷикистон;<br>- усулҳои асосии илмӣ ва методҳои таърихиро омӯхта, ҷиҳати пажӯҳиши корҳои илмӣ-тадқиқотии худ.<br>***Тавонад***<br>- оид ба инкишофи таърихи муосири Тоҷикистон андешаи дуруст пайдо карданро;<br>- фаҳмидан ва шарҳ додани мафҳум ва категорияҳои таърихиро;<br>- хусусиятгириҳои афкори таърихиро вобаста ба марҳилаҳои инкишофи таърихи муосири Тоҷикистон;<br>- дарк намудани масоили мубрами муосир ва роҳҳои ҳалли онҳоро.<br>***Аз худ намояд***<br>- малакаи таҳлилнамоиро;<br>- малакаи таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавиро;<br>- малакаи бо ҳамтоёни худ ҳамкорӣ карданро |
| **Номгӯи боб/мавзӯъҳои фан** | - Ҷомеаи Тоҷикистон дар раванди таърихии муосир;<br>- Ташаккули илм, маориф, фарҳанг дар раванди таърихи муосири Тоҷикистон;<br>- Ташаккули соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқию сиёсӣ дар раванди таърихи муосири Тоҷикистон; |
| **Васоити таълимӣ ва таъминоти техникии фан** | Компютери фардӣ, проектор, тахтаи электронӣ |
| **Шаклҳои назорати ҷорӣ** | Супоришҳои тестӣ, суҳбати инфиродӣ |
| **Шакли арзебии натиҷаи ниҳоии таълими фан** | Имтиҳон (тестӣ, комютерӣ) |

**1.1.3. Фарҳаншиносӣ**

| | |
|---|---|
| **Тавсифи мухтасари фан** | **Фарҳангшиносӣ -** илми ҷомеашиносӣ буда, мавзӯи он шинохти фарҳанг дар маҷмӯъ ва шинохти фарҳанги милливу умумибашарӣ мебошад. |
| **Намуди машғулиятҳо** | лексионӣ, семинарӣ, кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор |
| **Забони таълим** | тоҷикӣ, русӣ |
| **Салоҳиятҳое, ки дар** | - қодир ба ҷустуҷӯ, таҳлили интиқодӣ ва коркарди иттилоот, истифодаи |

| | |
|---|---|
| **донишҷӯ зим-ни азхуднамоии фанни мазкур ташаккул бояд ёбанд** | муназзам дар ҳалли вазифаҳои гузошташуда мебошад;<br>- қодир аст гуногунии фарҳангии ҷомеаро дар заминаи иҷтимоӣ-таърихӣ, ахлоқӣ ва фалсафӣ дарк кунад. |
| **Натиҷаҳои таълиме, ки аз тадриси фан ба даст меоянд** | Донишҷӯе, ки фанни мазкурро аз худ кардааст, бояд:<br>***Донад***<br>- Ба мазмун ва моҳияти фан, мақоми он дар байни илмҳои фалсафӣ сарфаҳм рафтанро;<br>-Асосҳо ва шаклҳои тафаккури илмиро аз худ намуданро;<br>- Моҳияти татбиқи методи омӯзиши мафҳумҳоро дуруст дарк намуданро;<br>- Доир ба принсипҳои методологӣ ва ҷаҳонбинии илмӣ маълумоти кофиро;<br>- Дар бораи хусусияти методҳои универсалии таҳқиқи мафҳумҳо ва моҳияти онҳо дониши мукаммалро.<br>***Тавонад***<br>- Мафҳумҳои фарҳангшиносиро шарҳ дода;<br>- Ягонагии моҳияти назарияҳои гуногуни фарҳангшиносиро дуруст фаҳмида;<br>-Дар бораи давраҳои инкишофи фарҳангшиносӣ тасаввурот пайдо карда;<br>- Ба моҳияти зиддиятноки баъзе назарияҳо доир ба фалсафа дуруст баҳо дода;<br>- оид ба ғояи афкори фалсафӣ андешаи дуруст пайдо карданро;<br>- таъриф додани мафҳумҳои калидии фарҳангшиносиро;<br>- дарк намудани масоили мубрами муосир ва роҳҳои ҳалли онҳоро.<br>***Аз худ намояд***<br>- малакаи таҳлилнамоиро;<br>- малакаи таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавиро;<br>- малакаи бо ҳамтоёни худ ҳамкорӣ карданро. |
| **Номгӯи боб/мавзӯъҳои фан** | - унсурҳои асосии фарҳанг<br>- аксиология<br>- таносуби фарҳанг ва маданият<br>- равобити фарҳангии Шарқу Ғарб<br>- фарҳанги тоҷик дар замони шӯравӣ<br>- фарҳанги тоҷик дар замони соҳибистиқлолӣ<br>- ҷаҳонишавӣ |
| **Васоити таълимӣ ва таъминоти техникии фан** | Компютери фардӣ, проектор, тахтаи электронӣ |
| **Шаклҳои назорати ҷорӣ** | Супоришҳои тестӣ, суҳбати инфиродӣ |
| **Шакли арзёбии натиҷаи ниҳоии таълими фан** | Имтиҳон (тестӣ, комютерӣ) |

### 1.1.4. Диншиносии илмӣ

| | |
|---|---|
| **Тавсифи мухтасари фан** | **Диншиносии илмӣ -** илмест, ки дар бораи пайдоиши дин, қонуниятҳои таҳаввули он, моҳияти дин, сохтори дин, вазифаҳои иҷтимоии дин, нақш ва мавқеи он дар ҷомеа, муносибат ва таносуби дину давалат ва ғайраро дар марилахои гуногуни таърихӣ меомӯзад. |
| **Намуди машғулиятҳо** | лексионӣ, семинарӣ (амалӣ), кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор |
| **Забони таълим** | Тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ |
| **Салоҳиятҳое, ки дар донишҷӯ зимни азхуднамоии фанни мазкур ташаккул бояд ёбанд** | - қодир ба ҷустуҷӯ, таҳлили интиқодӣ ва коркарди иттилоот, истифодаи муназзам дар ҳалли вазифаҳои гузошташуда мебошад;<br>- қодир аст гуногунии динҳои ҷомеаро дар заминаи иҷтимоӣ-таърихӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ ва динӣ дарк кунад. |
| **Натиҷаҳои таълиме, ки аз тадриси фан ба даст меоянд** | Донишҷӯе, ки фанни мазкурро аз худ кардааст, бояд:<br>Донад:<br>- заруриати омӯзиши дин, мафҳумҳои асосӣ, вазифаҳои диншиносӣ, марҳилаҳои таърихии инкишофи фан, тафовути диншиносӣ аз дигар илмҳои ҷомеашиносӣ, алоқамандии диншиносӣ бо илмҳои иҷтимоӣ-инсоншиносӣ, табиӣ-риёзӣ ва техникӣ;<br>-ҷаҳонишавӣ ва арзишҳои динӣ, эҳёи суннатҳои миллӣ ва динӣ, тарбиявӣ; |

| | |
|---|---|
| | - нақши дин дар ҷомеа;<br>-муайян намудани арзишҳои динӣ-ахлоқӣ дар шароити ҷаҳонишивӣ;<br>- корбурди усулҳои асоси илмӣ дар омӯзиши фани диншиносӣ.<br>Тавонад:<br>- оид ба афкор ва таълимотҳои динӣ-фалсафӣ андешаи дуруст пайдо намояд;<br>- фаҳмидан ва шарҳ додани масоилҳои асоси динӣ-фалсафӣ;<br>- Таҳлили муқоисавӣ афкор ва назарияҳои диниро аз мавқеи фалсафӣ;<br>- Марҳилаҳои асоси ташаккулёби диншиносиносиро ҳамчун илм;<br>- Шарҳ ва тавзеҳи масоили диншиносии илмӣ;<br>- дарк намудани хатару таҳдидҳои идеологии замони муосир аз мавқеи диншиносии илмӣ.<br>Малака ҳосил намояд<br>- методологияи таҳқиқоти диншиносӣ;<br>- усулҳои муосири ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили падидаҳои динӣ-фарҳангӣ, динӣ-сиёсӣ ва нақшу мақоми онҳо дар ҷомеа. |
| **Номгӯи боб/мавзӯъҳои фан** | Диншиносии илмӣ ва доираи баҳси он<br>Даврахои ташаккулёбии диншиносии илмӣ<br>Пайдоиши диншиносии илмӣ<br>Дин, пайдоиш ва моҳияти он<br>Шуури динӣ ва сохтори он<br>Вазифаҳои иҷтимоии дин<br>Озодии виҷдон ва фарҳанги таҳаммулпазирӣ<br>Таърихи дин<br>Динҳои миллӣ<br>Динҳои ҷаҳонӣ<br>Ислом, таърих ва пайдоишу густаришёбии он<br>Дин дар ҷаҳони муосир<br>Дин дар равияҳои муосири фалсафӣ |
| **Васоити таълимӣ ва таъминоти техникии фан** | Компютери фардӣ, проектор, тахтаи электронӣ |
| **Шаклҳои назорати ҷорӣ** | Супоришҳои тестӣ, суҳбати инфиродӣ, таҳлилу баррасии масъалаҳо. |
| **Шакли арзебии натиҷаи ниҳоии таълими фан** | Имтиҳон (тестӣ ва шифоҳӣ) |

**1.1.5. Сотсиология**

| | |
|---|---|
| **Тавсифи мухтасари фан** | **Сотсиология** - ҳадафи омӯзиши фан ин ташаккул додани тасаввуроти умумии донишҷӯён оид ба ҷомеа, равишҳои асосии назариявии омӯзиши он ва таҳқиқӣ мушкилоти сотсиологии муосир, таъсири ҳодисаю равандҳои ҷамъиятӣ ба соҳаи иқтисодиёт, ҳуқуқ ва идоракунӣ. |
| **Намуди машғулиятҳо** | лексионӣ, семинарӣ, кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор |
| **Забони таълим** | тоҷикӣ, русӣ |
| **Салоҳиятҳое, ки дар донишҷӯ зимни азхуднамоии фанни мазкур ташаккул бояд ёбанд** | - қодир ба ҷустуҷӯ, таҳлили интиқодӣ ва коркарди иттилоот, истифодаи муназзам дар ҳалли вазифаҳои гузошташуда мебошад;<br>- қодир аст гуногунии ҷомеаро дар заминаи иҷтимоӣ-таърихӣ, ахлоқӣ ва фалсафӣ дарк кунад. |
| **Натиҷаҳои таълиме, ки аз тадриси фан ба даст меоянд** | Донишҷӯе, ки фанни мазкурро аз худ кардааст, бояд:<br>***Донад:***<br>- зарурияти омӯзиши сотсиология, мафҳумҳои асосӣ, вазифаҳои сотсиология, марҳилаҳои таърихии инкишофи фан, фарқи сотсиологияро аз дигар илмҳои ҷомеашиносӣ, алоқамандии сотсиологияро бо илмҳои иҷтимоӣ-инсоншиносӣ, табиӣ-риёзӣ ва техникӣ дарк карда, тасаввуроти хешро нисбати афкори гуногуни намояндагони макотиби сотсиологӣ, ки марбут ба масоили ҳастишиносӣ ва маърифат кардани ҳодисоти олам; мавзӯи ҷомеашиносӣ;<br>- дониши муосири сотсиологӣ дар фаҳмиши объект ва предмети ҷомеашиносӣ;<br>- Шахсият ҳамчун субъект ва маҳсули муносибатҳои иҷтимоӣ;<br>- Ҷамъиятҳои иҷтимоӣ ҳамчун шаклҳои ташкили иҷтимоии шахсони алоҳида;<br>***Тавонад:***<br>- оид ба ғояи афкори сотсиологӣ андешаи дуруст пайдо карданро; |

| | |
|---|---|
| | - фаҳмидан ва шарҳ додани мафҳум ва категорияҳои сотсиологиро;<br>- фарқ кардани ақидаҳои намояндагони мактабҳои сотсиологиро оид ба масоили ҷомеашиносӣ;<br>- хусусиятгириҳои афкори сотсиологиро вобаста ба марҳилаҳои инкишофи ҷомеашиносӣ;<br>- истифодаи методҳои ҷомеашиносиро ҷиҳати ҳал ва баррасии масъалаҳои ҳаётии мавриди баҳс қароргиранда;<br>- таъриф додани мафҳумҳои калидии сотсиологиро;<br>- дарк намудани масоили мубрами муосир ва роҳҳои ҳалли онҳоро.<br>***Аз худ намояд:***<br>- малакаи таҳлилнамоиро;<br>- малакаи таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавиро;<br>- малакаи бо ҳамтоёни худ ҳамкорӣ карданро. |
| **Номгӯи боб/мавзӯъҳои фан** | - ҷараёнҳои ҷамъиятӣ;<br>- ҳаракати иҷтимоӣ ва табақабандии иҷтимоӣ;<br>- дигаргунии иҷтимоӣ;<br>- ташкил ва идоракунии иҷтимоӣ ва ҳудудӣ;<br>- сотсиологияи иқтисодӣ ҳамчун як бахши донишҳои сотсиологӣ;<br>- рафтор, шуур ва маданият. |
| **Васоити таълимӣ ва таъминоти техникии фан** | Компютери фардӣ, проектор, тахтаи электронӣ |
| **Шаклҳои назорати ҷорӣ** | Супоришҳои тестӣ, суҳбати инфиродӣ |
| **Шакли арзебии натиҷаи ниҳоии таълими фан** | Имтиҳон (тестӣ комютерӣ) шифоҳӣ |

**1.1.6. Сиёсатшиносӣ**

| | |
|---|---|
| **Тавсифи мухтасари фан** | **Сиёсатшиносӣ-** яке аз илмҳои ҷомеашиносӣ буда, мақсади омӯзиши фан ташаккули шаҳрвандии фаъол, фароҳам овардани заминаи робитаи фаъолияти молиявию иқтисодӣ бо сиёсат, иқтисодиёт, ҳуқуқ мебошад. |
| **Намуди машғулиятҳо** | лексионӣ, семинарӣ, кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор |
| **Забони таълим** | тоҷикӣ, русӣ |
| **Салоҳиятҳое, ки дар донишҷӯзимни азхуднамоии фанни мазкур ташаккул бояд ёбанд** | - қодир ба ҷустуҷӯ, таҳлили интиқодӣ ва коркарди иттилоот, истифодаи муназзам дар ҳалли вазифаҳои гузошташуда мебошад;<br>- қодир аст гуногунии фарҳангии ҷомеаро дар заминаи иҷтимоӣ-таърихӣ, ахлоқӣ ва фалсафӣ дарк кунад. |
| **Натиҷаҳои таълиме, ки аз тадриси фан ба даст меоянд** | Донишҷӯе, ки фанни мазкурро аз худ кардааст, бояд:<br>**Донад:**<br>- дастгоҳи консептуалӣ ва категорияи илми сиёсатшиносӣ;<br>- сохтор ва функсия сиёсатшиносӣ;<br>- идеологияҳои асосии сиёсии замони муосир;<br>- сохтори низоми сиёсии ҷомеа;<br>- типологияи режимҳои сиёсӣ;<br>- пешвоёни сиёсӣ, элитаи сиёсӣ;<br>- хусусиятхои маъракаи интихоботӣ ва технологияҳо;<br>- назарияҳо, консепсияҳо ва моделҳои асосии сиёсатшиносӣ; намудҳо, шаклҳо, элементҳо (сохтор) ва вазифахои давлат, инчунин дурнамои рушди давлат;<br>- таҷрибаи таърихии сиёсӣ, мафҳумҳои муосири фарҳанги сиёсӣ.<br>**Тавонад:**<br>- таҳлили хусусиятҳои системаҳои сиёсии муосир;<br>- ҳаматарафа ҷараёнҳои сиёсию ҳуқуқиро дар ҳамкории онҳо ба назар гирифтан;<br>- тахлили равандҳои сиёсӣ;<br>- ба самараи сиёсӣ баҳо додан;<br>- идоракунӣ; ташаккули шуури сиёсӣ ва рафтори сиёсӣ;<br>- малакаи муносибати ҳамаҷониба ба таҳлили мушкилоти сиёсии ҷомеа;<br>- малакаи таҳлили равандҳо ва падидаҳои дар соҳаи сиёсӣ ба амаломада ҷомеа; |

| | |
|---|---|
| | - тахлили муносибати байни сиёсат, иктисодиёт ва ҳуқуқ.<br>**Аз худ намояд:**<br>- малакаи таҳлилнамоиро;<br>- малакаи таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавиро;<br>- малакаи бо ҳамтоёни худ ҳамкорӣ карданро. |
| **Номгӯи боб /мавзӯъҳои фан** | - таърихи сиёсатшиносӣ;<br>- режимҳои сиёсӣ;<br>- падидаҳои алоҳидаи сиёсатшиносӣ;<br>- таносуби ҳуқуқ ва сиёсат;<br>- таъсири равандҳои сиёсӣ ба ҳуқуқшиносӣ. |
| **Васоити таълимӣ ва таъминоти техникии фан** | Компютери фардӣ, проектор, тахтаи электронӣ |
| **Шаклҳои назорати ҷорӣ** | Супоришҳои тестӣ, суҳбати инфиродӣ |
| **Шакли арзебии натиҷаи ниҳоии таълими фан** | Имтиҳон (тестӣ комютерӣ) шифоҳӣ |

**1.1.7. Ҳуқуқ аз рӯи ихтисос**

| | |
|---|---|
| **Тавсифи мухтасари фан** | **Ҳуқуқ аз рӯи ихтисос-** мақоми фанни зарури буда, дар ташаккулёбии донишҷӯ ҳамчун мутахассиси баландихтисос мавқеи яке аз фанҳои асосӣ (базавӣ)-ро ишғол намудааст. ҳангоми тадриси он маълумот дар бораи мафҳум ва моҳияти ҳуқуқ ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ, муносибатҳои ҳуқуқ ва ғ. пешкаш карда мешавад. |
| **Намуди машғулиятҳо** | лексионӣ, семинарӣ, кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор |
| **Забони таълим** | тоҷикӣ, русӣ |
| **Салоҳиятҳое, ки дар донишҷӯ зимни азхуднамоии фанни мазкур ташаккул бояд ёбанд** | - қодир аст, ки асосҳои қонунгузории танзими фаъолияти субъектони хоҷагидориро дар рафти фаъолияти касбӣ истифода намояд;<br>- малакаи кору таҳлил ва арзёбии иттилоот бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ҳанкгоми қабули қарорҳои характери ҳуқуқӣ дошта бошад. |
| **Натиҷаҳои таълиме, ки аз тадриси фан ба даст меоянд** | Донишҷӯе, ки фанни мазкурро аз худ кардааст, бояд:<br>***Донад:***<br>- мазмуну мафҳумҳои падидаҳои алоҳидаи соҳаи муносибатҳои ҳуқукро аз худ намояд:<br>- хусусиятҳои хоси падидаҳои алоҳидаи ҳуқукро омӯзад;<br>- татбиқи амалии муносибатҳои алоҳидаро анҷом дода тавонад;<br>- ҷиҳатҳои амалии басташавии падидаҳои алоҳидаи ҳуқукро аз худ намояд;<br>- танзими ҳуқуқии гузариш ба муносибатҳои иқтисоди бозоргонӣ дар муносибатҳои ҳуқукро аз худ карда бошад;<br>- дар бораи гуногунии қонунгузории ҳуқуқи давлатҳо маълумоти кофӣ дошта бошад.<br>***Тавонад:***<br>- мазмуну мафҳумҳои асосии падидаҳои ҳуқукро шарҳ дода тавонад:<br>- хусусиятҳои ҳар як муносибатҳои ҳуқукро муайян карда тавонад;<br>- унсурҳои таркибии муносибатҳои ҳуқукро аз худ кунад;<br>- оқибати риоя накардани муносибатҳои ҳуқуро аз худ намояд<br>***Аз худ намояд:***<br>- малакаи таҳлилнамоиро;<br>- малакаи таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавиро;<br>- малакаи бо ҳамтоёни худ ҳамкорӣ карданро. |
| **Номгӯи боб/ мавзӯъҳои фан** | Маълумоти умумӣ дар бораи ҳуқуқ<br>Ҳуқуқ иқтисодиёт бозор<br>Соҳибкор ва ҳуқуқи соҳибкорӣ<br>Мафҳум ва намудҳои сарчашмаҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ<br>Асосҳои амволии фаъолияти соҳибкорӣ<br>Асосҳои амволии фаъолияти соҳибкорӣ<br>Асосҳои ташкилӣ- ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ<br>Қабули санҷиши фосилавии 1-ум (рейтинги 1-ум)<br>Асосҳои ҳуқуқии муфлисшавӣ<br>Мафҳум, мазмуну мӯҳтаво ва таъмини ҳуқуқии менеҷмент<br>Шартномаҳо дар бахши фаъолияти соҳибкорӣ<br>Намуди шартномаҳо дар бахши фаъолияти соҳибкорӣ |

| | |
|---|---|
| | Шартномаи меҳнатӣ<br>Тартиботи меҳнатӣ.<br>Интизоми мехнат<br>Намудҳом рухсатӣ<br>Ҳифзи ҳуқуқҳои соҳибкорон<br>Мафҳум ва аломатҳои муфлисшавӣ |
| **Васоити таълимӣ ва таъминоти техникии фан** | Компютери фардӣ, проектор, тахтаи электронӣ |
| **Шаклҳои назорати ҷорӣ** | Супоришҳои тестӣ, суҳбати инфиродӣ |
| **Шакли арзебии натиҷаи ниҳоии таълими фан** | Имтиҳон (тестӣ комютерӣ) шифоҳӣ |

## 1.2. МОДУЛИ ФАНҲОИ ЗАБОНӢ

### 1.2.1. Забони тоҷикӣ аз рӯи ихтисос

| | |
|---|---|
| **Тавсифи мухтасари фан** | **Забони тоҷикӣ аз рӯи ихтисос -** ҳадафу мақсади барномаи таълимии забони тоҷикӣ баланд бардоштан ва такмил додани сатҳи саводи хаттиву шифоҳии донишҷӯён, рушд додани маҳорати сухандонӣ, инкишоф додани захираи таркиби луғавии онҳо бо роҳи луғатдонӣ ва истилоҳоти тахассусӣ, аз худ намудани ҳуҷҷатнигорӣ ва ғайраҳо мебошад. |
| **Намуди машғулиятҳо** | лексионӣ, семинарӣ (амалӣ), кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор |
| **Забони таълим** | тоҷикӣ |
| **Салоҳиятҳое, ки дар донишҷӯ зимни азхуднамоии фанни мазкур ташаккул бояд ёбанд** | - Риояи меъёри забони адабии тоҷик.<br>- Риояи имлои забони адабии тоҷик дар нутқи хаттӣ.<br>- Инкишоф додани нутқи шифоҳӣ дар заминаи риояи меъёри талаффуз.<br>- Ҳифз намудани калимаҳои душворфаҳм ва истилоҳҳои тахассусӣ |
| **Натиҷаҳои таълиме, ки аз тадриси фан ба даст меоянд** | Баланд бардоштани савияи забондонӣ. Омӯзиши меъёрҳои забони адабии тоҷик. Роҳҳои ташаккули нутқи хаттию шифоҳӣ. Ташаккул ва такомули захираи луғавӣ. Дар ҳуҷҷатҳои идорӣ босаводона истифода кардани меъёрҳои навишт. Ҳифзи калимаҳои душворфаҳм, таркиб ва ибораҳои маҷозӣ аз эҷодиёти адибони тоҷик. |
| **Номгӯи боб/мавзӯъҳои фан** | Бахшҳои муҳими илми забоншиносӣ:<br>- Овошиносӣ<br>- Луғатшиносӣ (вожашиносӣ)<br>- Сарф ва наҳв<br>- Фразеология<br>- Аломатҳои китобатӣ<br>- Услубшиносӣ |
| **Васоити таълимӣ ва таъминоти техникии фан** | Компютери фардӣ, проектор, тахтаи электронӣ |
| **Шаклҳои назорати ҷорӣ** | Иҷрои машқҳо, таҳлили матну луғатҳои тахассусӣ, таҳияи ҳуҷҷату санадҳои расмӣ-коргузорӣ; пурсиш аз рӯи саволномаҳо (карточкаҳо); суҳбати инфиродӣ (қабули КМРО); супоришҳои тестӣ (ҳангоми қабули рейтинг) |
| **Шакли арзебии натиҷаи ниҳоии таълими фан** | Имтиҳон тариқи компютер (тестӣ) |

### 1.2.2. Забони русӣ аз рӯи ихтисос

| | |
|---|---|
| **Тавсифи мухтасари фан** | **Забони русӣ аз рӯи ихтисос-** забони муоширати байни миллатҳо ба шумор меравад. Забони русӣ барои ғанӣ гардидани забони миллии мо таъсири муфид мерасонад. Оиди боигарӣ ва иқдидори забони русӣ мутафаккирони адабӣ ва ҷамъиятӣ – шоирони классики рус дар осори худ қайд намудаанд. Забони русӣ аз рӯи ихтисос барои баланд бардоштани маданияти нутқи донишҷӯён, шуурнокӣ, забондонӣ ва муоширати онҳо бо ин забон истифода бурда мешавад. Забони русӣ аз рӯи тахассус барои мукаммал намудани нутқи |

| | |
|---|---|
| | шифоҳӣ ва хаттӣ, аз худ намудани матнҳои тахассусӣ, таҳлилу тавзеҳ додани мундариҷаи матн истифода бурда мешавад. |
| **Намуди машғулиятҳо** | лексионӣ, семинарӣ (амалӣ), кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор |
| **Забони таълим** | русӣ |
| **Салоҳиятҳое, ки дар донишҷӯ зимни азхуднамоии фанни мазкур ташаккул бояд ёбанд** | -Маҳорати таҳлили иттилооти дар раванди таълим ба даст оварда, такмили дониш ва малакаи аз рӯи ихтисос ба даст овардашуда ва тадбиқи амалии он дар ҳалли масъалаҳои дар пеши худ гузошташуда.<br>-Доштани маҳорати дуруст тартиб додани ҷумла бо истифода аз калима ва ибораҳо аз рӯи тахассус. |
| **Натиҷаҳои таълиме, ки аз тадриси фан ба даст меоянд** | Донишҷӯе, ки фанни мазкурро аз худ намудааст, бояд донад:<br>-Аҳамияти омӯзиши забони русӣ, қоидаҳои асосии грамматика ва имлои забони русӣ;<br>- Тарзи дурусти талаффузи садонокҳои безада дар ҳиҷо ва калима, тарзи дурусти истифодаи калима дар падежҳо, тасрифи исм, сифат, ҷонишин, шумора ва сифити феълӣ.<br>-Хелҳои ибораҳо, тарзи дуруст сохтани ибораҳо ва ҷумлаҳо бо забони русӣ.<br>-Коидаҳои дуруст истифода бурдани аломатҳои китобатӣ.<br>***Донишҷӯ бояд тавонад:***<br>-Истифодаи калима ва ибораҳои тахассусӣ аз рӯи ихтисоси интихобшуда ҳагоми омодасозии рефератҳо, маърӯзаҳо, корҳои курсӣ.<br>-Дар мавзуҳои гуногун бо истифода аз адабиёти бадеӣ ва тахассусӣ ҳамсӯҳбат шуда тавонад.<br>-Дониш ва малакаи ба даст овардаи худро дар фаъолияти илмӣ – таҳқиқотии худ истифода барад.<br>***Донишҷӯ бояд азхуд намояд:***<br>-Маҳорат ва малакаи таҳлил намудан;<br>-Бурдани корҳои илмӣ – таҳқиқотӣ;<br>- Маҳорати муоширaт бо ҳамкорон ва шахсони дар гирду атрофбуда. |
| **Номгӯи боб/ мавзӯъҳои фан** | 1. Маълумоти асосӣ оиди забон;<br>2. Қисматҳои асосии фанни забони русӣ (фонетика, лексика, лексикология, фразеология, мафҳуми грамматика: морфология, синтаксис, услубшиносӣ , аломатҳои китобатӣ). |
| **Васоити таълимӣ ва таъминоти техникии фан** | Компютери фардӣ, проектор, тахтаи электронӣ |
| **Шаклҳои назорати ҷорӣ** | Иҷрои машқҳо, таҳлили матну луғатҳои тахассусӣ, таҳияи ҳуҷҷату санадҳои расмӣ-коргузорӣ; пурсиш аз рӯи саволномаҳо (карточкаҳо); суҳбати инфиродӣ (қабули КМРО); супоришҳои тестӣ (ҳангоми қабули рейтинг) |
| **Шакли арзебии натиҷаи ниҳоии таълими фан** | Имтиҳон тариқи компютер (тестӣ) |

**1.2.3. Забони хориҷӣ (англисӣ) аз рӯи ихтисос**

| | |
|---|---|
| **Тавсифи мухтасари фан** | **Забони англисӣ аз рӯи ихтисос** – яке аз забонҳои ғарбии гурӯҳи забонҳои германӣ мебошад, ки имрӯз дар Бритониёи Кабир, Ирландия, Амрикои Шимолӣ, Австралия, Зеландияи Нав, Канада, ҳамчунин дар яккатор кишварҳои Осиё ва Африқо мустаъмал буда, бештар аз 500 млн. сокинони сайёраи мо ҳоло бо ин забон такаллум менамоянд.<br>Мақсади асосии таълими забони англисӣ ҳамчун забони хориҷӣ истифодаи амалии он мебошад, то ки забон чун воситаи муошират аз худ гардад ва маҳорати зарурӣ барои бо муваффақият ёд гирифтани забон ба даст ояд. |
| **Намуди машғулиятҳо** | лексионӣ, амалӣ, кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор |
| **Забони таълим** | тоҷикӣ, русӣ |
| **Салоҳиятҳое, ки дар донишҷӯ зимни** | -тарзи талаффузи овозҳо, оҳанг, задагузорӣ ва хусусиятҳои асосии тарзи пурраи талаффуз, ки барои вожаҳои касбӣ хос мебошанд, аз худ намудани мавзӯҳои |

| | |
|---|---|
| **азхуднамоии фанни мазкур ташаккул бояд ёбанд** | асосии грамматикӣ, дуруст тарҷума намудани ҷумла, мазмуни матнро дарк намудан, ба саволҳо ҷавоб додан, бой гардонидани луғати тахассусӣ ва мухтасар баён намудани мазмуни матни тахассусӣ; |
| **Натиҷаҳои таълиме, ки аз тадриси фан ба даст меоянд** | Донишҷӯе, ки фанни мазкурро аз худ кардааст, бояд:<br>***Донад:***<br>- ҳадафи омӯзиши забони англисӣ, нақши забони англисӣ дар тарраққиёти соҳаи энергетика, мақоми рӯзафзуни забони англисӣ дар ҳаёти ҷомеаи муосири тоҷик; фарҳанг ва анъанаҳои милливу таърихии кишварҳои забонашон омӯхташаванда, одоби сухан, муошират, нутқи муколамавӣ;<br>***Тавонад:***<br>***а***) Фаҳмиш (дарккунӣ): - фаҳмидани мазмуни машқҳое, ки дар асоси маводҳои омӯхташудаи лексикӣ ва грамматикӣ тартиб дода шудаанд.<br>б) Нутқи даҳонӣ : - дар асоси маводҳои омӯхташудаи лексикӣ мазмуни матни хондашуда ё аудио, видео, машқҳоро нақл карда тавонистан. - дар асоси мавзӯи омӯхташуда сӯҳбат карда тавонистан - матнҳои хониши инфиродӣ ва хонагиро хондан, сӯҳбат намудан ва нақл кардан. Мухтасар сӯҳбат намудан оиди масъалаҳои хаётии мавриди баҳс қароргиранда. Таъриф додани вожаҳои калидии тахассусӣ.<br>в) Хониш - маҳорату малакаи бо матн кор карданро соҳиб гардидан (тасриф, фикрбандкунӣ ва исботи фикри худ), ривоҷи маҳорату малакаҳои хониши пешакӣ, шиносоӣ ва омӯзиш дар вақти кор бо маводҳои таълимӣ.<br>г) Нутқи хаттӣ: - мазмуни матни хондашуда ё гӯшкардашударо бо тарзи хаттӣ баён карда тавонистан.<br>***Аз худ намояд:***<br>- малакаи муҳокима намудан;<br>- малакаи таҳлил намудан;<br>- малакаи аз назаргузаронӣ;<br>- малакаи муошират намудан; |
| **Номгӯи боб/мавзӯъҳои фан** | - фонетика<br>- лексилогия<br>- морфология<br>- синтаксис<br>- фразеология<br>- услубшиносӣ |
| **Васоити таълимӣ ва таъминоти техникии фан** | Компютери фардӣ, проектор, тахтаи электронӣ, наворхои (видео)таълимӣ |
| **Шаклҳои назорати ҷорӣ** | Супоришҳои тестӣ, сухбати инфиродӣ |
| **Шакли арзебии натиҷаи ниҳоии таълими фан** | Имтиҳон (тестӣ комютерӣ) шифоҳӣ |

## 1.3. МОДУЛИ ФАНҲОИ ТАБИӢ-ИҚТИСОДӢ ВА ТЕХНОЛОГИЯИ ИНФОРМАТСИОНӢ

### 1.3.1. Технологияи информатсионӣ

| | |
|---|---|
| **Тавсифи мухтасари фан** | **Технологияи информатсионӣ** - илми техникӣ буда, дар бораи усул ва воситаҳои коркарди иттилооти додашуда бо ёрии мошинҳои электронии ҳисоббарор, дар бораи равандҳои иттилоотии системаҳои техникӣ, табиат ва ҷомеа маълумот медиҳад. |
| **Намуди машғулиятҳо** | лексионӣ, амалӣ, озмоишӣ, кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор |
| **Забони таълим** | тоҷикӣ, русӣ |
| **Салоҳиятҳое, ки дар донишҷӯ зимни азхуднамоии фанни мазкур бояд ташаккул ёбанд** | - малакаи воридкунӣ, ҷустуҷӯ, таҳлил ва коркарди иттилооти компютерӣ, истифодаи он ҳангоми ҳалли вазифаҳои дар пеш гузошташуда;<br>- малакаи истифодабарӣ аз барномаҳои гуногуни компютерӣ;<br>- барои мутахассисони ҳамин соҳа малакаи барноманависӣ дар забонҳои гуногун. |

| | |
|---|---|
| **Натиҷаҳои таълиме, ки аз тадриси фан ба даст меоянд** | Донишҷӯе, ки фанни мазкурро аз худ кардааст, бояд:<br>***Донад:***<br>- зарурати омӯзиши фанни технологияи иттилоотӣ, мафҳумҳои асосӣ, вазифаҳои фан, марҳилаҳои таърихии пайдоиш ва таназзули компютерҳо, алоқамандии фанни мазкур бо илмҳои иҷтимоӣ-инсоншиносӣ, табиӣ-риёзӣ ва техникӣ, тасаввуроти хешро нисбат ба масоили иттилоотонии ҷомеа;<br>- таъминоти техникии компютерҳо;<br>- таъминоти барномавии компютерҳо;<br>- на камтар аз 3 ё 4 асосҳои забонҳои барномасозӣ;<br>- рамзонидани иттилоот ва шаклҳои алгоритмҳоро.<br>***Тавонад:***<br>- тарз ва усули дурусти гузориши масъалаҳои барномасозӣ;<br>- сохтани алгоритми ҳалли масъалаҳоро;<br>- навиштани барнома дар асоси алгоритми сохташуда;<br>- ворид кардани барнома ба компютер, таҳлил ва танзими он;<br>- гирифтани натиҷаҳои барнома ва таҳлили дурустии онҳо;<br>- истифода кардан азбарномаҳои амалии офисӣ (таҳриргарҳо ва ҷадвалҳо);<br>- омода кардани рунамосози (слайди) тасвирӣ барои баромадҳо;<br>- истифода кардан аз барномаҳои графикӣ ва зиддивирусӣ.<br>***Аз худ намояд:***<br>- малакаи таҳлилнамоиро;<br>- малакаи таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавиро;<br>- малакаи бо ҳамтоёни худ ҳамкорӣ карданро. |
| **Номгӯи боб/мавзӯъҳои фан** | - муқаддимаи фан ва мафҳумҳои асосӣ<br>- таъминоти техникии компютерҳо<br>- таъминоти барномавии компютерҳо<br>- системаҳои оператсионӣ (СО Windows)<br>- таҳриргари матнӣ ва графикии Microsoft Word<br>- таблитсаи электронии Microsoft Excel<br>- истифодаи рунамосозҳои (слайдҳои) тасвирӣ барои баромадҳо<br>- барномаҳои графикӣ бо рангрезии функсионалӣ<br>- таҳияи алгоритмҳо ва татбиқи системаҳои ҳисоб<br>- забонҳои (муҳитҳои) барномасозӣ<br>- барномаҳои зиддивирусӣ<br>- хадамоти интернет |
| **Васоити таълимӣ ва таъминоти техникии фан** | Компютери фардӣ, проектор, тахтаи электронӣ |
| **Шаклҳои назорати ҷорӣ** | Иҷрои супоришҳои тестӣ, ҳимояи ҳисоботи корҳои озмоишӣ, гузаронидани суҳбати инфиродӣ |
| **Шакли арзёбии натиҷаи ниҳоии таълими фан** | Имтиҳон (тестӣ комютерӣ) шифоҳӣ |

### 1.3.2. Географияи иқтисодии Тоҷикистон бо асосҳои демография

| | |
|---|---|
| **Тавсифи мухтасари фан** | **Географияи иқтисодии Тоҷикистон бо асосҳои демография**– илм дар бораи қонуниятҳои ҷойгиркунонӣ, якҷоякунӣ ва баҳамтаъсиррасонии қувваҳои истеҳсолкунанда дар раванди истифодаи муҳити географӣ дар марҳилаҳои гуногуни рушди ҷамъиятию таърихӣ мебошад |
| **Намуди машғулиятҳо** | лексионӣ, семинарӣ, кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор |
| **Забони таълим** | тоҷикӣ, русӣ |
| **Салоҳиятҳое, ки дар донишҷӯ зимни азхуднамоии фанни мазкур ташаккул бояд ёбанд** | - тарзҳои аз худ намудани сарватҳо ва шароитҳои табиӣ, роҳҳои самарабахш истифода кардани онҳо, ҳифзи табиат ва муҳити зистро аз худ карда бошад;<br>- қобилияти фаҳмидани равандҳои иқтисодии дар ҷомеа ба амаломада ва таҳлили тамоюлҳои рушди иқтисоди Тоҷикистон ва ҷаҳон. |
| **Натиҷаҳои таълиме, ки аз тадриси фан ба** | Донишҷӯе, ки фанни мазкурро аз худ кардааст, бояд:<br>***Донад:*** |

| | |
|---|---|
| **даст меоянд** | - мазмуни мафҳумҳои асосии географияи иқтисодию иҷтимоии Тоҷикистон ва ҷаҳонро аз худ карда бошад:<br>- асосҳои ноҳиябандии иқтисодӣ, дараҷаҳои принсипҳо ва меъёрҳои асосии онро донад;<br>- моҳияти ҷойгиркунонии истеҳсолотро дар заминаи мавҷудияти ашёи хом, энергия, сӯзишворӣ ва соҳаҳои ашёи хомталаб, меҳнатталаб ва энергияталабро комилан дарк карда тавонад;<br>- тарзҳои аз худ намудани сарватҳо ва шароитҳои табиӣ, роҳҳои самарабахш истифода кардани онҳо, ҳифзи табиат ва муҳити зистро аз худ карда бошад;<br>- дар бораи тараққиёти соҳаҳои афзалиятнок маълумоти кофӣ дошта бошад.<br>***Тавонад:***<br>-дар дарсҳо ва машғулиятҳо иштирок намуда, қоидаҳои муқarrаргардидаи дохили донишгоҳро риоя намояд;<br>- мазмуни мафҳумҳои асосии географияро шарҳ дода тавонад;<br>- омӯзиши минбаъдаи тахассусҳои иқтисодӣ ва ҷамъи ихтисосҳо бидуни донистани ҳолатҳои намоёнтарини географияи иқтисодию иҷтимоии Тоҷикистон ва ҷаҳон ғайриимконанд, баён карда тавонад;<br>- тарзҳои аз худ намудани сарватҳои табиӣ, роҳҳои самарабахш истифода кардани онҳо, ҳифзи табиат ва муҳити зистро истифода карда тавонад;<br>- гуногунии омилҳои ҷойгиркунониро шарҳ дода тавонад.<br>***Аз худ намояд:***<br>- малакаи муҳокима намудан;<br>- малакаи таҳлил намудан;<br>- малакаи аз назаргузаронӣ; |
| **Номгӯи боб/мавзӯъҳои фан** | Асосҳои назариявӣ ва мавқеи илми географияи иқтисодию иҷтимоӣ дар низоми илмҳои иқтисодӣ ва табиӣ<br>Қонуниятҳо, принсипҳо ва омилҳои ҷойгиркунонии қувваҳои истеҳсолкунанда<br>Ҷумҳурии Тоҷикистон дар харитаи сиёсии ҷаҳон<br>Шароити табиӣ ва сарватҳои табиии Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>Комплекси кишоварзӣ-саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>Асосҳои назариявии ноҳиябандии иқтисодӣ ва тавсифи ноҳияҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>Комплекси ҳудудӣ-истеҳсолии Тоҷикистони Ҷанубӣ (КҲИТҶ)<br>Тавсифи комплекси нақлиёт ва робитаҳои иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>Харитаи сиёсии ҷаҳон ва типологияи мамлакатҳо<br>Географияи аҳолии ҷаҳон<br>Географияи сарватҳои табиии ҷаҳон<br>Хоҷагии ҷаҳонӣ ва тақсимоти байналмилалии меҳнат<br>Географияи сайёҳии байналмилалӣ<br>Географияи соҳаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ<br>Географияи нақлиёти ҷаҳон<br>Проблемаҳои глобалии давраи муосири тамаддуни ҷаҳонӣ |
| **Васоити таълимӣ ва таъминоти техникии фан** | Компютери фардӣ, проектор, тахтаи электронӣ |
| **Шаклҳои назорати ҷорӣ** | Супоришҳои тестӣ, суҳбати инфиродӣ |
| **Шакли арзебии натиҷаи ниҳоии таълими фан** | Имтиҳон (тестӣ комютерӣ) шифоҳӣ |

**1.3.3. Экология**

| | |
|---|---|
| **Тавсифи мухтасари фан** | **Экология** – илмест, ки муносибатҳои организмҳои зинда ва ғайри зиндаро дар табиат меомӯзонад.<br>Муҳити зист тамоми шароитҳои барои зиндагӣ лозимиро, ки инсон бе он наметавонист ва наметавонад вуҷуд дошт, фароҳам меорад. Инсон дар давраи таърихии тараққиёташ барои қонеъ намудани талаботҳои худ ҳазорҳо намуди ҳайвоноту растаниҳоро нобуд сохта, на танҳо муҳити атроф, балки манбаъҳои хурокворӣ, маводҳои сохтмонӣ ва манбаъҳои хӯрокаи олами ҳайвонотро ба хатари нобудшавӣ овардааст. Сабаби асосии чунин рафтор дар он аст, ки бисёри шахсони алоҳида, мардумон, баъзе аз табақаҳои ҷамъиятӣ аз оқибатҳои бухрони экологӣ хабардор нестанд ва ё маърифати экологии ин табақа на онқадар рушт |

| | |
|---|---|
| | кардааст.<br>Мақсади омӯзиши фанни Экология тайёр кардани мутахасисони соҳибмаълумоте, ки бо дониши назариявӣ ва амалӣ муккамал мебошанд, иборат аст. |
| **Намуди машғулиятҳо** | лексионӣ, амалӣ, кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор |
| **Забони таълим** | тоҷикӣ, русӣ |
| **Салоҳиятҳое, ки дар донишҷӯ зимни азхуднамоии фанни мазкур ташаккул бояд ёбанд** | - таҳлил ва амалӣ намудани проблемаҳои экологӣ ҷиҳати паст кардани таъсри антропогенӣ ҳангоми фаъолият дар истеҳсолот ва тадбиқ кардани лоиҳаҳои иқтисодӣ кишвар аз назари экологӣ;<br>- истифодаи оқилонаи захираҳои табиат (аз ҷумла об, хок ва растани) ва ҳифзи он;<br>- таъмини фаъолияти дурусти дастгоҳҳои газу чанг тозакунанда, обӣ ифлос ва коркарди партовҳои санотию маишӣ ҳамчун ашёи хоми дуюм дараҷа. |
| **Натиҷаҳои таълиме, ки аз тадриси фан ба даст меоянд** | Донишҷӯе, ки фанни мазкурро аз худ кардааст, бояд:<br>***Донад:***<br>- зарурияти омӯзиши экология, мафҳумҳои асосӣ, вазифаҳои экология, марҳилаҳои таърихии инкишофи фан, фарқи экологияро аз дигар илмҳои техникӣ ва биологӣ, алоқамандии экологияро бо илмҳои иқтисодӣ, табиӣ-риёзӣ, қонуниятҳои экологи ва гардиши моддаҳо дар табиат;<br>- вазъи экологии имрӯза ва фардои муҳити табии, пешгуи кардани таъсири антропогени ба муҳити атроф ва оқилона истифодабарии сарватҳои рӯизамини ва зеризаминӣ ;<br>- нақши донишҳои экологӣ барои мутахассисони самтҳои гуногуни иқтисодиёт (саноат, энергетика нақлиёт, ва ғайра);<br>- усулҳои асосии илмӣ экологи ҷиҳати таҳия намудани нақшаҳо ва лоиҳаҳои иқтисодиёти кишвар аз назари экологӣ, пешбурди фаъолиятҳо оид ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ.<br>***Тавонад:***<br>- пайдо кардани андешаҳои дуруст дар самти таҳлили физики-химияви муҳити атроф ва таъсири антропогении ба фазои атмосфера, об ва замин;<br>- истифода ва риояи асосҳои ҳуқуқӣ, китоби сурх, консепсия ва меъёрҳои экологӣ барои самтҳои гуногуни истеҳсолӣ;<br>- дарки масоили мубрами муосир ва роҳҳои ҳалли онҳо;<br>- рушди маърифати экологии аҳолӣ, беҳдошти муҳити зист ва рушди устувор;<br>- мониторинги экологӣ дар экосистемаҳои гуногун ва дастрас намудани натиҷаҳои таҳлили ба аҳолӣ;<br>- муайянкунии усулҳои гуногуни коркард ва истифодабарии партвҳо ба муҳити зист;<br>- ҳалли проблемаҳои глобали, маҳали ва локали Тоҷикистон ва мавзеъҳои ҳифзшавандаи он;<br>***Аз худ намояд:***<br>- малакаи таҳлилнамоиро;<br>- малакаи таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавиро;<br>- малакаи бо ҳамтоёни худ ҳамкорӣ карданро. |
| **Номгӯи боб/мавзӯъҳои фан** | - таърихи экологияи умумӣ<br>- ҳифзи муҳити зист<br>- илми экологӣ<br>- экологияи иҷтимоӣ<br>-экологияи иқтисодӣ<br>-экологияи шаҳрсозӣ<br>- экологияи саноатӣ ва кишоварзӣ<br>-экология нақлиётӣ<br>-экологияи энергетикӣ |
| **Васоити таълимӣ ва таъминоти техникии фан** | Компютери фардӣ, проектор, тахтаи электронӣ |

| | |
|---|---|
| **Шаклҳои назорати ҷорӣ** | Супоришҳои тестӣ, суҳбати инфиродӣ |
| **Шакли арзебии натиҷаи ниҳоии таълими фан** | Имтиҳон (тестӣ комютерӣ) шифоҳӣ |

## 2. БАХШИ ФАНҲОИ ТАХАССУСӢ

## 2.1. МОДУЛИ ФАНҲОИ УМУМИКАСБӢ

### 2.1.1. Математикаи олӣ

| | |
|---|---|
| **Тавсифи мухтасари фан** | **Математикаи олӣ** – яке аз илмҳои бунёдӣ буда, илмест оиди муносибатҳои байни объектҳо, ки ин онҳо ба намуди хосиятҳо ё аксиомаҳо ифода шуда тавсифи миқдории онҳо таҳқиқ карда мешаванд. Илми ҳозираи муҳандисӣ бо илми таълимию аналитикӣ бо истифодаи калкуляторҳои муҳандисӣ табдил ёфтааст. Аз ин сабаб аз омӯзгорони фанҳои муҳандисӣ талаб карда мешавад, ки онҳо омодагии муайяни математикӣ дошта бошанд, усулҳои математикию муҳандисӣ ва техникаи компютериро хуб донанд.<br>Мақсади курси математикаи олӣ дар системаи таълимии муҳандис - азхудкунии аппарати математикӣ мебошад, ки барои таҳияву ташкили ҳалли математикии масъалаҳои техникӣ зарур аст.<br>Вазифаи асосӣ дар таъмини курси математикаи олӣ аз он иборат аст, ки донишҷӯ малакаи тафаккури мантиқӣ ва алгоритми худро инкишоф диҳад, усулҳои тадқиқу ҳалли масъалаҳои ба шакли математикӣ таҳияшударо аз худ кунад, бо усулҳои рақамӣ ва татбиқи онҳо бо истифодаи компютерҳо ошно шаванд.<br>Ҳадаф аз омузиши фан соҳиб шудани донишҷӯ ба донишгоҳҳои амиқи назариявӣ ва малакаи амалӣ дар соҳаи математикаи олӣ аст, ки ин донишу малакаҳо барои фаҳмишу азхудкунии фанҳои тахассусӣ заруранд. Бо ҳамин хотир курси мазкур на танҳо донишҷӯёнро бо мафхумҳои назариявӣ, балки бо татбиқи амалии онҳо дар ҳалли масъалаҳо шинос мекунад.<br>Математика таърихан дар асоси амалҳои ҳисобкунӣ, ченкунӣ ва тавсифи шакли объектҳо инкишоф ёфтааст. Объектҳои математикӣ таввасути идеализатсияи хосиятҳои объектҳои воқеӣ ё дигар объектҳои математикӣ бо навиштани ин хосиятҳо бо забони формалӣ сохта мешаванд.<br>Математика ба илмҳои табиӣ тааллуқ надорад, балки дар онҳо барои таҳияи дақиқи мундариҷа ва ба даст овардани натиҷаҳои нав ба таври васеъ истифода мешавад. |
| **Намуди машғулиятҳо** | Лексионӣ, амалӣ (ҳалли масъалаҳо), кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор. |
| **Забони таълим** | тоҷикӣ. |
| **Салоҳиятҳое, ки дар донишҷӯ зим-ни азхуднамоии фанни мазкур ташаккул бояд ёбанд** | - қодир аст, ки бо истифода аз қонуниятҳои асосии математикӣ оиди равандҳое, ки дар соҳаи энергетика мегузаранд, таҳлил ва андешаронӣ намояд;<br>- қодир аст, ки масъалаҳои энергетикаро бо истифодаи формулаҳову қонуниятҳои математикӣ таҳлил ва коркард намояд;<br>- тафаккури техникии донишҷӯ тараққӣ карда, вобаста ба самти фаъолият дорои ақидаи нав мегардад. |
| **Натиҷаҳои таълиме, ки аз тадриси фан ба даст меоянд** | Донишҷӯе, ки фанни мазкурро аз худ кардааст, бояд:<br>***Донад:***<br>* омӯзиши мафҳум ва моҳияти пул, объект, инчунин зарурияти он дар шароити имрӯза;<br>* дарки мафҳуми қарз ва тартиби гирифтану муносибат бо қарз;<br>* гирифтани донишҳои мукаммал оид ба фаъолияти бонкҳо ва низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон;<br>* омодасозии мутахассисони ҷанбаҳои назариявии соҳаи бонкӣ;<br>* дар донишҷӯён бедор намудани малакаи мустақилона кор кардан ба санадҳои ҳуқуқӣ, қарорҳои ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва дастуруламалӣ, сарчашмаҳои адабиёт;<br>* ташкили низоми иттилоотӣ-назоратӣ, ки барои омӯзиши фаъолияти ҳар як бонк зарур мебошад;<br>* хизматрасонии амалиётҳои бонкӣ бо муштариён;<br>* корҳои ташкилӣ, таҷрибавӣ, аз ҷумла додани қарз дар ҳамаи шаклҳои моликиятд;<br>* усули баҳодиҳии қарзадокунии тавозуни қарзгирандагон;<br>* идораи захираҳо ва қарздиҳӣ;<br>* ташкили пардохтҳои нақдию ғайринақдӣ;<br>* сохтори ташкили муносибатҳои байнибонкӣ;<br>* ташкили муносибатҳои кредитӣ;<br>* пардохтҳои байналхалқӣ;<br>* муносибатҳои асъори ва низоми асъорӣ;<br>* қурби асъор ва тартиби муайяннамудани он.<br>***Тавонад:***<br>– қобилияти аз таҳлил намудани мустақилона оид ба муносибатҳои пулӣ ва иҷрои таҳқиқот, инкишофи касбият дар танзим ва назорати асъори миллӣ;<br>– қобилияти мустақилона аз худ намудан ва дар амал истифода намудани донишҳо ва малакаҳои нав доир ба сиёсатҳои зидди таваррумии асъори миллӣ;<br>– қобилияти мустақилона анҷом додани амалиётҳои мухталифи соҳаи бонкӣ;<br>– қобилияти дар соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ фаъолият намудан ва риояи |

| | |
|---|---|
| | қоидаҳои кори дохилии соҳавӣ.<br>***Аз худ намояд:***<br>– оид ба пайдоиш ва назарияҳои пул;<br>– оид ба муомилоти пули ва намудҳои он;<br>– оид ба таваррум ва таъсири он дар иқтисодиёт;<br>– оид ба муқарароти қонунҳо ва санадҳои танзимкунандаи мунлсибатҳои пулӣ, инчунин риояи ҳатмии онҳо;<br>– оиди низоми пулии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва унсурҳои таркибии он. |
| **Номгӯи боб/мавзӯъҳои фан** | Мазмун, моҳият ва аҳамияти пул дар иқтисодиёт<br>Шакл, намуд ва вазифаҳои пул<br>Назарияҳо пулӣ ва хусусиятҳо пул ҳамчун моли махсус<br>Низоми пулӣ ва шаклҳои низоми пулӣ<br>Интишор ва интиқоли пул<br>Муомилоти пулӣ, миқдор ва гардиши пул<br>Таваррум ва оқибатҳои он<br>Зарурияти ислоҳот дар низоми пулӣ<br>Моҳияти иқтисодӣ ва вазифаҳои қарз<br>Намуд ва шаклҳои қарз, тартиби қарздиҳӣ дар шароити иқтисоди муосир<br>Ташкили муносибатҳои қарзӣ<br>Сиёсати пулию қарзӣ<br>Низоми асъорӣ ва муносибатҳои асъории байналмиллалӣ |
| **Васоити таълимӣ ва таъминоти техникии фан** | Компютери фардӣ, проектор, тахтаи электронӣ |
| **Шаклҳои назорати ҷорӣ** | Супоришҳои тестӣ, суҳбати инфиродӣ, ҳалли мисолу масъалаҳо. |
| **Шакли арзебии натиҷаи ниҳоии таълими фан** | Имтиҳон (тестӣ комютерӣ, шифоҳи) |

**2.2.3. Таърихи бонкдорӣ ва назарияи қарз**

| | |
|---|---|
| **Тавсифи мухтасари фан** | **Ф**анни таълимии таърихи бонкдорӣ ва назарияи қарз қисми умумии низоми бонкӣ ва иқтисодӣ буда, аз истифодаи самараноки онҳо, сатҳи истеҳсолот ва иқтисодиёти мамлакат вобастагии зиёд дорад. Бонк яке аз бахшҳои мураккабтарини иқтисодӣ буда, қисми муҳими амалияи идораи иқтисодиёт ва хоҷагии халқ мебошад. Фанни таърихи кори бонкӣ барои омӯзиши фанҳои заминавӣ бо таҷрибаи амалӣ ва иқтисодии фаъолияти бонкӣ, пулӣ ва идораи муносибатҳои қарзӣ дар бонк алоқаманд буда, таҳкурсии назариявӣ ва методӣ барои донишҷӯён ба шумор меравад. |
| **Намуди машғулиятҳо** | лексионӣ, амалӣ, кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор |
| **Забони таълим** | тоҷикӣ |
| **Салоҳиятҳое, ки дар донишҷӯ зимни азхуднамоии фанни мазкур ташаккул бояд ёбанд** | - омӯзиши фанҳои дигари тахассусӣ ба донишҷӯъ оссон мегардад;<br>- қодир аст, ки дониш назариявии гирифтаро барои кор дар бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ истифода баранд. |
| **Натиҷаҳои таълиме, ки аз тадриси фан ба даст меоянд** | Донишҷӯе, ки фанни мазкурро аз худ кардааст, бояд:<br>***Донад:***<br>- моҳият ва нақши бонкҳо дар иқтисодиёт;<br>-тарихи пайдоиши аввалин бонкҳо дар ҷомеъа;<br>-пайдоиш ва инкишофи кори бонкӣ дар дар Осиёи маркази;<br>- Таърихи пайдоиши бонкҳои марказӣ;<br>- Рушди амалиётҳои бонкӣ дар Осиёи марказӣ;<br>- пайдоиши аввалин бонкҳо дар қаламрави Тоҷикистон;<br>- давраҳои инкишофи кори бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;<br>- кредит, моҳият, нақш ва пайдоиши он;<br>- вазифа ва принсипҳои кредит; |

| | |
|---|---|
| | - намуд ва шаклҳои кредит.<br>- шартномаи кредитии бонк.<br>- хизматрасониҳои нави электронии бонкӣ;<br>***Тавонад:***<br>– қобилияти аз худ намудани мустақилона усулҳои нави таҳқиқот, инкишофи касбияти илмӣ ва амалии фаъолияти касбии худ;<br>– қобилияти мустақилона аз худ намудан ва дар амал истифода намудани донишҳо ва малакаҳои нав;<br>– қобилияти таҳлил ва истифода намудани сарчашмаҳои гуногун иттилоот барои гузаронидани амалиёти бонкӣ;<br>– қобиияти мустақилона омодасозии супориш ва коркарди лоиҳаи қарорҳо бо назардошти омили номуайянӣ;<br>– коркарди ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва методии дахлдор, инчунин пешниҳодҳо ва чорабиниҳо оиди амалисозии лоиҳаҳо ва барномаҳо;<br>– омодасозии хулосаҳои таҳлилӣ аз рӯи натиҷаҳои омӯзиш, таҳлил ва баҳодиҳии санчиш ва назорат;<br>– мувофиқсозии методикаи истифодаи технологияи нав дар хизматрасониҳои бонкӣ;<br>ташаккули иттилоот бо мақсади қабули қарори идоракунӣ.<br>***Аз худ намояд:***<br>– маҳакҳо ва усулҳои интихоби қарорҳои бонкӣ, инструментҳои амалисозии онҳо;<br>– инструментҳои ташаккул ва баҳодиҳии қарорҳои бонкӣ, инструментҳои амалисозии онҳо;<br>– консепсияҳои асосии фаъолияти бонкӣ ва қарздиҳӣ;<br>– методологияи татбиқи принсипҳои фаъолияти бонкҳо; |
| **Номгӯи боб/мавзӯъҳои фан** | Таърихи бавуҷудой ва тараққиёти бонкҳо дар ҷомеъа<br>Мафҳум ва таърихи пайдоиши бонкҳо дар ҷаҳон.<br>Амалиётҳои бонкҳо дар давраҳои қадим.<br>Таърихи пайдоиши бонкҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.<br>Таърихи пайдоиши бонкҳои марказӣ<br>Таърихи бонкҳои саҳҳомию тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>Таърихи фаъолияти бонкҳои Руссиягӣ дар иқтисодиёти Осиёи Марказӣ.<br>Бавуҷудоии бонкҳои Руссиягӣ ва бунёди бонкҳои маҳаллӣ дар ҳудуди Осиёи Марказӣ.<br>Таърихи кори қарздиҳии бонкҳо дар Осиёи Марказӣ<br>Моҳияти иқтисодӣ ва вазифаҳои қарз<br>Таърихи пайдоиши қарз ва муносибатҳоии қарзӣ.<br>Вазифаҳои қарз ва принсипҳои қарздиҳӣ.<br>Назарияи қарз ва таъсири он дар иқтисодиёт<br>Гурӯҳбандии шакл ва намудҳои қарз.<br>Тартиби қарздиҳӣ дар бонкҳо тиҷоратӣ.<br>Шартномаи қарзӣ ва тартиби бастани он |
| **Васоити таълимӣ ва таъминоти техникии фан** | Компютери фардӣ, проектор, тахтаи электронӣ |
| **Шаклҳои назорати ҷорӣ** | Супоришҳои тестӣ, суҳбати инфиродӣ, ҳалли мисолу масъалаҳо. |
| **Шакли арзебии натиҷаи ниҳоии таълими фан** | Имтиҳон (тестӣ комютерӣ, шифоҳӣ) |

**2.2.4. Амалиётҳои бонкӣ**

| | |
|---|---|
| **Тавсифи мухтасари фан** | Дар шароити муосир рушди устувори иқтисодиёт бевосита бо низоми бонкӣ алоқамандии зич дорад. бинобар он, аз фаъолияти самараноки ташкилотҳои қарзӣ рушди иқтисодиёт вобастагии зиёд дорад. Фанни мазкур омӯзиши моҳият, гурӯҳбандӣ, асосҳои ҳуқуқии гузаронидани амалиётҳои бонкиро дар бар гирифта, доираи фаъолияти бонкҳои тиҷоратиро фарогиранда мебошад. |
| **Намуди** | лексионӣ, амалӣ, кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор |

| | |
|---|---|
| **машғулиятҳо** | |
| **Забони таълим** | тоҷикӣ |
| **Салоҳиятҳое, ки дар донишҷӯ зимни азхуднамоии фанни мазкур ташаккул бояд ёбанд** | - қодир аст, ки омӯзиш ва тартиби гузаронидани амалиётҳои бонкиро дар амалия ба ҷо оварда тавонад;<br>- қодир аст, ки дониш ва навовариҳои амалии зарурии гирифтаро барои кор дар бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ истифода баранд. |
| **Натиҷаҳои таълиме, ки аз тадриси фан ба даст меоянд** | Донишҷӯе, ки фанни мазкурро аз худ кардааст, бояд:<br>***Донад:***<br>- моҳият ва зарурияти амалиётҳои бонкӣ дар низоми бонкӣ;<br>-асосҳои ҳуқуқии гузаронидани амалиётҳои бонкӣ;<br>-гурӯҳбандӣ ва таснифи амалиётҳои бонкӣ;<br>- хатари амалиётҳои бонкӣ ва идоракунии онҳо;<br>- амалиётҳои пассивии бонкҳои тиҷоратӣ;<br>- моҳият ва таснифи активҳои бонкҳо;<br>- сохтори дороиҳои бонк ва баҳодиҳии сифати активҳои бонкҳои тиҷоратӣ;<br>- амалиёт бо пули нақд;<br>- амалиётҳои ҳисоббаробаркунӣ ғайринақдӣ;<br>- амалиётҳои қарзӣ ва усулҳои таъминнамоӣ ва бозгардонидани қарз;<br>- амалиётҳои хазинавии бонкҳои тиҷоратӣ<br>***Тавонад:***<br>– қобилияти аз худ намудани мустақилона усулҳои нави таҳқиқот, инкишофи касбияти илмӣ ва амалии фаъолияти касбии худ;<br>– қобилияти мустақилона аз худ намудан ва дар амал истифода намудани донишҳо ва малакаҳои нав;<br>– қобилияти таҳлил ва истифода намудани сарчашмаҳои гуногун иттилоот барои гузаронидани амалиёти бонкӣ;<br>– қобияти мустақилона омодасозии супориш ва коркарди лоиҳаи қарорҳо бо назардошти омили номуайянӣ;<br>– коркарди ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва методии дахлдор, инчунин пешниҳодҳо ва чорабиниҳо оиди амалисозии лоиҳаҳо ва барномаҳо;<br>– омодасозии хулосаҳои таҳлилӣ аз рӯи натиҷаҳои омӯзиш, таҳлил ва баҳодиҳии санҷиш ва назорат;<br>– мувофиқсозии методикаи истифодаи технологияи нав дар хизматрасониҳои бонкӣ;<br>ташаккули иттилоот бо мақсади қабули қарори идоракунӣ.<br>***Аз худ намояд:***<br>– маҳакҳо ва усулҳои интихоби қарорҳои бонкӣ, инструментҳои амалисозии онҳо;<br>– инструментҳои ташаккул ва баҳодиҳии қарорҳои бонкӣ, инструментҳои амалисозии онҳо;<br>– инструментҳои амалиётҳои бонкӣ – дар ҷараёни омодасозии иттилоот барои истифодабарандагон;<br>– консепсияҳои асосии назорати дохилӣ ва алоқамандии он бо бонкҳои дигар;<br>– методологияи татбиқи технологияи нави амалиётҳои бонкӣ дар фаъолияти бонкҳо; |
| **Номгӯи боб/мавзӯъҳои фан** | Асосҳои ҳуқуқии гузаронидани амалиётҳои бонкӣ ва моҳияти иқтисоди онҳо.<br>Амалиётҳои пассивии бонкҳои тиҷоратӣ.<br>Сохтор ва бартарии активҳои бонк.<br>Амалиётҳои ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ.<br>Амалиётҳо бо пули нақд.<br>Амалиётҳои қарзӣ.<br>Амалиётҳои хазинавии бонкҳои тиҷоратӣ.<br>Амалиётҳои миёнаравии бонкҳо<br>Амалиётҳои асъорӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ.<br>Амалиёти бонкҳои тиҷоратӣ бо коғазҳои қиматнок. |

| | |
|---|---|
| | Амалиёт дар низоми бонкдории исломӣ.<br>Маҳсулоти муосири бонкӣ.<br>Ҳисоботи бонкӣ. |
| **Васоити таълимӣ ва таъминоти техникии фан** | Компютери фардӣ, проектор, тахтаи электронӣ |
| **Шаклҳои назорати ҷорӣ** | Супоришҳои тестӣ, суҳбати инфиродӣ, ҳалли мисолу масъалаҳо. |
| **Шакли арзебии натиҷаи ниҳоии таълими фан** | Имтиҳон (тестӣ комютерӣ, шифоҳӣ) |

### 2.2.5. Идоракунии хавфҳои бонкӣ

| | |
|---|---|
| **Тавсифи мухтасари фан** | Идоракунии хавфҳои бонкӣ яке аз бахшҳои муҳими низоми бонкӣ буда, қисми назариявии фаъолияти бонкӣ мебошад. Идоракунии хавфҳои бонкӣ барои омӯзиши масъалаҳои сохтори муосири низоми қарзӣ, таърихи пайдоиши хавфҳои бонкӣ, таркиб ва сохтори хавфҳои бонкӣ, низоми хавфҳои бонкӣ: мафҳум ва моҳияти он дар шароити муосир, тартиби идоракунии хавфҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда шудааст. |
| **Намуди машғулиятҳо** | лексионӣ, амалӣ, кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор |
| **Забони таълим** | тоҷикӣ, русӣ |
| **Салоҳиятҳое, ки дар донишҷӯ зимни азхуднамоии фанни мазкур ташаккул бояд ёбанд** | - қодир аст, ки омӯзиш, таҳлил, даромад, хароҷоти бонкро ба ҷо оварда идоракунии хавфҳоро дуруст ба роҳ монад;<br>- қодир аст, ки дониш ва навовариҳои амалии зарурии гирифтаро барои кор дар бахши низоми бонкӣ аз ҷумла: бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ тавонанд истифода баранд. |
| **Натиҷаҳои таълиме, ки аз тадриси фан ба даст меоянд** | Донишҷӯе, ки фанни мазкурро аз худ кардааст, бояд:<br>***Донад:***<br>- мафҳуми хавфҳои бонкӣ;<br>- намудҳои хавфҳои бонкӣ;<br>- мафҳуми сандуқи қарзӣ ва сифати он;<br>- хавфҳои бонкӣ ва таснифоти онҳо;<br>- хавфҳои қарзӣ;<br>- хавфи пардохтпазирӣ;<br>- хавфҳои фоизӣ;<br>- идоракунии хавфҳои амалиётӣ ;<br>- мафҳуми хавфи қарзӣ ва омилҳои он;<br>- хавфҳо дар амалиётҳои байналхалқии бонкҳо;<br>- тартиби ҳуҷҷатикунонии санҷиши молиявӣ ва натиҷаҳои он.<br>***Тавонад:***<br>- назарияҳои идоракунии хавфҳои бонкии байналхалқӣ;<br>- намудҳои хавфҳои қарзӣ ва хусусиятҳои идоракунии онҳо;<br>- хусусиятҳои идоракунии қисмҳои алоҳидаи сандуқи қарзӣ;<br>- идоракунии хавфи қарзӣ дар низоми бонкии ҶТ мувофиқи меъёрҳои муқаррарнамудаи БМТ;<br>- мафҳуми хавфи пардохтпазирӣ ва омилҳои ба вуҷудоварандаи он;<br>- тавсифи элементҳои асосии низоми идоракунии хавфи талафи пардохтпазирӣ;<br>- мафҳум, намудҳо ва омилҳои хавфи фоизӣ;<br>- низоми идоракунии хавфи фоизӣ;<br>- мафҳум ва сабабҳои пайдоиши хавфҳои амалиётӣ;<br>- хусусиятҳои хоси идоракунии хавфи амалиётӣ;<br>- тавсияҳои кумитаи базели доир ба баҳодиҳӣ ва идораи хавфҳои амалиётӣ.;<br>- намудҳои хавфҳои амалиётҳои байналхалқии бонкҳо.<br>- хусусиятҳои хоси баҳодиҳии дараҷаи хавфҳои бозорӣ ҳангоми амалиётҳои байналхалқӣ. |

| | |
|---|---|
| | - суғуртакунонк ҳамшун роҳи танзими хавфҳо.<br>- ташаккули иттилоот бо мақсади қабули қарори идоракунӣ.<br>***Аз худ намояд:***<br>- донишҳои назариявию амалии худро оид ба низоми бонкӣ баланд ва мустаҳкам намоянд;<br>- идора намудани хавфҳои бонкӣ дар шароити муосир;<br>- дониши мустаҳкам оиди хавфҳои бонкӣ пайдо намуданд. |
| **Номгӯи боб/мавзӯъҳои фан** | Мафҳум ва моҳияти хавфҳои бонкӣ;<br>Гуруҳбандии хавфҳои бонкӣ;<br>Омӯзиши санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ оиди ташкили низоми идоракунии хавфҳои бонкӣ;<br>Намудҳои хавфҳои бонкӣ;<br>Намудҳои хавфҳои қарзӣ ва хусусиятҳои идоракунии онҳо;<br>Мафҳум ва принсипҳои низоми идоракунии хавфҳои бонкӣ;<br>Принсипҳои низоми идоракунии хавфҳои бонкӣ;<br>Методҳои баҳогузории хавфҳои бонкӣ;<br>Усулҳои камкунии хавфҳои бонкӣ;<br>Мақомотҳои идоракунии хавфҳои бонкӣ ва вазифаҳои онҳо;<br>Системаи назорати хавфҳои бонкӣ;<br>Методҳои идоракунии хавфҳои бонкӣ;<br>Идоракунии хавфҳои бозоргирӣ;<br>Идоракунии хавфи асъорӣ;<br>Идоракунии хавфҳои бозорӣ;<br>Хавфҳо дар амалиётҳои байналхалқии бонкҳои тиҷоратӣ;<br>Нақши аудитори дохилӣ дар идоракунии хавфи амалиётӣ;<br>Мақомотҳои назоратӣ: мониторинги идоракунии хавф;<br>Идоракунии хавфи молиявӣ ва уҳдадориҳои иштирокчиёни асосӣ. |
| **Васоити таълимӣ ва таъминоти техникии фан** | Компютери фардӣ, проектор, тахтаи электронӣ |
| **Шаклҳои назорати ҷорӣ** | Супоришҳои тестӣ, суҳбати инфиродӣ, ҳалли мисолу масъалаҳо. |
| **Шакли арзебии натиҷаи ниҳоии таълими фан** | Имтиҳон (шифоҳӣ ва назди мониторӣ) |

**2.2.6. Менеҷмент ва маркетинги бонкӣ**

| | |
|---|---|
| **Тавсифи мухтасари фан** | **Менеҷмент ва маркетинги бонкӣ** – дар раванди тадриси фанҳои иқтисодӣ менеҷмент ва маркетинги бонкӣ яке аз қисматҳои зарурӣ ба ҳисоб рафат, донишҳои фундаменталиро оид ба идоракунӣ, роҳҳо, усулҳои навтарини танзимкунии фаъолияти бонкҳо ва мехизми истифода аз маркентиги бонкиро ҷиҳати таъмини фаъолияти самараноки ташкилотҳои қарзӣ меомӯзад. |
| **Намуди машғулиятҳо** | лексионӣ, амалӣ, кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор |
| **Забони таълим** | тоҷикӣ |
| **Салоҳиятҳое, ки дар донишҷӯ зимни азхуднамоии фанни мазкур ташаккул бояд ёбанд** | - метавонад, ки роҳҳои истифода аз идоракунии самаранок ва тартиби истифодаи маркентинг дар раванди фаълияти ташкилотҳои қарзиро ба донишҷӯён меомӯзонад;<br>- қодир аст, ки вобаста ба тағийротҳои иқтисоди муосир раванди идоракунии ташкилотҳои қарзиро омӯзонад ва механизмҳои гуногуни идоракунии активҳо ва пассивҳои бонк ва даромаднокии бонкро омӯзонад. |
| **Натиҷаҳои таълиме, ки аз тадриси фан ба даст меоянд** | Донишҷӯе, ки фанни мазкурро аз худ кардааст, бояд:<br>***Донад:***<br>- мақсадҳои асосии менеҷменти бонкӣ ва маркетинги бонкӣ ;<br>- вазифаҳои менеҷменти бонкӣ дар шароити муосир;<br>- давраҳои ташаккули менеҷменти бонкӣ;<br>- принсипҳо ва механизми ташкили менеҷмент дар раванди фаъолияти бонкҳо;<br>- идоракунии лоиҳавӣ дар бонк;<br>- рушди менеҷменти бонкӣ;<br>- асосҳои ташкилии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ;<br>- тартиби идоракунии дороиҳои бонкҳои тиҷоратӣ;<br>- гузаронидани амалиёти пассивии бонкҳо;<br>- ташкилотҳои идоракунандаи бонк;<br>- идоракунии раванди эмиссияи коғазҳои қиматнок;<br>- сохтори ташкилии бонк. |

| | |
|---|---|
| | ***Тавонад:***<br>- тахияи стратегияи молиявии бонк;<br>- идоракунии ҳайати кормандони бонк;<br>- банақшагирӣ ва муайянсозии дурнамои фаъолияти бонк;<br>- коркарди бизнес-нақшаи фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ;<br>- дурнамои рушди фаъолияти молиявии бонк;<br>- банақшагирии стратегӣ дар фаъолияти ташкилоҳои қарзӣ;<br>- банақшагирии саривақтӣ (оперативный);<br>- банақшагирии молиявӣ-иқтисодӣ;<br>- коркарди стратегияи рушди бонк;<br>- коркарди технологияи татбиқи стратегияи бонк.<br>***Аз худ намояд:***<br>– роҳҳо ва методҳои муосири идоракунии ташкилотҳои қарзӣ дар шароити муосири иқтисодӣ;<br>– технологияи истифодаи мақсадноки маркетинг дар раванди фаъолияти ташкилотҳоит қарзӣ;<br>– давраҳои ташаккули менеҷмент ва маркетинги бонкӣ ва татбиқи менеҷменти муосир дар бонкҳои тиҷоратӣ;<br>– методҳои коркарди бизнес-нақша ва истифодаи он дар фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ;<br>– таҳияи менеҷменти сифат дар раванди фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ. |
| **Номгӯи боб/мавзӯъҳои фан** | Хусусиятҳои асосии менеҷмент ва маркетинги бонкӣ;<br>Принсипҳо ва механизмҳои ташкилии менеҷменти бонкӣ;<br>Нақшаи маркетинг дар бонкҳои тиҷоратӣ;<br>Асосҳои ташкилии фаъолияти бонкҳо;<br>Тараққиёт ва рушди менеҷменти бонкӣ;<br>Аҳамияти реклама дар раванди фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ;<br>Банақшагирӣ ва таҳияи дурнамои фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ;<br>Банақшагирии стратегӣ дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ;<br>Методҳои коркард ва таҳияи бизнес-нақша дар бонкҳои тиҷоратӣ;<br>Низоми танзими фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва нишондиҳандаҳои молиявии он;<br>Баҳодиҳии хавфҳои бонкӣ ва тартиби танзими онҳо;<br>Аҳамияти Кумитаи базелӣ дар равнади идоракунии хавфҳои бонкӣ;<br>Менеҷменти бонкӣ дар ташкилотҳои молиявӣ-қарзӣ;<br>Омилҳои дохилӣ ва берунии таъсиррасон ба менеҷмент ва маркетинги бонкӣ;<br>Ташкили амнияти бехатарии дохилибонкӣ;<br>Идоракунии даромад ва хароҷоти бонк. |
| **Васоити таълимӣ ва таъминоти техникии фан** | Компютери фардӣ, проектор, тахтаи электронӣ |
| **Шаклҳои назорати ҷорӣ** | Супоришҳои тестӣ, суҳбати инфиродӣ, ҳалли мисолу масъалаҳо. |
| **Шакли арзебии натиҷаи ниҳоии таълими фан** | Имтиҳон (шифоҳӣ, тестӣ ба тариқи компютер) |

**2.2.7. Фаъолияти бонкӣ**

| | |
|---|---|
| **Тавсифи мухтасари фан** | **Фаъолияти бонкӣ -** ин соҳаи илми иқтисодӣ буда, маҷмӯи донишҳои назариявӣ ва амалиро дар бахши низоми бонкӣ, фаъолияти бонкҳо ва амалиётҳои он, ташкили муносибатҳои байнибонкӣ, ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдии бонкҳо, тартиби ташкил ва сохтори идоракунии бонкҳо, таркиби тавозуни бонкҳо, хавфҳои бонки ва идоракунии онҳо ва низоми бонкдории исломиро меомӯзад. |
| **Намуди машғулиятҳо** | лексионӣ, амалӣ, кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор |
| **Забони таълим** | тоҷикӣ, русӣ, англисӣ. |
| **Салоҳиятҳое, ки дар донишҷӯ зимни азхуднамоии фанни мазкур ташаккул бояд ёбанд** | - қодир аст, ки омӯзиш ва таҳлили вазъи фаъолияти бонкҳоро дар иқтисодиёт амали намуда ва дар доирои он пешниҳои худро карда тавонад;<br>- қобилияти истифодаи маҳорат ва малакаи фаъолият дар бахши асосии бонкӣ ва филиалу марказҳои хизматрасонии ташкилотҳои қарзии амалкунандаро ба даст орад. |
| **Натиҷаҳои таълиме, ки аз тадриси фан ба даст меоянд** | Донишҷӯе, ки фанни мазкурро аз худ кардааст, бояд:<br>***Донад:***<br>– мақсад ва вазифаҳои бонк дар иқтисодиёт; |

| | |
|---|---|
| | – таркиб ва алоқамандии фан бо дигар фанҳои иқтисодӣ;<br>– мафҳуми бонкҳои тиҷоратӣ ва шартҳои фаъолияти онҳо;<br>– тартиби ташкил, бақайдгирӣ ва барҳамдиҳии бонкҳои саҳҳомию тиҷоратӣ;<br>– сиёсати пулию қарзии Бонки Миллии Тоҷикистон ва дурнамои он;<br>– идоракунии бонкҳои тиҷораӣ;<br>– таркиб ва сохтани тавозуни бонкҳои тиҷоратӣ;<br>– асосҳои ҳисоббаробакунии ғайринақдӣ;<br>– муносибатҳои муросилотӣ байнибонкҳо ҳангоми хисоббаробаркунӣ;<br>– тартиби ҳисоббаробаркунии байни бонкҳо бо миёнаравии мудирияти ҳисоббаробаркунии пардохти Бонки Миллии Тоҷикистон;<br>– навъҳои амалкунандаи ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: супоришномаи пардохтӣ (супоришномаи ҷамъбастии пардохт), тавасути чекҳо, аккредитивҳо ва ғ;<br>– навъи кафолатҳо ва ҳисоббаробаркунӣ бо онҳо;<br>– амалиёти пасандозӣ ва амонати бонкҳо;<br>– захираҳои қарзии мутамарказонидаи Бонки Миллии Тоҷикистон, тартиби додугирифти қарзҳои байнибонкӣ ва ба расмият даровардани онҳо;<br>– ташкил кардани сиёсати амонатии (пасандозии) бонки тиҷоратӣ;<br>– тартиби қарздиҳӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ (шартҳо ва усулҳои паст кардани хатари қарзӣ);<br>– шартномаи қарзии бонк бо қарзгиранда;<br>– амалиёти бонкҳо бо коғазҳои қимматнок дар бозори коғазҳои қимматнок;<br>– амалиётҳои фаъол ва ғайрифаъоли бонкҳои тиҷоратӣ;<br>– амалиётҳои асъории бонкҳои тиҷоратӣ;<br>– амалиётҳои молиявии бонкҳои тиҷоратӣ;<br>– сарчашмаҳои ташкил даромади бонк;<br>– мафҳми пардохтпазирии бонк ва нақши Бонки Миллии Тоҷикистон дар танзими фаъолияти бонкҳои саҳҳомию тиҷоратӣ.<br>***Тавонад:***<br>– қобилияти аз худ намудани мустақилона усулҳои нави таҳқиқот, инкишофи касбияти илмӣ ва амалии фаъолияти касбии худ;<br>– қобилияти мустақилона аз худ намудан ва дар амал истифода намудани донишҳо ва малакаҳои нав;<br>– қобилияти мустақилона анҷом додани амалиётҳои бонкӣ;<br>– қобилияти дар бонкҳо кор намудан ва риояи қоидаҳои кори дохилии бонк.<br>***Аз худ намояд:***<br>- оид ба усулҳои идоракунии бонкҳо ва тартиби амалисозии онҳо;<br>- оид ба муқаррароти қонунҳо ва санадҳои танзимкунандаи фаъолияти бонкҳо, инчунин риояи ҳатмии онҳо;<br>- оиди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва унсурҳои таркибии он;<br>- оиди амалиёти бонкӣ ва механизми анҷомдиҳии онҳо дар фаъолияти бонкҳо;<br>- оиди хавфҳо дар фаъолияти бонкҳо ва усулҳои идоранамоии онҳо. |
| **Номгӯи боб/мавзӯъҳои фан** | Пайдоиш ва инкишофи кори бонкӣ дар ҷомеа<br>Низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>Бонки миллии Тоҷикистон ва вазифаҳои он<br>Бонкҳои тиҷоратӣ: вазифа ва сохтори идоракунии онҳо<br>Ташкили ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>Захираҳо ва сармояи бонкҳои тиҷоратӣ<br>Ташкили кредитдиҳӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ<br>Амалиёти хазинавии бонкҳо<br>Амалиёти бонкҳо бо коғазҳои қиматнок<br>Амалиёти ғайри ананавии бонкҳои тиҷоратӣ<br>Амалиёти асъории бонкҳо<br>Даромад ва хароҷоти бонкӣ<br>Бозоргирӣ ва пардохпазирии бонкҳо<br>Маркетинги бонкӣ ва менеҷменти бонкӣ<br>Моҳияти хавфҳои бонкӣ ва идоракунии онҳо |

| | |
|---|---|
| | Бонкдории исломӣ |
| **Васоити таълимӣ ва таъминоти техникии фан** | Компютери фардӣ, проектор, тахтаи электронӣ |
| **Шаклҳои назорати ҷорӣ** | Супоришҳои тестӣ, сухбати инфиродӣ, ҳалли мисолу масъалаҳо. |
| **Шакли арзебии натиҷаи ниҳоии таълими фан** | Имтиҳон (тестӣ комютерӣ, шифоҳи) |

### 2.2.8. Танзим ва назорати бонкӣ

| | |
|---|---|
| **Тавсифи мухтасари фан** | **Фанни «Танзим ва назорати бонкӣ»** Муносибатҳои пулию қарзӣ қисмати асосии муносибатҳои иқтисодии ҷомеа ба ҳисоб рафта бешубҳа ба ҷараёни инкишофёбии иқтисодии ҷомеа таъсири бевосита мерасонанд.<br>Дар шароити ташаккули муносибатҳои бозорӣ, муносибатҳои пулию қарзӣ хусусиятҳои наверо соҳиб мешаванд, ки хоси иқтисоди бозорӣ мебошанд. Аз ҳамин ҷиҳат бешубҳа зарурияти объективии омӯзиши ин шакли муносибатҳо ба миён меояд.<br>Фанни «Танзим ва назорати бонкӣ» қисми ҷудонашавандаи ин муомилот буда, ҳамчун фанни алоҳидаи иқтисодӣ, қонунҳои объективии назорати муомилоти пулӣ ва пулию қарзӣ ва фаъолияти бонкиро меомӯзад, ки омӯзиши он барои муайян намудани раванди инкишофи муносибатҳои бозорӣ ва таносубҳои иқтисодӣ хело зарур аст.<br>Курси «Танзим ва назорати бонкӣ» барои омӯзиши чуқури ҷанбаҳои асосии ташкилӣ, назариявӣ ва методологии назорати муносибатҳои пулӣ, қарзӣ ва фаъолияти бонкӣ равона карда шудааст. Омӯзиши ин курс имкон медиҳад, ки донишҷӯёни равияи иқтисодӣ алалхусус ихтисосҳои фаъолияти бонкӣ, доир ба паҳлӯҳои назариявии муносибатҳои пулӣ, ки асоси иқтисодиёти имрӯзаро ташкил медиҳад маълумоти муфассал пайдо намоянд. Дар баробари ин доир ба назорати моҳияти қарз ва намудҳои асосии он, тартиби гирифтан ва баргардондани он низ маълумот пайдо намоянд. Курси мазкур танзим ва назорати тамоми фаъолияти бонкиро дар бар гирифта, моҳияти фаъолият, амалиётҳои бонкӣ равшани андохта тарзи дуруст тибқи қонунҳо ва низомномаю дастурҳо амал карданро дар бар мегирад. |
| **Намуди машғулиятҳо** | лексионӣ, амалӣ, кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор |
| **Забони таълим** | тоҷикӣ, русӣ |
| **Салоҳиятҳое, ки дар донишҷӯ зимни азхуднамоии фанни мазкур ташаккул бояд ёбанд** | Дар асоси талаботҳои муқarraршуда, васеътар ва саҳеҳтар намудани дониши иқтисодии донишҷӯён ва ҳамзамон ташаккули қобилияти онҳо доир ба татбиқи донишҳои азхуднамуда дар истифодаи қонунияти танзими низоми бонкӣ, баҳодиҳии вазъи иқтисодӣ, бонкӣ муайян намудани дурнамои рушди иқтисодӣ мебошад.<br>Ҷараёни омӯзиши фан бояд чунин ҳали худро ёбанд:<br>❖ Дар доираи зарурӣ додани донишҳои муосири назариявӣ доир ба Танзим ва назорати бонкӣ;<br>❖ Шинос намудани донишҷӯён бо асосҳои назариявии танзим ва назорати муносибатҳои пулӣ, қарзӣ ва амалиётҳои бонкӣ;<br>❖ Азхудкунии назорат ва батанзимдарории унсурҳои пулӣ ва низоми бонкии ҶТ аз тарафи донишҷӯён;<br>❖ Гирифтани дониш доир ба санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқие, ки назорати муомилоти пулӣ, муносибатиҳои қарзӣ ва фаъолияти бонкиро дар ҶТ ба танзим медароранд;<br>❖ Додани маълумоти зарурӣ оиди ташкилотҳои молиявии байналхалқие, ки ҶТ аъзои комилҳуқуқӣ он мебошад. |
| **Натиҷаҳои таълиме, ки аз тадриси фан ба даст меоянд** | Донишҷӯе, ки фанни мазкурро аз худ кардааст,<br>**бояд *донад:***<br>❖ Назарияҳои назоратро аз аудит фарқ карда тавонад;<br>❖ Истифода намудани донишҳои омӯхтаашро доир ба назорати бонкӣ ва танзими он; |

| | |
|---|---|
| | ❖ Дар мисоли мушахас фаъолияти ташкилотҳои молиявии қарзӣ, байналхалқиро аз ҳамдигар фарқ карда тавонад;<br>❖ Истифода намудани усулҳои идоракунии назоратӣ, усулҳои идоракунии хавфҳои қарзӣ барои ба низом даровардани муносибатҳо молиявӣ дар иқтисодиёт;<br>❖ Сабабҳои беқурбшавии қобилияти харидории пули миллӣ нисбат ба асъори хориҷиро шарҳ дода тавонад;<br>❖ Истифодабарии фишангҳои сиёсати пулию қарзиро дар амал тавонад ва пурраги онро ба танзим дарорад;<br>❖ донишҳои доир ба ин фан гирифтаашро дар таҳлил ва назорат дар амал истифода барад.<br>***бояд тавонад:***<br>❖ Маҳорати қабул кардани хулосаҳои дуруст доир ба назорат ва таҳлили муомилоти пулӣ ва саҳми он дар иқтисодиёт;<br>❖ Қобилияти мустақилона таҳлил кардани сабабҳои беқурбшавии пули миллӣ нисбати асъори хориҷа;<br>❖ Малакаи шарҳ додани вазъи иқтисодиётро вобаста ба тағйирёбии нишондихандаҳои миқдории пул ва сатҳи таваррум;<br>❖ Малакаи омодасозӣ ва қабули қарор оиди ҳамбастагӣ бо қарору қоидаҳои амалкунанда доир ба масъалаҳои назорати бонкӣ, беқурбшавии пул, муносибатҳои қарзиро дар мисоли воқеӣ;<br>❖ Маҳорати пайдо кардан, таҳлил намудан ва коркарди матни иттилоти гуногуни бо соҳаи назорати бонкӣ алоқаманд буда;<br>❖ Малакаи муайян намудани ҳақиқияти пули асли нисбат ба пулҳои қалбакӣ; |
| **Номгӯи боб/мавзӯъҳои фан** | Моҳият ва мафҳуми танзим ва назорати бонкӣ;<br>Моҳияти иқтисодии назорат, аҳдҳои бонкӣ ва зарурияти он;<br>Низоми бонкии ҶТроҳҳои назорати он;<br>БМТ ҳамчун институти назорати ва қонунбарор оиди фаъолияти бонкӣ дар ҷумҳурӣ;<br>Роҳнамо дар бораи амали намудани назорати бонкӣ;<br>Низоми пулӣ ҶТ, Роҳҳои батанзимдарори ва назорати он;<br>Низоми молиявӣ, танзими молиявӣ;<br>Танзим ва назорати молиявӣ;<br>Назорат ва ба танзимдарории миқдори пули барои муомилот зарур буда;<br>Танзимва назорати бозоргирӣ ва пардохтпазирии ташкилотҳои қарзӣ;<br>Моҳияти ҳисобаробаркуниҳо, назорати амалиёти хазинавӣ;<br>Таҳлили макроиқтисодӣ ва назорати унсурҳои пулӣ аз тарфи БМТ;<br>Танзим ва назорати меъёрҳо аз тарафи БМТ, барои ташкилотҳои қарзӣ;<br>Назорати бонкӣ оиди амалиёти қарздиҳӣ ва шаклҳои он дар шароити бозоргонӣ;<br>Назорати қатъ оиди тартиби бастани шартномаи қарзӣ;<br>Меъёрҳои танзим ва назорат оид ба тартиби ҳисоб намудани меъёри фоизӣ дар ташкилотҳои қарзӣ; (Дастурамалҳо)<br>Назорат ва батанзимдарории амалиётҳои бонкҳо оиди ҷалби пасандоз ва амонатҳо;<br>Сармояи хусусӣ ва назорати бонкии он;<br>Гузаронидани амалиёти асъории ташкилотҳои қарзӣ ва тартиби назорати он; |
| **Васоити таълимӣ ва таъминоти техникии фан** | Компютери фардӣ, проектор, тахтаи электронӣ |
| **Шаклҳои назорати ҷорӣ** | Супоришҳои тестӣ, суҳбати инфиродӣ, ҳалли мисолу масъалаҳо. |
| **Шакли арзебии натиҷаи ниҳоии таълими фан** | Имтиҳон (тестӣ комютерӣ) шифоҳӣ |

**2.1.9. Технологияи инноватсионӣ дар низоми бонкӣ**

| | |
|---|---|
| **Тавсифи мухтасари фан** | Технологияи инноватсионӣ дар низоми бонкӣ қисми умумии низоми бонкӣ буда, аз истифодаи самараноки онҳо, сатҳи рушди низоми бонкии мамлакат вобастагии зиёд дорад. Фанни мазкур ба омӯзиши хусусияти хизматрасониҳои нави бонкӣ бо истифодаи системаҳои технологияи электронӣ ва фазои телекамуникатсионӣ мебошад. |
| **Намуди машғулиятҳо** | лексионӣ, амалӣ, кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор |

| | |
|---|---|
| **Забони таълим** | тоҷикӣ |
| **Салоҳиятҳое, ки дар донишҷӯ зимни азхуднамоии фанни мазкур ташаккул бояд ёбанд** | - қодир аст, ки омӯзиш ва тартиби истифодаи технологияҳои нави хизматрасониҳои бонкӣ ба ҷо оварда тавонад;<br>- қодир аст, ки дониш ва навовариҳои амалии зарурии гирифтаро барои кор дар бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ истифода баранд. |
| **Натиҷаҳои таълиме, ки аз тадриси фан ба даст меоянд** | Донишҷӯе, ки фанни мазкурро аз худ кардааст, бояд:<br>***Донад:***<br>- моҳият ва нақши инноватсияи (навовариҳои) бонкӣ дар иқтисодиёт;<br>-новатсияҳои (навсозии) электронӣ дар тиҷорати бонкӣ;<br>-аҳамият ва нақши асосии системаи электронии ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар Тоҷикистон;<br>- тартиби иҷро кардани ҳисоббаробаркунии байнибонкӣ, бо роҳи мубодилаи ҳуҷҷатҳои пардохтӣ ва файлҳои электронӣ;<br>- имзои электронӣ ва нақши он дар низоми бонкӣ;<br>- моҳият ва таснифи кортҳои пластикӣ дар бонкҳо;<br>- низоми пардохтҳои электронии бонкҳои тиҷоратӣ (дар мисоли бонк);<br>- принсипҳои асосии фаъолияти системаи почтаи технологӣ;<br>- имконияти такомул ва тараққӣ додани ҳисоббаробаркуниҳои электронӣ дар Тоҷикистон;<br>- хизматрасониҳои нави электронии бонкӣ;<br>***Тавонад:***<br>– қобилияти аз худ намудани мустақилона усулҳои нави таҳқиқот, инкишофи касбияти илмӣ ва амалии фаъолияти касбии худ;<br>– қобилияти мустақилона аз худ намудан ва дар амал истифода намудани донишҳо ва малакаҳои нав;<br>– қобилияти таҳлил ва истифода намудани сарчашмаҳои гуногун иттилоот барои гузаронидани амалиёти бонкӣ;<br>– қобияти мустақилона омодасозии супориш ва коркарди лоиҳаи қарорҳо бо назардошти омили номуайянӣ;<br>– коркарди ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва методии дахлдор, инчунин пешниҳодҳо ва чорабиниҳо оиди амалисозии лоиҳаҳо ва барномаҳо;<br>– омодасозии хулосаҳои таҳлилӣ аз рӯи натиҷаҳои омӯзиш, таҳлил ва баҳодиҳии санҷиш ва назорат;<br>– мувофиқсозии методикаи истифодаи технологияи нав дар хизматрасониҳои бонкӣ;<br>ташаккули иттилоот бо мақсади қабули қарори идоракунӣ.<br>***Аз худ намояд:***<br>– маҳакҳо ва усулҳои интихоби қарорҳои бонкӣ, инструментҳои амалисозии онҳо;<br>– инструментҳои ташаккул ва баҳодиҳии қарорҳои бонкӣ, инструментҳои амалисозии онҳо;<br>– инструментҳои ҳисоббаробаркунии фосилавӣ – дар ҷараёни омодасозии иттилоот барои истифодабарандагон;<br>– консепсияҳои асосии назорати дохилӣ ва алоқамандии он бо бонкҳои дигар;<br>– методологияи татбиқи технологияи инноватсионӣ дар фаъолияти бонкҳо; |
| **Номгӯи боб/мавзӯъҳои фан** | Моҳият ва нақши инноватсияи (навовариҳои) бонкӣ дар иқтисодиёт.<br>Новатсияҳои (навсозии) электронӣ дар тиҷорати бонкӣ<br>Аҳамият ва нақши асосии системаи электронии ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар Тоҷикистон<br>Тартиби иҷро кардани ҳисоббаробаркунии байнибонкӣ, бо роҳи мубодилаи ҳуҷҷатҳои пардохтӣ ва файлҳои электронӣ<br>Имзои электронӣ ва нақши он дар низоми бонкӣ<br>Моҳият ва таснифи кортҳои пластикӣ дар бонкҳо<br>Низоми пардохтҳои электронии бонкҳои тиҷоратӣ (дар мисоли бонк)<br>Принсипҳои асосии фаъолияти системаи почтаи технологӣ<br>Шарҳи бозори кортҳои пардохтӣ<br>Хизматрасониҳои нави электронии бонкӣ<br>Хизматрасонии фосилавии бонкҳо<br>Таснифи технологияи бонкӣ оиди иҷрои хизматрасонии фосилавии дар низоми |

| | |
|---|---|
| | бонкӣ.<br>Интернет-банкинг<br>SMS-банкинг<br>Мобил-банкинг<br>Таҷҳизотҳои замонавӣ оид ба иҷроиши пардохтҳо дар бозори байнибонкӣ. |
| **Васоити таълимӣ ва таъминоти техникии фан** | Компютери фардӣ, проектор, тахтаи электронӣ |
| **Шаклҳои назорати ҷорӣ** | Супоришҳои тестӣ, суҳбати инфиродӣ, ҳалли мисолу масъалаҳо. |
| **Шакли арзебии натиҷаи ниҳоии таълими фан** | Имтиҳон (тестӣ комютерӣ, шифоҳӣ) |

**2.2.10. Ташкили фаъолияти бонкҳои марказӣ**

| | |
|---|---|
| **Тавсифи мухтасари фан** | **Фанни «Ташкили фаъолияти бонкҳои марказӣ» бояд чунин бандҳоро дар бар гирад:**<br>Моҳияти «Ташкили фаъолияти бонкҳои марказӣ». Давраҳои ташаккулёбии бонки марказӣ дар ҶТ. Сиёсати монетарии бонкӣ байналмилалӣ. Сиёсати бонкҳои марказӣ ва иштирокчиёни он. Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии батанзимдарорандаи бонкҳои марказӣ. Усулҳои сиёсати бонкҳои марказӣ. Вазифа ва принсипҳои сиёсати монетарии бонкӣ (БМТ). Тартиби анҷомдиҳии сиёсати монетарии бонкӣ.<br>Дар шароити муносибатҳои бозоргонӣ сиёсати монетарии бонкӣ ҶТ ҳамчун асоси фаъолияти бурунмарзии соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ буда, аз тарафи давлат ва мақомоти дахлдори давлатӣ иҷроиши он зери назоратии қатъӣ қарор дорад.<br>Таъмини татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ, суботи асъори миллӣ ва бозори дохилии қарз ҳамчун омилҳои асосии рушди иқтисоди миллӣ ва ҳамкориҳои байналмиллалии иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. аз ин лиҳоз омузиш ва аз худкунии фанни «Ташкили фаъолияти бонкҳои марказӣ» ба пеш бурдани сиёсати монетарии давлат аз тарафи БМТ, барои ихтисосҳои иқтисодӣ шарт ва зарур мебошад.<br>Ташкили фаъолияти бонкҳои марказӣ (БМТ) ҷузъи асосии муносибатҳои иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Аз самаранокии он ва аз рушду инкишофёбии ин қисм пешравии давлат ва иқтисодиёт сахт алоқаманд мебошад. Бинобар ин сиёсати монетарии бонкҳои марказӣ (БМТ)боиси таъмин намудани рушди устувори иқтисодиёт, ҳамчун бонки марказии Тоҷикистон низ мегардад.<br>Чи тавре ки қайд намудем, нақши сиёсати монетарии бонкӣ дар рушди иқтисодиёт бузург буда, он бо тамоми субъектҳои хоҷагидорӣ алоқаманданд. Чунки дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт талабот ба «Ташкили фаъолияти бонкҳои марказӣ» хусусан БМТ меафзояд ва дар навбати худ зарурати батанзимдарории ин муносибатҳо ба миён меояд.<br>Бо назардошти гуфтаҳои боло дар пояи курси «Ташкили фаъолияти бонкҳои марказӣ» омӯзиши комплексии тамоми ҷабҳаҳои муосири муносибатҳо, ки алоқамандии онҳоро бо иқтисодиёт ва соҳаҳои хоҷагии халқ меомӯзад, гузошта шудааст. Чунин омӯзиши маҷмӯии сиёсати монетарии бонкӣ имкон медиҳад, ки донишҷӯён доир ба моҳият, раванди анҷомдиҳии амалиёти монетарӣ, бартарият ва камбудиҳо дар ҷодаи он ва умуман сатҳи таъсиррасонӣ ба иқтисодиёт пурра аз худ намоянд. Ин аст хусусияти хоси фанни "Ташкили фаъолияти бонкҳои марказӣ" ё ин ки Бонки миллии Тоҷикистон. |
| **Намуди машғулиятҳо** | лексионӣ, амалӣ, кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор |
| **Забони таълим** | тоҷикӣ, русӣ |
| **Салоҳиятҳое, ки дар донишҷӯ зимни азхуднамоии фанни мазкур ташаккул бояд ёбанд** | "Ташкили фаъолияти бонкҳои марказӣ" омӯзиши комплексии тамоми ҷабҳаҳои муосири муносибатҳо, ки алоқамандии онҳоро бо иқтисодиёт ва соҳаҳои хоҷагии халқ меомӯзад, гузошта шудааст. Чунин омӯзиши маҷмӯии сиёсати монетарии БМТ имкон медиҳад, ки донишҷӯён доир ба моҳият, раванди анҷомдиҳии амалиёти монетарӣ, бартарият ва камбудиҳо дар ҷодаи он ва умуман сатҳи таъсиррасонӣ ба иқтисодиёт пурра аз худ намоянд. Ин аст хусусияти хоси фанни «Ташкили фаъолияти бонкҳои марказӣ (БМТ)" |

| | |
|---|---|
| **Натиҷаҳои таълиме, ки аз тадриси фан ба даст меоянд** | Донишҷӯе, ки фанни мазкурро аз худ кардааст, бояд:<br>***Донад:***<br>ташаккулёбии бонки марказӣ дар ҶТ. Сиёсати монетарии бонкӣ байналмилалӣ. Сиёсати бонкҳои марказӣ ва иштирокчиёни он. Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии батанзимдарорандаи бонкҳои марказӣ. Усулҳои сиёсати бонкҳои марказӣ (БМТ). Вазифа ва принсипҳои сиёсати монетарии бонкӣ (БМТ). Тартиби анҷомдиҳии сиёсати монетарии бонкӣ.<br>***Тавонад:***<br>❖ Амалиётҳои Сиёсати монетарии бонкиро ки аз тарафи БМТ гузаронида мешавад, гуруҳбандӣ карда тавонад;<br>❖ Лоиҳаи сиёсати монетарии бонкии ҷумҳуриро тартиб ва таҳлил намуда тавонад;<br>❖ Доираи фаъолияти ташкилотҳои қарзиро дар ҷодаи амалиётҳои бонкӣ аз ҳамдигар фарқ карда тавонад;<br>❖ Амалиётҳои монетарии бонки марказӣ (БМТ)-ро тафтиш карда тавонад;<br>❖ Тафовут байни амалиётҳои бонкӣ бо реҷаи огоҳинамоӣ алоқамандбуда ва амалиётҳои манетари дар амалия муайян намояд;<br>❖ Мустақилона вазъи сиёсати монетарии бонкиро шарҳ диҳад;<br>❖ Истифода намудани донишҳои омӯхтаашро доир ба хизматрасониҳои бонкӣ ва амалиётҳои манетарӣ бо мақсади таъмини самаранокии низоми иқтисодӣ;<br>❖ донишҳои доир ба ин фан гирифтаашро дар амал истифода бурда тавонад. |
| **Номгӯи боб/мавзӯъҳои фан** | Ташаккулёбии бонки марказӣ ва мақсадҳои он;<br>Сиёсати монетарии бонкӣ байналмилалӣ;<br>Сиёсати бонкҳои марказӣ ва иштирокчиёни он;<br>Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии батанзимдарорандаи бонкҳои марказӣ;<br>Усулҳои сиёсати бонкҳои марказӣ (БМТ);<br>Вазифа ва принсипҳои сиёсати монетарии бонкӣ (БМТ);<br>Тартиби анҷомдиҳии сиёсати монетарии бонкӣ;<br>Мақсади асосии сиёсати пулию карзӣ бонки марказӣ (БМТ);<br>Вазифаҳои асосӣ ва максади бонки тиҷоратӣ дар сиёсати монетарӣ (пулу қарз) ҷумҳури;<br>Омухтани имкониятҳои хизматрасонии бонки марказӣ оиди бурдани сиёсати монетарӣ<br>Мафҳуми пардохтпазирии бонки тиҷорати ва назорати он аз тарафи бонкӣ марказӣ;<br>Фишангҳои сиёсати пулию – қарзииӣ БМТ;<br>Мафҳуми асосии таваррум ва батанзимдарории он аз тарафи Бонкҳои марказии ҷаҳон ва БМТ;<br>Мақсади батанзимдарории миқдори пул дар унсурҳои (агрегатҳои) пулӣ аз тарафи бонки марказӣ;<br>Таҳлили назариявии ҳолат, тамоюл ва дурнамои сиёсати пулию қарзии ҶТ ва таъсири он ба қурби пули миллӣ.<br>Мусоидати БМТ ҳамчун бонки маркази оиди сармоягузории бонкҳои тиҷоратии ҷумҳури;<br>Институтҳои молиявии байналхалқӣ. |
| **Васоити таълимӣ ва таъминоти техникии фан** | Компютери фардӣ, проектор, тахтаи электронӣ |
| **Шаклҳои назорати ҷорӣ** | Супоришҳои тестӣ, суҳбати инфиродӣ, ҳалли мисолу масъалаҳо. |
| **Шакли арзебии натиҷаи ниҳоии таълими фан** | Имтиҳон (тестӣ комютерӣ) шифоҳӣ |

### 2.2.11. Низоми бонкии ҷаҳонӣ

| | |
|---|---|
| **Тавсифи мухтасари фан** | **Низоми бонкии ҷаҳонӣ** – қисми умумии низоми иқтисодӣ буда, аз истифодаи самараноки онҳо, сатҳи истеҳсолот ва иқтисодиёти мамлакат вобастагии зиёд дорад. Ҳангоми тадриси фанни мазкур донишҷӯ бо раванди амалиётҳои бонкӣ бо муштариён, корҳои ташкилӣ, таҷрибавӣ, аз ҷумла додани қарз дар ҳамаи шаклҳои моликият, идораи захираҳо ва қарздиҳӣ, ташкили пардохтҳои нақдию ғайринақдӣ, сохтори ташкили муносибатҳои байнибонкӣ, ташкили |

| | |
|---|---|
| | муносибатҳои асъорию кредитӣ, пардохтҳои байналхалқӣ аз наздик шинос мегардад. |
| **Намуди машғулиятҳо** | лексионӣ, амалӣ, кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор |
| **Забони таълим** | тоҷикӣ |
| **Салоҳиятҳое, ки дар донишҷӯ зимни азхуднамоии фанни мазкур ташаккул бояд ёбанд** | - метавонад, ки тартиби таъсиси бонкҳои фаромиллалӣ ва ташкилотҳои молиявии байналхалқӣ дар кишварҳои ҷаҳонро омӯзонад;<br>- донишҳои фундаменталиро дар самти азхудкунии раванди фаъолияти ташкилотҳои молиявии байналхалқӣ ва фаъолияти низомҳои бонкии кишварҳои пешрафта фароҳам меорад, то ки донишҷӯён дар оянда фаъолияти худро тавонанд, ки дар ташкилотҳои молиявии байналхалқӣ ба роҳ монанд. |
| **Натиҷаҳои таълиме, ки аз тадриси фан ба даст меоянд** | Донишҷӯе, ки фанни мазкурро аз худ кардааст, бояд:<br>***Донад:***<br>- мақсад ва вазифаҳои низоми бонкӣ дар ҷаҳонро аз худ намояд;<br>- моҳияти иқтисодии низоми бонкӣ дар ҷаҳон;<br>- тартиби ташкил, бақайдгирӣ ва барҳамдиҳии бонкҳои саҳҳомию тиҷоратӣ дар кишварҳои гуногун;<br>- сиёсати пулию қарзӣ ва тартиби роҳандозии он дар Иттиҳоди Аврупо;<br>тартиби фаъолияти СБМ;<br>-асосҳои ҳисоббаробакуниҳои байналхалқӣ дар ҷаҳон;<br>- муносибатҳои муросилотии байнибонкӣ бо истифода аз низоми СВИФТ;<br>- модели бонкдорӣ дар Иттиҳоди Аврупо ва Амрико.<br>***Тавонад:***<br>- амалиётҳои асъорӣ ва ҳисоббраобаркуниҳо тавассути супоришномаҳои пардохтии байналхалқиро ба роҳ монад;<br>- ба гурӯҳҳо ҷудо намудани СБМ;<br>- амалиёти миёнаравии бонкҳо дар бозорҳои асъории ҷаҳонӣ;<br>- фаъолият дар бозори молиявӣ;<br>- идоракунии низоми бонкӣ дар кишварҳои Аврупо;<br>- таъсиси филиалҳои бонкҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;<br>- раванди ташаккули низоми бонкии сезинагӣ;<br>- фаъолият дар бозори сармояи кишварҳои Аврупоӣ;<br>- вазифаҳои асосии НФЗ ва раванди танзими он;<br>- амалиёт дар биржиҳои асъории Аврупо;<br>***Аз худ намояд:***<br>– асосҳои назариявӣ – амалии фаъолияти низоми молиявӣ ва низоми бонкӣ дар ҷаҳон;<br>– усулҳо ва методҳои идоракунии бонкҳои тиҷоратӣ ва механизмҳои роҳандозии идоракунии корпоративӣ дар низмои бонкии кишварҳои мутараққӣ;<br>– принсипҳои фаъолияти НФЗ;<br>– фаъолияти миёнаравӣ ва тартиби иҷроиши он дар бозори асъории кишварҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо;<br>– ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СБМ. |
| **Номгӯи боб/мавзӯъҳои фан** | Нақши низоми молиявӣ ва низоми бонкӣ дар иқтисоди бозорӣ;<br>Низоми молиявии мамлакат, шакл ва сохтори он;<br>Ташаккулёбии низоми молиявӣ-бонкии ҷаҳонӣ;<br>Давраҳои ташаккули низоми молиявии ҷаҳонӣ;<br>Гурӯҳбандии ташаккули низоми молиявӣ ва бонкии ҷаҳонӣ;<br>Созмонҳои молиявии байналмилалӣ;<br>Идоракунии низоми молиявии ҷаҳонӣ;<br>Аҳамияти СБМ дар низоми бонкии ҷаҳонӣ;<br>Нақш ва мақоми созмонҳои байналмилалии молиявӣ дар сохтори бонкии ҷаҳонӣ;<br>Гурӯҳбандии СБМ. Хазинаи байналхалқии асъор;<br>Модели аврупоии сохтори бонкӣ. Низоми аврупоии бонкҳои марказӣ ва Бонки марказии Аврупо;<br>Тартиби фаъолияти низоми молиявии Аврупо;<br>Муносибати иқтисодии бонкҳои марказии Аврупо;<br>Нақши низоми бонкӣ дар сохтори молиявии кишварҳои рушдёфта;<br>Бундесбонк ва тартиби фаъолияти иқтисодии он;<br>Низоми бонкии ИМА. Ташаккули низоми бонкии ИМА ва принсипҳои фаъолияти он. |
| **Васоити таълимӣ ва таъминоти техникии** | Компютери фардӣ, проектор, тахтаи электронӣ |

| | |
|---|---|
| **фан** | |
| **Шаклҳои назорати ҷорӣ** | Супоришҳои тестӣ, суҳбати инфиродӣ, ҳалли мисолу масъалаҳо. |
| **Шакли арзебии натиҷаи ниҳоии таълими фан** | Имтиҳон (шифоҳӣ, тестӣ ба тариқи компютер) |

**2.2.12. Ташкили фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ**

| | |
|---|---|
| **Тавсифи мухтасари фан** | **Ташкили фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ** – дар раванди тадриси фанҳои иқтисодӣ ташкили фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ яке аз қисматҳои зарурӣ ба ҳисоб рафат, донишҳои фундаменталиро оид ба ташкили фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ, сохтори идоракунии ташкилотҳои қарзӣ, роҳҳо, усулҳои навтарини танзимкунии фаъолияти бонкҳо ва фаъолияти ташкилотҳои қарзиро ҷиҳати таъмини фаъолияти самараноки ташкилотҳои қарзӣ меомӯзад. |
| **Намуди машғулиятҳо** | лексионӣ, амалӣ, кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор |
| **Забони таълим** | Тоҷикӣ |
| **Салоҳиятҳое, ки дар донишҷӯ зимни азхуднамоии фанни мазкур ташаккул бояд ёбанд** | -тамоилҳои асосии инкишофи низоми қарзиро дар фаъолияти ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор карда, ҳолатҳои проблемавиро тадқиқ кунад ва масъалаҳои мушаххасро нисбати такмилёбии низоми қарзӣ ҳаллу фасл намояд;<br>- қодир аст, ки вобаста ба тағйиротҳои иқтисоди муосир раванди идоракунии ташкилотҳои қарзиро омӯзонад ва механизмҳои гуногуни идоракунии активҳо ва пассивҳои бонк ва даромаднокии бонкро омӯзонад. |
| **Натиҷаҳои таълиме, ки аз тадриси фан ба даст меоянд** | Донишҷӯе, ки фанни мазкурро аз худ кардааст, бояд:<br>***Донад:***<br>- мақсадҳои асосии ташкили фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ;<br>- вазифаҳои ташкили фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ дар шароити муосир;<br>- давраҳои ташаккули фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ;<br>- принсипҳо ва механизми ташкили фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ;<br>- идоракунии лоиҳавӣ дар ташкилотҳои қарзӣ;<br>- идора кардани амалиётҳои бонкии ташкилотҳои қарзӣ ;<br>- асосҳои ташкилии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ;<br>- тартиби идоракунии дороиҳои ташкилотҳои қарзӣ;<br>- гузаронидани амалиёти пассивии бонкҳо;<br>- ташкилотҳои идоракунандаи бонк;<br>- идоракунии раванди эмиссияи коғазҳои қиматнок;<br>- сохтори ташкилии ташкилотҳои қарзӣ.<br>***Тавонад:***<br>- таҳияи стратегияи молиявии ташкилотҳои қарзӣ;<br>- коркарди ҳуҷҷатгузорӣ дар ташкили фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ;<br>- ташкили хайати таъсисдиҳанда дар раванди ташкили фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ;<br>- идоракунии ҳайати кормандони ташкилотҳои қарзӣ;<br>- банақшагирӣ ва муайянсозии дурнамои фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ;<br>- коркарди бизнес-нақшаи фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ;<br>- дурнамои рушди фаъолияти молиявии ташкилотҳои қарзӣ;<br>- банақшагирии стратегӣ дар фаъолияти ташкилоҳои қарзӣ;<br>- банақшагирии саривақтӣ (оперативный);<br>- банақшагирии молиявӣ-иқтисодӣ;<br>- коркарди стратегияи рушди бонк;<br>- коркарди технологияи татбиқи стратегияи ташкилотҳои қарзӣ.<br>***Аз худ намояд:***<br>– методҳои коркарди бизнес-нақша ва истифодаи он дар фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ;<br>– донишҳои назариявӣ оиди фаъолияти ташкилӣ ва ҳуқуқии ташкилотҳои қарзӣ;<br>– низом ва сиёсати ташкилотҳои қарзӣ;<br>– мафҳумҳои асосии фанҳои бонкӣ;<br>– фаъолияти ташкилотҳои қарзии ҷумҳурӣ;<br>– масъалаҳои назариявию амалии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ;<br>– мавқеъ, моҳият ва асосҳои ҳуқуқию ташкилии бонкҳои тиҷоратӣ;<br>– ташкили ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдии бонкҳои тиҷоратӣ; |

| | |
|---|---|
| | – амалиётҳои ташкилотҳои қарзӣ бо коғазҳои қиматнок;<br>– сармоя ва воситаҳои пулии бонкҳои тиҷоратӣ;<br>– таҷрибаи ташкилотҳои қарзии ватанӣ ва хориҷӣ оиди фаъолияти самараноки онҳо. |
| **Номгӯи боб/мавзӯъҳои фан** | Асосҳои ташкили фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ.<br>Тартиби бақайдгирии давлатии ҷамиятҳои саҳомӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.<br>Тартиби додани иҷозатнома барои фаъолияти бонкӣ ба ташкилотҳои қарзии аз нав ташкилёфта.<br>Асосҳои ташкилии ташкилотҳои қарзӣ.<br>Оиннома ҳамчун ҳуҷҷати асосии таъсиси ҷамъиятҳои саҳомӣ.<br>Сармояи оинномавии ташкилотҳои қарзӣ.<br>Тартиби ташаккули сармояи оинномавии ташкилотҳои қарзӣ.<br>Тартиби зиёдкунии сармояи оинномавии ташкилотҳои қарзӣ.<br>Сохтори идоракунии ҷамъияти саҳомӣ (ташкилотҳои қарзӣ).<br>Маҷлиси умумии саҳмдорон – мақомоти олии идоракунии ҷамъияти саҳомӣ.<br>Шӯрои директорони ташкилотҳои қарзӣ.<br>Тартиби зиёдкунии сармояи оинномавии ҷамъияти саҳомӣ.<br>Ташкилотҳои қарзӣ дар бозори қоғазҳои қиматнок.<br>Раванди азнавташкилдиҳии ташкилотҳои қарзӣ.<br>Ҳамроҳшавӣ, мутаҳидшавӣ, тақсимшавӣ, ҷудошавӣ ва табдилдиҳии ташкилотҳои қарзӣ. |
| **Васоити таълимӣ ва таъминоти техникии фан** | Компютери фардӣ, проектор, тахтаи электронӣ |
| **Шаклҳои назорати ҷорӣ** | Супоришҳои тестӣ, суҳбати инфиродӣ, ҳалли мисолу масъалаҳо. |
| **Шакли арзебии натиҷаи ниҳоии таълими фан** | Имтиҳон (шифоҳӣ, тестӣ ба тариқи компютер) |

**2.2.13. Низоми бонкдории исломӣ**

| | |
|---|---|
| **Тавсифи мухтасари фан** | Фаннӣ «Низоми бонкдории исломӣ» ба донишҷӯён имконият медиҳад, ки бо асосҳои иқтисодӣ-ҳуқуқӣ, асосҳои ташкили бонкдории исломӣ, хусусиятҳои бонкдории исломӣ, таҷрибаи хориҷӣ ва ватании гузаронидани амалиёт ва муомилоти ташкилотҳои қарзии исломӣ, дурнамои рушди низоми бонкдории исломӣ дар<br>Ҷумҳурии Тоҷикистон шиносои пайдо намуда аз худ намоянд,<br>Ҳадафи асосии фан ин равшанӣ ва шинос намудани донишҷӯён бо заминаи ҳуқуқӣ ва меъёрии ташкилнамоии бонкдории исломӣ, хусусиятҳо ва афзалиятҳои он дар ҷаҳон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон. |
| **Намуди машғулиятҳо** | лексионӣ, амалӣ, кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор |
| **Забони таълим** | тоҷикӣ, русӣ |
| **Салоҳиятҳое, ки дар донишҷӯ зимни азхуднамоии фанни мазкур ташаккул бояд ёбанд** | Инкишофи ҳаматарафаи донишҳои назариявӣ. Қобилияти хулоса баровардан ва дар асоси он қарор қабул кардан. Муайян кардани проблемаҳои актуалӣ- амалӣ ва оид ба бартараф намудани онҳо тавсияҳо пешниҳод намудан. Эҷодӣ фикр кардан. Дар бораи хусусиятхои бонкдории исломӣ дар хориҷ ва кишвар маълумот доштан. Донишҳои азхуд намударо дар амал татбиқ кардан. |
| **Натиҷаҳои таълиме, ки аз тадриси фан ба даст меоянд** | Донишҷӯе, ки фанни мазкурро аз худ кардааст, бояд:<br>***Донад:***<br><br>- асосҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, меъёрҳои ҳуқуқие, ки танзимкунандаи равандҳои тиҷоратӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ мебошад;<br>- асосҳои ахлоқӣ, ҳуқуқӣ, танзимкунандаи муносибатҳои байнишахсӣ байни субъекти мушахас ва ҷомеа, одам ва муҳит, ин донишро дар фаъолиятиояндаи худ ба назар гиранд; |

| | |
|---|---|
| | - асосҳои ташкили танзими пулию қарзӣ, ҷиҳатҳои назариявӣ ва амалии фаъолияти низоми молиявию бонкӣ, таҷрибаи хориҷии таъсисдиҳии бонк ва назорати бонкӣ, инчунин таҷрибаи ҷаҳонии истифодабарии воситаҳои молиявию қарзӣ барои танзим намудани бозори бонкӣ;<br>- нақш ва мақоми низоми бонкдории молиявии исломӣ дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ;<br>- сохтори институтсионалии низоми бонкии исломӣ;<br>- нақш ва мавқеи институтҳои молиявии исломӣ дар низоми молиявии ҷаҳонӣ;<br>- моделҳои фаъолияти низоми молиявии исломӣ дар кишварҳои гуногун.<br>-Нақш ва мақоми низоми ҳуқуқии исломӣ дар ташаккулёбии модели фаъолияти низоми бонкии исломӣ;<br>- мавҷудияти шаклҳои муассисаҳои тиҷоратии исломӣ дар кишварҳои гуногун;<br>- сохтори амалиёти байналмилалии бонкҳои тиҷоратӣ, сармоягузорӣ ва исломӣ, хусусиятҳои ин амалиётҳо дар бозори ҷаҳонӣ нисбат ба бозори миллӣ;<br>- усулҳои муосири таҳлили бозорҳои молиявӣ, ташкилотҳои молиявию қарзӣ, стратегияҳо ва моделҳои идора намудани онҳо;<br>-манбаҳои ҷустуҷӯи маълумоти нави молиявӣ, қарзӣ дар фаъолияти касбӣ;<br>- асосҳои назариявӣ ваамалии татбиқи шартномаҳои молиявии исломӣ дар тиҷорати бонкӣ.<br>***Тавонад:***<br>–дар фаъолияти ҷамъиятӣ ва касбии худ дониш ва малакаи аз худ намударо истифода баранд;<br>– гузоштани мақсад ва вазифаҳо оид ба иҷроиши вазифаҳои касбӣ;<br>— таҳлил намудани падидахои асосӣ ва муаммахои таъхирнопазир дар сектори идоракунии фишангҳои пулӣ ва қарз;<br>– татбиқ намудани шаклу усулхои механизми молиявию- қарзӣ барои устувор намудани иқтисодиёт;<br>- истифодаи дониш дар доираи фан барои тахлили рушди низоми бонкдории исломӣ;<br>- самти рушди низоми бонкии исломиро муайян намояд;<br>- танзим ва принсипхои назорати бонкии исломиро дар контексти глобалӣ ҷорӣ намояд.<br>- муайян ва арзёбии самаранокии амалиёти байналмилалии бонкҳои исломӣ дар бозори молиявии кишвар;<br>–- ҷустуҷӯи маълумот оид ба вазифаи гирифташуда, ҷамъоварӣ, таҳлили маълумотҳо барои ҳалли<br>вазифахои зарурии иқтисодӣ;<br>- таҳияи барномаи тадқиқотӣ дар соҳаи бонкдории исломӣ;<br>- интихоб ва асоснок кардани намуди стратегияи татбиқи молияи исломӣ дар бозори мушаххас;<br>- арзёбии самаранокии фаъолият, инчунин идоранамоии хавфҳо дар фаъолияти бонкҳои исломӣ ва муассисаҳои молиявии исломӣ.<br>***Аз худ намояд:***<br>- усулҳои ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва коркарди иттилооте, ки барои фаъолияти касбӣ истифода мешаванд;<br>- дониши касбӣ дар соҳаи молия ва қарз, ҳуқуқшиносӣ, баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит, таҳлили<br>фаъолияти иқтисодӣ, омор, асосҳои ҳуқуқии соҳибкорӣ ва тиҷорат, бозори коғазҳои қиматнок, менеҷмент ва маркетинг, эконометрика ва моделсозии иктисодӣ;<br>- методологияи тадқиқоти иқтисодӣ дар бозори молияи исломӣ;<br>- малакаҳои амалӣ барои кор дар сохторҳое, ки тибқи қонунҳои шариат амал мекунанд;<br>- воситаҳои таҳлилӣ дар таҳлили бонкдории исломӣ ва амалиёти молиявӣ дар сатҳи микро ва макро;<br>- дарки категорияҳо, мафҳумҳо ва мафҳумҳои асосии бонкдории исломӣ;<br>- дар бораи принсипҳои асосии бонкдории исломӣ дар кишварҳои исломӣ тасаввурот дошта бошанд;<br>- барои татбиқи амалии шартномаҳои молиявии исломӣ, мутобиқгардонии шартномаҳои исломӣ ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон омода бошанд; |

| | |
|---|---|
| | - инкишоф додани малакаи хонандагон дар истифодаи дастгоҳи математикӣ барои муқоисаи самаранокӣ<br>воситаҳои молияи анъанавӣ ва исломӣ;<br>- истифодаи донишҳои назариявии гирифташуда дар таҳлили ҳолатҳои амалӣ. |
| **Номгӯи боб/мавзӯъҳои фан** | Таърих ва рушди бонкдории исломӣ;<br>Асосҳои ҳуқуқии фаъолияти молиявии исломӣ<br>Асосҳои шартномавии маҳсулот ва хизматрасониҳои бонкии исломӣ<br>Рибо. Баробар набудани фоизи қарз ва риояи принсипҳои шариат.<br>Закот. Андозҳои исломӣ. Принсипҳои мерос дар шариат;<br>Сиёсати пулию қарзӣ дар низоми бонкдории исломӣ;<br>Амалиёти пассивии бонкҳои исломӣ<br>Амалиёти фаъоли бонкҳои исломӣ<br>Амалиёти бонкҳои исломӣ бо коғазҳои қиматнок;<br>Ташкили фаъолияти бонкҳои исломӣ<br>Стандартҳои ҳисобдорӣ ва аудит. Назорати фаъолияти бонкҳои исломӣ, Стандартҳои Шариатӣ;<br>Фаъолияти бонкдории исломӣ дар низоми иқтисодии ҷаҳонӣ: Тоҷикистон ва таҷрибаи хориҷӣ<br>Дурнамои рушди бонкдории исломӣ дар кишварҳои ИДМ ва Тоҷикистон.<br>Бозорҳои ғайрирасмии хизматрасониҳои молиявии исломӣ<br>Методҳои баҳогузории хавфҳои бонкӣ дар бонкдории исломӣ;<br>Низоми суғуртакунонии исломӣ (Такафул -суғурта исломӣ); |
| **Васоити таълимӣ ва таъминоти техникии фан** | Компютери фардӣ, проектор, тахтаи электронӣ |
| **Шаклҳои назорати ҷорӣ** | Супоришҳои тестӣ, суҳбати инфиродӣ, ҳалли мисолу масъалаҳо. |
| **Шакли арзебии натиҷаи ниҳоии таълими фан** | Имтиҳон (шифоҳӣ ва назди мониторӣ) |

**2.1.14. Танзими асъор ва назорати асъор**

| | |
|---|---|
| **Тавсифи мухтасари фан** | **Фанни « Танзими асъор ва назорати асъор»:**<br>Муносибатҳои пулию қарзӣ қисмати асосии муносибатҳои иқтисодии ҷомеа ба ҳисоб рафта бешубҳа ба ҷараёни инкишофёбии иқтисодии ҷомеа таъсири бевосита мерасонанд.<br>Дар шароити ташаккули муносибатҳои бозорӣ, муносибатҳои пулию қарзӣ хусусиятҳои наверо соҳиб мешаванд, ки хоси иқтисоди бозорӣ мебошанд. Аз ҳамин ҷиҳат бешубҳа зарурияти объективии омӯзиши ин шакли муносибатҳо ба миён меояд.<br>Фанни «Танзим ва назорати бонкӣ» қисми ҷудонашавандаи ин муомилот буда, ҳамчун фанни алоҳидаи иқтисодӣ, қонунҳои объективии назорати муомилоти пулӣ ва пулию қарзӣ ва фаъолияти бонкиро меомӯзад, ки омӯзиши он барои муайян намудани раванди инкишофи муносибатҳои бозорӣ ва таносубҳои иқтисодӣ хело зарур аст.<br>Курси «Танзим ва назорати бонкӣ» барои омӯзиши чуқури ҷанбаҳои асосии ташкилӣ, назариявӣ ва методологии назорати муносибатҳои пулӣ, қарзӣ ва фаъолияти бонкӣ равона карда шудааст. Омӯзиши ин курс имкон медиҳад, ки донишҷӯёни равияи иқтисодӣ алалхусус ихтисосҳои фаъолияти бонкӣ, доир ба паҳлӯҳои назариявии муносибатҳои пулӣ, ки асоси иқтисодиёти имрӯзаро ташкил медиҳад маълумоти муфассал пайдо намоянд. Дар баробари ин доир ба назорати моҳияти қарз ва намудҳои асосии он, тартиби гирифтан ва баргардондани он низ маълумот пайдо намоянд. Курси мазкур танзим ва назорати тамоми фаъолияти бонкиро дар бар гирифта, моҳияти фаъолият, амалиётҳои бонкӣ равшани андохта тарзи дуруст тибқи қонунҳо ва низомномаю дастурҳо амал карданро дар бар мегирад. |
| **Намуди машғулиятҳо** | лексионӣ, амалӣ, кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор |
| **Забони таълим** | тоҷикӣ, русӣ |
| **Салоҳиятҳое, ки дар донишҷӯ зимни азхуднамоии фанни мазкур ташаккул бояд** | Дар асоси талаботҳои муқарраршуда, васеътар ва саҳеҳтар намудани дониши иқтисодии донишҷӯён ва ҳамзамон ташаккули қобилияти онҳо доир ба татбиқи донишҳои азхуднамуда дар истифодаи қонунияти танзими низоми бонкӣ, |

| | |
|---|---|
| **ёбанд** | баҳодиҳии вазъи иқтисодӣ, бонкӣ муайян намудани дурнамои рушди иқтисодӣ мебошад.<br>Ҷараёни омӯзиши фан бояд чунин ҳали худро ёбанд:<br>❖ Дар доираи зарурӣ додани донишҳои муосири назариявӣ доир ба Танзим ва назорати бонкӣ;<br>❖ Шинос намудани донишҷӯён бо асосҳои назариявии танзим ва назорати муносибатҳои пулӣ, қарзӣ ва амалиётҳои бонкӣ;<br>❖ Азхудкунии назорат ва батанзимдарории унсурҳои пулӣ ва низоми бонкии ҶТ аз тарафи донишҷӯён;<br>❖ Гирифтани дониш доир ба санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқие, ки назорати муомилоти пулӣ, муносибатиҳои қарзӣ ва фаъолияти бонкиро дар ҶТ ба танзим медароранд;<br>❖ Додани маълумоти зарурӣ оиди ташкилотҳои молиявии байналхалқие, ки ҶТ аъзои комилҳуқуқӣ он мебошад. |
| **Натиҷаҳои таълиме, ки аз тадриси фан ба даст меоянд** | Донишҷӯе, ки фанни мазкурро аз худ кардааст,<br>***бояд донад:***<br>❖ Назарияҳои назоратро аз аудит фарқ карда тавонад;<br>❖ Истифода намудани донишҳои омӯхтаашро доир ба назорати бонкӣ ва танзими он;<br>❖ Дар мисоли мушахас фаъолияти ташкилотҳои молиявии қарзӣ, байналхалқиро аз ҳамдигар фарқ карда тавонад;<br>❖ Истифода намудани усулҳои идоракунии назоратӣ, усулҳои идоракунии хавфҳои қарзӣ барои ба низом даровардани муносибатҳо молиявӣ дар иқтисодиёт;<br>❖ Сабабҳои беқурбшавии қобилияти харидории пули миллӣ нисбат ба асъори хориҷиро шарҳ дода тавонад;<br>❖ Истифодабарии фишангҳои сиёсати пулию қарзиро дар амал тавонад ва пурраги онро ба танзим дарорад;<br>❖ донишҳои доир ба ин фан гирифтаашро дар таҳлил ва назорат дар амал истифода барад.<br>***бояд тавонад:***<br>❖ Маҳорати қабул кардани хулосаҳои дуруст доир ба назорат ва таҳлили муомилоти пулӣ ва саҳми он дар иқтисодиёт;<br>❖ Қобилияти мустақилона таҳлил кардани сабабҳои беқурбшавии пули миллӣ нисбати асъори хориҷа;<br>❖ Малакаи шарҳ додани вазъи иқтисодиётро вобаста ба тағйирёбии нишондиҳандаҳои миқдории пул ва сатҳи таваррум;<br>❖ Малакаи омодасозӣ ва қабули қарор оиди ҳамбастагӣ бо қарору қоидаҳои амалкунанда доир ба масъалаҳои назорати бонкӣ, беқурбшавии пул, муносибатҳои қарзиро дар мисоли воқеӣ;<br>❖ Маҳорати пайдо кардан, таҳлил намудан ва коркарди матни иттилоти гуногуни бо соҳаи назорати бонкӣ алоқаманд буда;<br>❖ Малакаи муайян намудани ҳақиқияти пули асли нисбат ба пулҳои қалбакӣ; |
| **Номгӯи боб/мавзӯъҳои фан** | 1. Моҳияти мафҳумҳои “Пул” ва “Асъор”;<br>2. Гурӯҳбандии (таснифоти) асъор;<br>3. Муносибатҳои асъорӣ ва дараҷаи кушодагии иқтисодиёт;<br>4. Сиёсати асъорӣ ва танзими асъор;<br>5. Назорати асъор ва маҳдудиятҳои асъорӣ;<br>6. Ташаккулёбӣ ва рушди низоми танзим ва назорати асъор;<br>7. Мақомоти танзими асъор;<br>8. Принсипҳо ва механизми танзими амалиёти асъории резидентҳо ва ғайрирезидентҳо;<br>9. Назорати асъории савдои хориҷӣ;<br>10. Амалиёт бо асъори нақди хориҷӣ;<br>11. Тартиби ба Тоҷикистон ворид ва аз Тоҷикистон содир намудани сарватҳои асъорӣ;<br>12. Тартиби аз ҷониби шахсони воқеӣ интиқол додани асъори хориҷӣ бе кушодани суратҳисоби бонкӣ;<br>13. Тартиби аз ҷониби резидентҳо огоҳ намудан дар бораи анҷоми амалиёти асъории марбут ба ҳаракати сармоя;<br>14. Субъектҳои назорати асъор;<br>15. Шаклҳо, принсипҳо ва усулҳои назорати асъор;<br>16. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани қонунгузории асъорӣ. |

| | |
|---|---|
| **Васоити таълимӣ ва таъминоти техникии фан** | Компютери фардӣ, проектор, тахтаи электронӣ |
| **Шаклҳои назорати ҷорӣ** | Супоришҳои тестӣ, суҳбати инфиродӣ, ҳалли мисолу масъалаҳо. |
| **Шакли арзебии натиҷаи ниҳоии таълими фан** | Имтиҳон (тестӣ комютерӣ) шифоҳӣ |

**2.2.15. Саводнокии молиявӣ**

| | |
|---|---|
| **Тавсифи мухтасари фан** | **Саводнокии молиявӣ** –предмети зарурӣ дар омӯзиши илми иқтисод ба ҳисоб меравад, зеро дуруст идора намудани захираҳои пулӣ ба саводнокии молиявӣ асос ёфтааст. Баланд бардоштани саводнокии молиявӣ баробари таълими молиявӣ ва ҳимояи ҳуқуқҳои истифодабарандагони хизматрасониҳои молиявӣ аз тарафи Комиссияи Иттиҳоди Аврупова Ташкилоти ҳамкории иқтисодӣ ва рушд ҳамчун масъалаи мубрами рушди ҷамъиятӣ эътироф шудааст. |
| **Намуди машғулиятҳо** | лексионӣ, амалӣ, кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор |
| **Забони таълим** | Тоҷикӣ |
| **Салоҳиятҳо, ки дар донишҷӯ зимни азхуднамоии фанни мазкур ташаккул бояд ёбанд** | -сатҳи кифоягии донишу малакаҳо дар соҳаи молия, ки барои дуруст баҳодиҳӣнамудани вазъи бозор ва қабули қарорҳои дуруст имконият медиҳад.<br>-қобилияти дар мадди аввал пасандоз карда тавонистани маблағҳои бадастовардашуда ва баьдан зиёд намудани онҳо бо роҳи дуруст маблағгузорӣ намудани он. |
| **Натиҷаҳои таълиме, ки аз тадриси фан ба даст меоянд** | Донишҷӯе, ки фанни мазкурро аз худ кардааст, бояд:<br>***Донад:***<br>-қобилияти зиндагӣ намудан дар ҳудуди даромадҳои худ<br>-харочотҳо ва даромадҳои оиларо ба ҳисоб гирифта, дар ҳудуди даромадҳои худ ва бе ягон қарзҳои зиёдатӣ зиндагӣ кардан<br>-маҳсулотҳои молиявӣ ва хизматрасониҳоро дуруст интихоб кардан<br>-қобилияти самаранок истифода бурдани донишу малака оиди идоракунии захираҳои молиявӣбахри расидан ба беҳбудии молиявӣ<br>-самаранок эътибор додан ба ивазшавии доимии вазъи иқтисодии шахсӣ ва берунӣ<br>***Тавонад:***<br>-қобилияти дуруст идора ва сармоя намудани воситаҳои молиявии амалкунанда ва маблағҳои пулӣ<br>-кушода будан барои имкониятҳои нав ва аз дигаргуниву тағйиротҳо наҳаросидан<br>-баландбардории маърифати молиявӣ, зиракӣ, қобилияти дар мадди аввал пасандоз карда тавонистани маблағҳои бадастовардашуда<br>-қобилияти фарқ карда тавонистани хулосаҳои молиявӣ, озодона муҳокима намудани масъалаҳои молиявию пулӣ<br>***Аз худ намояд:***<br>-усулҳои идоракунии самараноки маблағҳои буҷетӣ;<br>-таҳлил кардан, идора кардан ва чудо намудани ҳамон шартҳои молиявие, ки ба беҳбудии молиявӣ таьсир мерасонад<br>-қобилияти сарфаҳм рафтан ба низоми молиявӣ, мафҳумҳои молиявӣ<br>-қабули қарорҳои самаранок ҷиҳати истифода ва идоракунии пулҳои худӣ дар асоси маълумотҳои дахлдор |
| **Номгӯи боб/мавзӯъҳои фан** | Мафҳум ва моҳияти саводнокии молиявии аҳолӣ<br>Маърифати молиявии аҳолӣ<br>Таҷрибаи ҷаҳонии баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ<br>Нақши ташкилотҳои қарзӣ дар баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ<br>Баҳисобгирӣ ва идоракунии молияи шахсӣ<br>Интихоби дурусти ташкилоти қарзӣ<br>Шартномаи қарзӣ ва хавфҳои ба қарз вобаста<br>Суратҳисоби бонкӣ, амонат ва пасандозҳо<br>Хизматрасонии фосилавии бонкӣ<br>Амалиётҳо тавассути таҷҳизотҳои махсуси бонкӣ<br>Кортҳои пардохтии бонкӣ<br>Фарҳанг ва саводнокии суғуртавӣ<br>Пирамидаҳои молиявӣ ва қаллобӣ тавассути интернет<br>Каллобӣ тавассути почтаи электронӣ |

| | |
|---|---|
| **Васоити таълимӣ ва таъминоти техникии фан** | Компютери фардӣ, проектор, тахтаи электронӣ |
| **Шаклҳои назорати ҷорӣ** | Супоришҳои тестӣ, суҳбати инфиродӣ, ҳалли мисолу масъалаҳо. |
| **Шакли арзебии натиҷаи ниҳоии таълими фан** | Имтиҳон (шифоҳӣ, тестӣ ба тариқи компютер) |

## Шарҳи мухтасари барномаҳои таълимӣ аз рӯи фанҳои интихобӣ

### 3. БАХШИ ФАНҲОИ ИНТИХОБӢ
### 3.1. МОДУЛИ ФАНҲОИ ИНТИХОБИИ БАХШИ ЗАМИНАВӢ
#### 3.1.1. Этика ва эстетика

| | |
|---|---|
| **Тавсифи мухтасари фан** | **Этика ва эстетика-** фанни таълимии этика ва эстетика (ахлоқ ва зебоишиносӣ) дар нақшаҳои таълимии ихтисосҳои ғайрифалсафӣ мақоми фанни интихобиро касб карда, дар ташаккулёбии донишҷӯ ҳамчун мутахассиси баландихтисос мавқеи яке аз фанҳои асосӣ (базавӣ)-ро ишғол намудааст. Ҳангоми тадриси он маълумот дар бораи одобу рафтор, муошират ва зебогӣ, категорияҳои илми ахлоқ ва таълимотҳои ахлоқию зебоишиносии мутафаккирони тоҷику форс пешкаш карда мешаванд. |
| **Намуди машғулиятҳо** | лексионӣ, амалӣ, кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор |
| **Забони таълим** | тоҷикӣ, русӣ |
| **Салоҳиятҳое, ки дар донишҷӯ зимни азхуднамоии фанни мазкур ташаккул бояд ёбанд** | – дар бораи мохияти этика ва эстетика, предмети омузиши онхо, максаду вазифахо, дар бораи категорияхои асосии ахлокй ва эстетики тасаввурот дошта бошанд;<br>– марҳилаҳои ташаккули ахлоқу эстетикаро донанд; мафҳумҳо ва принсипҳои бунёдие, ки асоси мафҳумҳои ахлоқию эстетикиро ташкил медиҳанд; проблемахои мархалаи хозираи инкишофи этика ва эстетика;<br>– дониши гирифтаашро дар ҳалли масъалаҳои шахсӣ, касбӣ ва иҷтимоӣ истифода бурда тавонад. |
| **Натиҷаҳои таълиме, ки аз тадриси фан ба даст меоянд** | Донишҷӯе, ки фанни мазкурро аз худ кардааст, бояд:<br>***Донад:***<br>– баланд бардоштан ва такмил додани сатҳи маърифати ахлокӣ ва эстетикии донишҷӯён;<br>– инкишоф додани донишхои назарии донишчуён оиди амалия ва назарияи ахлоқӣ ва зебоишиносӣ;<br>–омӯзонидани таърихи рушди афкори ахлокӣ ва эстетикӣ аз аҳди қадим то замони муосир;<br>–аз худ намудан ва ба танзим даровардани тарбияи ахлоқии донишҷуён;<br>–инкишоф додани дараҷаи маърифати ахлоқӣ ва дарки зебоипарастии донишҷӯ.<br>***Тавонад:***<br>– мазмуни ахлоқии намудҳои гуногуни фаъолияти касбии онҳоро муайян намояд;<br>–талаботи ахлокиро нисбат ба фаъолият дар соҳаҳои гуногун нишон диҳад;<br>– меъёру талаботи одоби расмиро софдилона риоя намояд;<br>– ба шароит ва омилхои деформацияи касбӣ ва ахлоқи муқобил гузоштан;<br>***Аз худ намояд:***<br>– маҳорати марбут ба иҷрои вазифаи ахлоқӣ ва хизматӣ, бо мушаххасот этикаи касбии коркунон дар фаъолияти гуногун, бо процессхо муошырати иҷтимоӣ ва кори дастаҷамъӣ.<br>– малакаҳои муоширати байнишахсӣ, усулҳои касбӣ, аз ҷумла муошырати тиҷорӣ.<br>– маҳорати касбӣ ва ҷаҳонбинии васеъ.<br>– маҳорати инъикоси интиқодӣ ва худбаҳодиҳӣ. |
| **Номгӯи боб/мавзӯъҳои фан** | Этика ҳамчун илм. Мавзӯи баҳси илми ахлоқ<br>Категорияҳои илми ахлоқ<br>Озодӣ ва масъулияти ахлокии шахс<br>Масоили ахлоқӣ дар фалсафаи Юнони бостон<br>Масоили ахлоқӣ дар афкори фалсафӣ- динӣ ва фарҳангии Ҳинду Чини қадим<br>Таълимоти ахлоқӣ дар Эрони бостон<br>Адёни Сомӣ (яҳудия, масеҳият, ислом) ва масоили ахлоқӣ<br>Таълимотҳои ахлоқии асримиёнагии мутафаккирони форс- тоҷик<br>Пешбиниҳои илмӣ ва мушкилоти ахлоқии асри XX- XXI. |

| | |
|---|---|
| | Намудҳои ҳунар<br>Образи бадеӣ шакли тафаккури бадеӣ<br>Баррасии масоили эстетикӣ дар адабиёт ва санъати асрҳои XX - XXI |
| **Васоити таълимӣ ва таъминоти техникии фан** | Компютери фардӣ, проектор, тахтаи электронӣ |
| **Шаклҳои назорати ҷорӣ** | Супоришҳои тестӣ, суҳбати инфиродӣ, ҳалли мисолу масъалаҳо. |
| **Шакли арзебии натиҷаи ниҳоии таълими фан** | Имтиҳон (тестӣ комютерӣ) шифоҳӣ |

### 3.1.2. Консепсияи табиатшиносии муосир

| | |
|---|---|
| **Тавсифи мухтасари фан** | Мақсади фанни консепсияҳои табиатшиносии муосир шиносоӣ ба принсипҳои асосӣ ва ҳолати кунунии рушди илмҳои табиӣ мебошад, ки барои ташаккули тасаввурот дар бораи олам, мавқеи шахс дар он ва дарк кардани мушкилоти рушди ҷомеа кӯмак менамояд. |
| **Намуди машғулиятҳо** | лексионӣ, амалӣ, озмоишӣ, кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор |
| **Забони таълим** | тоҷикӣ |
| **Салоҳиятҳое, ки дар донишҷӯ зимни азхуднамоии фанни мазкур бояд ташаккул ёбанд** | - дарки қонунҳои табиат ва зуҳуроти онҳо дар равандҳои гуногун;<br>-дарки манзараи илмиии олам ва дар асоси он пайдо кардани малакаи маънидоди илмии ҳодисаю воқеаҳои олами атроф. |
| **Натиҷаҳои таълиме, ки аз тадриси фан ба даст меоянд** | Донишҷӯе, ки фанни мазкурро аз худ кардааст, бояд:<br>***Донад***<br>-марҳилаҳои таърихии инкишофи илмҳои табиатшиносиро;<br>-мафҳум ва вазифаи илмро дар ҷамъият;<br>- мазмуни асосии назарияҳои илмӣ ва мафҳумҳои бунёдиро;<br>- манзараи илмиии оламро;<br>- дастовард ва натиҷаҳои илми муосирро;<br>***Тавонад***<br>- Манзараи илмии оламро дониста донишҳои илмиро аз гайриилмӣ фарқ карда;<br>- дар амал татбиқ намудани донишҳои гирифташуда;<br>- хусусиятхои ин ё он донишҳои илмӣ, таъсири онро ба инкишофи ҷамъият дарк;<br>- гузаронидани мубоҳисаҳо оид ба масъалаҳои табиатшиносиро;<br>-ҷустуҷӯ, ҷамъоварӣ, ба низом даровардан ва истифодаи иттилоот оид ба табиатшиносиро иҷро карда.<br>- методологияи омӯзиши табиатшиносиро истифода бурда;<br>***Аз худ намояд***<br>- малакаи таҳлилнамоиро;<br>- малакаи таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавиро;<br>- малакаи бо ҳамтоёни худ ҳамкорӣ карданро. |
| **Номгӯи боб/мавзӯъҳои фан** | Маданияти илмию табиӣ ва гуманитарӣ; методҳои илмӣ; таърихи табиатшиносӣ; марҳалаҳои асосии рушди илмҳои табиатшиносӣ; консепсияҳои корпускулавӣ ва континуалии тавсифи табиат; ботартибӣ ва бетартибӣ дар табиат; хаос; микро-, макро- ва мегаолам; фазо; вақт; Қонунҳои бақо; таъсироти мутақобил; кутоҳтаъсирӣ, дуртаъсирӣ; ҳолат; принсипҳои суперпозитсия, номуайянӣ, мукаммалӣ, қонунҳои динамикӣ ва статистикӣ дар табиат; қонуни бақои энергия дар равандҳои макроскопӣ; принсипи афзоиши энтропия; равандҳои химиявӣ, қобиляти реаксионии моддаҳо; сохти дохилӣ ва таърихи ташаккули геологии Замин; консепсияҳои муосири ташаккули қишрҳои геосферӣ; литосфера ҳамчун асоси абиотии ҳаёт; функсияҳои экологии литосфера: захиравӣ, термодинамикӣ, геофизико-геохимиявӣ; қишри географии Замин; хусусиятҳои савияи биологии ташкили материя; принсипҳои эволютсия, аз нав ба вуҷудоӣ ва ташаккули системаҳои зинда; гуногуншаклии организмҳои зинда- асоси муташаккилӣ ва устувории биосфера; генетика ва эволютсия; одам: физиология, саломатӣ, эмосия, эҷодиёт, коршоямӣ; биоэтика, одам, биосфера ва сиклҳои қайҳонӣ: ноосфера, барнагардандагии вақт, муташшакилӣ дар табиати зинда ва ғайризинда; принсипи эволютсионизми универсалӣ; роҳ ба тамаддуни ягона; |
| **Васоити таълимӣ ва таъминоти техникии** | Дастурҳои таълимию методӣ, компютери фардӣ, проектор, тахтаи электронӣ. |

| | |
|---|---|
| **фан** | |
| **Шаклҳои назорати ҷорӣ** | Имтиҳони фосилавӣ (Р-1, Р-2) |
| **Шакли арзёбии натиҷаи ниҳоии таълими фан** | Имтиҳон (тестӣ комютерӣ) шифоҳӣ |

**3.1.3. Мудофиаи шаҳрвандӣ**

| | |
|---|---|
| **Тавсифи мухтасари фан** | **Мудофиаи шаҳрвандӣ** – илмест, ки ба донишҷӯён санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ, асосҳои ташкили чорабиниҳои ҳифзи аҳолӣ аз ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ, ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ ва техногение, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон имкони рӯх доданро доранд, офатҳои табиӣ ва ҳифзи аҳолӣ аз онҳо (заминларза, сел, ярч, тармафаройӣ ва обхезӣ, маълумоти умумӣ оид ба моддаҳои сахттаъсири заҳролудкунанда ва истифодаи онҳо дар иншоотҳои иқтисодӣ ва хатарҳои нав вобаста ба амалҳои террористиро меомӯзонад. |
| **Намуди машғулиятҳо** | лексионӣ, амалӣ, кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор |
| **Забони таълим** | тоҷикӣ, русӣ |
| **Салоҳиятҳое, ки дар донишҷӯ зимни азхуднамоии фанни мазкур ташаккул бояд ёбанд** | - ташкил ва идоракунии қувва ва воситаҳои пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда;<br>- нақш ва вазифаҳои мудофиаи гражданӣ дар замони муосир;<br>- роҳбарӣ ва идоракунии мудофиаи гражданӣ. |
| **Натиҷаҳои таълиме, ки аз тадриси фан ба даст меоянд** | Донишҷӯе, ки фанни мазкурро аз худ кардааст, бояд:<br>***Донад:***<br>- санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ;<br>- асосҳои ташкили чорабиниҳои ҳифзи аҳолӣ аз ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ;<br>- вазифаҳои онҳо ҳангоми рух додани ҳолатҳои фавқулодда;<br>- ташкили тайёрӣ, омӯзиши аҳолӣ ва баҳисобгирии нирӯҳои ғайриҳарбии мудофиаи гражданӣ оид ба ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ;<br>- ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ ва техногение, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон имкони рӯх доданро доранд.<br>***Тавонад:***<br>- чорабиниҳои асосӣ оид ба устуворгардонии иншоотҳои иқтисодӣ дар давраи ҷанг;<br>- хадамотҳои мудофиаи гражданӣ маълумоти умумӣ оид ба воситаҳои имрузаи зарбазан;<br>- ҳифзи аҳолӣ аз офатҳои табиӣ (заминларза, сел, ярч, тармафаройӣ ва обхезӣ;<br>- роҳбарӣ ва идоракунии мудофиаи гражданӣ;<br>- истифодаи моддаҳои сахттаъсири заҳролудкунанда дар иншоотҳои иқтисодӣ ва хатарҳои нав вобаста ба амалҳои террористӣ.<br>***Аз худ намояд:***<br>- малакаи таҳлилнамоиро;<br>- малакаи таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавиро;<br>- малакаи бо ҳамтоёни худ ҳамкорӣ карданро. |
| **Номгӯи боб/мавзӯъҳои фан** | - муқаддимаи фан ва мафҳумҳои асосӣ<br>- санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ;<br>- асосҳои ташкили чорабиниҳои ҳифзи аҳолӣ аз ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ;<br>- вазифаҳои онҳо ҳангоми рух додани ҳолатҳои фавқулодда;<br>- ташкили тайёрӣ, омӯзиши аҳолӣ ва баҳисобгирии нирӯҳои ғайриҳарбии мудофиаи гражданӣ оид ба ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ;<br>- ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ ва техногение, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон имкони рӯх доданро доранд;<br>- чорабиниҳои асосӣ оид ба устуворгардонии иншоотҳои иқтисодӣ дар давраи ҷанг;<br>- хадамотҳои мудофиаи гражданӣ маълумоти умумӣ оид ба воситаҳои имрузаи зарбазан;<br>- ҳифзи аҳолӣ аз офатҳои табиӣ (заминларза, сел, ярч, тармафаройӣ ва обхезӣ;<br>- роҳбарӣ ва идоракунии мудофиаи гражданӣ;<br>- истифодаи моддаҳои сахттаъсири заҳролудкунанда дар иншоотҳои иқтисодӣ ва |

| | |
|---|---|
| | хатарҳои нав вобаста ба амалҳои террористӣ. |
| **Васоити таълимӣ ва таъминоти техникии фан** | Компютери фардӣ, проектор, тахтаи электронӣ |
| **Шаклҳои назорати ҷорӣ** | Супоришҳои тестӣ, суҳбати инфиродӣ, ҳалли мисолу масъалаҳо. |
| **Шакли арзебии натиҷаи ниҳоии таълими фан** | Имтиҳон (тестӣ комютерӣ) шифоҳӣ |

## 3.2. МОДУЛИ ФАНҲОИ ИНТИХОБИИ БАХШИ ФАНҲОИ УМУМИКАСБӢ

### 3.2.1. Системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт

| | |
|---|---|
| **Тавсифи мухтасари фан** | **Системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт -** омӯзиши фанни системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт чун қисми ҷудонашавандаи раванди таҳсилоти олии касбии технология ва низоми иттилоотӣ дар иқтисодиёт аҳамияти муҳими илмӣ, иқтисодӣ, иттилоотӣ ва амалӣ дорад. Омӯзиши ин фанни илмии таълимӣ барои азхуд намудани донишҳои илмии умуминазариявӣ оид ба системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт бо равандҳои нави инкишофи технологияҳои иттилоотии муосир, баланд бардоштани сатҳи истифодабарии иттилоот ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсинӣ, таъмини бехатарии иттилоотӣ, санъати истифодабарии технологияи иттилоотии муосир аҳамияти муҳим дорад. |
| **Намуди машғулиятҳо** | лексионӣ, амалӣ, кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор |
| **Забони таълим** | тоҷикӣ, русӣ |
| **Салоҳиятҳое, ки дар донишҷӯ зимни азхуднамоии фанни мазкур ташаккул бояд ёбанд** | - таҳлил намудани ташаккул ва инкишофи технологияҳои итилоотии муосир;<br>- истифодаи самараноки захираҳои иттилоотӣ дар равандҳои идоракунӣ ва ғ. |
| **Натиҷаҳои таълиме, ки аз тадриси фан ба даст меоянд** | Донишҷӯе, ки фанни мазкурро аз худ кардааст, бояд:<br>**Донад:**<br>– мазмун, моҳият, хусусият ва вазифаҳои фанни системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт;<br>– мафҳум ва хусусиятҳои иттилоот;<br>– таъминоти иттилоотии системаҳои иттилооти иқтисодӣ;<br>– азхудкунии вазифаҳои таъминоти иттилоотӣ;<br>– мафҳум, моҳияти системаи ҳуҷҷатҳо ва намудҳои ҳуҷҷат;<br>– оиди зарурати дарки меъёрҳои иттилоот ва дар амал татбиқ намудани онҳо;<br>– намудҳои системаҳои иттилоотӣ ва хусусиятҳои фарққунандаи онҳо;<br>– дарки дурусти муносибатҳои иқтисодию иттилоотӣ ва барномавию технологӣ онҳо.<br>**Тавонад:**<br>– қобилияти аз худ намудани мустақилона усулҳои истифодаи технологияи иттилоотӣ, барномавию коммуникатсионӣ инкишофи касбияти илмӣ ва амалии фаъолияти касбии худ;<br>– қобилияти мустақилона аз худ намудан ва дар амал истифода намудани донишҳо ва малакаҳои нави иттилоотӣ;<br>– қобилияти таҳлил ва истифода намудани сарчашмаҳои гуногун оид ба дарки технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ;<br>– қобилияти мустақилона омодасозии супоришҳо вобаста ба масоили раванди барномаҳои амалиявию системавӣ;<br>– коркарди ҳуҷҷатҳои массивҳои иттилоотӣ, фонди дохилимошинии иттилоот ва барномаҳои ташкили фонди иттилоотӣ, инчунин пешниҳодҳо ва коркарди системаи ҳуҷҷатҳо.<br>**Дар амал татбиқ карда тавонад:**<br>– пешниҳод ва коркарди иттилоотӣ диҳад;<br>– санадҳои иттилоотиро дар амал татбиқ намояд;<br>– оид ба қонунҳо ва санадҳои меъёрии иттилоотӣ андешаҳояшро иброз карда тавонад; |
| **Номгӯи боб/мавзӯъҳои фан** | Идоракунӣ - ҳамчун раванди иқтисодӣ<br>Системаи иттилооти иқтисодӣ- асоси копютерикунонии равандҳои иқтисодӣ<br>Иттилооти иқтисодӣ ва тавсифи он<br>Асосҳои техникии бунёдкунии системаҳои иттилооти иқтисодӣ<br>Таъминоти итилоотии системаҳои иттилооти иқтисодӣ |

| | |
|---|---|
| | Таъминоти барномавии системаҳои иттилооти иқтисодӣ<br>Раванди технологии системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт<br>Технологияи коркарди иттилооти иқтисодӣ дар марказҳои коркард<br>Технологияи коркарди тақсимонаи иттилооти иқтисодӣ<br>Ташкили равандҳои иттилооти дар шароити технологияҳои диалогӣ тиҷорати электронӣ<br>Нақши системаи иттилоотӣ дар иқтисодӣ бозоргонӣ<br>Усулҳои нави сохтани системаҳо ва технологияҳои иттилоотӣ<br>Истифодабарии технологияи нави иттилоотӣ дар системаи андоз ва андозбандӣ<br>Таъминоти иттилоотӣ дар системаи идоракунӣ<br>Системаҳои иттилоотии идоракунии корхонаҳо |
| **Васоити таълимӣ ва таъминоти техникии фан** | Компютери фардӣ, проектор, тахтаи электронӣ |
| **Шаклҳои назорати ҷорӣ** | Супоришҳои тестӣ, суҳбати инфиродӣ, ҳалли мисолу масъалаҳо. |
| **Шакли арзебии натиҷаи ниҳоии таълими фан** | Имтиҳон (тестӣ комютерӣ) шифоҳӣ |

### 3.2.2. Иқтисоди миллӣ

| | |
|---|---|
| **Тавсифи мухтасари фан** | **Иқтисоди миллӣ-** ин илмест, ки таҳқиқи асосҳои назариявӣ, методологӣ ва методҳои идоракунии тараққиёти соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ дар шароити тағйиротҳое (ислоҳоти иқтисоди)-е, ки дар мамлакат гузаронида мешавад, дар назар дошта шудааст. |
| **Намуди машғулиятҳо** | лексионӣ, амалӣ, кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор |
| **Забони таълим** | тоҷикӣ, русӣ |
| **Салоҳиятҳое, ки дар донишҷӯ зимни азхуднамоии фанни мазкур ташаккул бояд ёбанд** | - қобилияти истифода бурдани донишҳои асосии иқтисодӣ дар сохахои гуногуни хаёт;<br>- доштани малакаҳои ҷустуҷӯ, таҳлил ва истифода санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар фаъолияти касбии худ;<br>- қобилияти арзёбии таъсири муҳити макроиқтисодӣ дар рафти фаъолиятбарии ташкилоту муассисаҳо ва мақомотҳои идораи давлатӣ ва маҳаллӣ, ошкор ва таҳлил намудани хавфҳои бозорӣ ва инчунин таҳлил намудани вазъи макроиқтисодии кишвар аз нигоҳи татбиқи сиёсати умумииқтисодӣ ва соҳавӣ. |
| **Натиҷаҳои таълиме, ки аз тадриси фан ба даст меоянд** | Донишҷӯе, ки фанни мазкурро аз худ кардааст, бояд:<br>***Донад:***<br>- мазмун, моҳияти иқтисоди миллиро донад;<br>- хусусиятҳо ва қонуниятҳои инкишофи иқтисоди миллро донад;<br>- нишондиҳандаҳои асосии арзёбии фаъолияти субъектони иқтисоди миллиро донад;<br>- арзёбии ҳолати истифодабарии иқтидорҳои иқтисоди миллиро аз худ карда бошад;<br>- асосҳои рақобтапазирии иқтисоди миллӣ ва рейтинги Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар раддабандии байналмиллалии рақобатпазирӣ аз худ карда бошад.<br>***Тавонад:***<br>- қобилияти аз худ намудани мустақилонаи усулҳои нави таҳқиқот, инкишофи касбияти илмӣ ва амалии фаъолияти касбии худ;<br>- қобилияти мустақилона аз худ намудан ва дар амал истифода намудани донишҳо ва малакаҳои нав;<br>- қобилияти таҳлил ва истифода намудани сарчашмаҳои гуногун оид ҳолати иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистонро дошта бошад;<br>- қобилияти мустақилона омодасозии супоришҳо вобаста ба масоили нишондиҳандаҳои арзёбии иқтисоди миллӣ;<br>***Аз худ намояд:***<br>-малакаи ҷамъбаст ва баҳодиҳии натиҷаҳое, ки дар омӯзиш ва таҳлили низоми хочагии халк ба даст оварда шудаанд;<br>– маҳорати муайян намудани самтхои стратегии тараққиёти хочагии халқи алоҳида;<br>– таҳияи маводи таҳлилӣ барои арзёбии барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва қабули қарорҳо дар сатҳи макро; |

| | |
|---|---|
| | – маҳорати таҳлили донишҳои иқтисодӣ дар ҷараёни таълим |
| **Номгӯи боб/мавзӯъҳои фан** | Муқаддимаи фан. Мафҳум, моҳият ва шарҳи иқтисод. Тавсифи хислатҳои иқтисоди миллӣ<br>Назарияи пайдоиши иқтисоди миллӣ ҳамчун илм ва нақши мактабҳои илмӣ дар ташаккулёбии он<br>Иқтисоди миллӣ - ҳамчун илми алоҳидаи иқтисодӣ. Иқтисоди миллӣ, предмет ва усулҳои омӯзиши он, мақсад ва вазифаҳои фан<br>Таркиб ва сохтори соҳавии иқтисоди миллӣ<br>Ташаккулёбии иқтисодии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>Нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва тавсифи онҳо<br>Рушди иқтисодӣ ва нақши он дар иқтисоди миллӣ<br>Инфрасохтори иқтисоди миллӣ<br>Ташкили идоракунии иқтисоди миллӣ<br>Комплексҳои минтақавии хоҷагидорӣ дар низоми иқтисоди миллӣ<br>Рушди устувори иқтисодӣ ва самтҳои асосии амалигардонии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>Сиёсати илмию инноватсионӣ ва нақши он дар рушди иқтисоди миллӣ<br>Таъмини амнияти озуқаворӣ ва рушди иқтисоди миллӣ<br>Таъмини бехатарии обию энергетикӣ - самти муҳими рушди устувори иқтисоди миллӣ<br>Иқтисоди сабз ва самтҳои амалигардонии он дар соҳаҳои иқтисоди миллӣ<br>Низоми танзими давлатии иқтисоди миллӣ<br>Комплекси агросаноатӣ ва нақши он дар иқтисоди миллӣ<br>Маҷмӯи иқтидорҳо ва нақши онҳо дар рушди иқтисоди миллӣ<br>Ояндабинӣ ва банақшагирии тараққиёти иқтисоди миллӣ<br>Модели рушди иқтисоди миллии кишварҳои тараққикарда ва рӯ ба тараққӣ |
| **Васоити таълимӣ ва таъминоти техникии фан** | Компютери фардӣ, проектор, тахтаи электронӣ |
| **Шаклҳои назорати ҷорӣ** | Супоришҳои тестӣ, суҳбати инфиродӣ, ҳалли мисолу масъалаҳо |
| **Шакли арзебии натиҷаи ниҳоии таълими фан** | Имтиҳон (тестӣ комютерӣ) шифоҳӣ |

**3.2.3. Асосҳои аудит**

| | |
|---|---|
| **Тавсифи мухтасари фан** | Аудит – ин илми иқтисодӣ буда, ҷараёни мунтазам бадасторӣ ва баҳодиҳии маълумотҳои воқеъӣ дар бораи амалиёт ва падидаҳои иқтисодӣ, ки дараҷаи мувофиқати онҳоро бо меъёрҳои муайян муқаррар мекунад ва натиҷаҳоро ба истифодабарандагони ҳавасманд пешниҳод менамояд. |
| **Намуди машғулиятҳо** | лексионӣ, амалӣ, кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор |
| **Забони таълим** | тоҷикӣ, русӣ, англисӣ. |
| **Салоҳиятҳое, ки дар донишҷӯ зимни азхуднамоии фанни мазкур ташаккул бояд ёбанд** | * гирифтани дошниҳои мукаммал оид ба аудит ҳамчун механизми фаъолияти соҳибкорӣ, ки ба гирифтани даромад бо роҳи расонидани хизматрасониҳои аудитории мустақил нигаронидашуда, инчунин имконияти дар амал тадбиқи донишҳои назариявӣ дар вақти ташкил ва банақшагирии мумайизии мистақили ҳисоботи молиявии субъекти иқтисодии шакли моликияташон гуногун;<br>* омодасозии мутахассисони ҷанбаҳои назариявии аудит, мухтавои он, принсипҳо ва унсурҳо, мувофиқати сиёсати молиявӣ-андозӣ бо равандҳои иқтисодиёти корхонаро медонанд;<br>* дар донишҷӯён бедор намудани малакаи мустақилона кор кардан ба санадҳои ҳуқуқӣ, қарорҳои ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва дастуруламалӣ, сарчашмаҳои адабиёт;<br>* ташкили низоми иттилоотӣ-назоратӣ, ки барои гузаронидани санҷиши аудиторӣ зарур мебошад ва ба талаботҳои тадбиқи он ҷавобгӯянд;<br>* ҷараёнҳои қабули қарорҳои молиявӣ-иқтисодӣ дар идоракунии субъекти хоҷагидорӣ;<br>* қобилияти иҷрои ҳисобкуниҳои барои тартибдиҳии бобҳои иқтисодии нақшаҳо зарур буда, асоснок кардани онҳо ва пешниҳод намудани натиҷаҳои кор тибқи стандартҳои қабул кардашуда;<br>* қобилияти иҷроиши корҳои нақшавӣ-ҳисоботии корхона, коркарди қарорҳои лоиҳавӣ, бобоҳои нақшаҳои рушди ҷорӣ ва дарозмуддатӣ корхона, бизнес-нақшаҳо, сметаҳо, ҳуҷҷатҳои ҳисобгирӣ-ҳисоботӣ, меъёрҳои хароҷот ва |

| | |
|---|---|
| | пешниҳодои мушаххас оиди амалисозии лоиҳаҳо, нақшаҳо, барномаҳои коркардашуда;<br>* қобилияти пешбурди баҳисобгирии молиявӣ, ҷорӣ, идоракунӣ ва омории субъекти хоҷагидорӣ; истифода кардани методика ва стандартҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, андозӣ, буҷетӣ, ташакулдиҳӣ ва пешниҳоди ҳисоботҳои муҳосибӣ, андозӣ, буҷетӣ; |
| **Натиҷаҳои таълиме, ки аз тадриси фан ба даст меоянд** | Дар натиҷаи омӯзиши фан донишҷӯён бояд:<br>**а) донад:**<br>– моҳият, хусусият ва вазифаҳои аудит ва фаъолияти аудиторӣ;<br>– мақсадҳо ва консепсияи аудит;<br>– асосҳои назариявии аудит ва назорат, дар асоси онҳо мустақилона банизомдарории мақсад, объект, муҳтаво, амсила ва усулҳои аудит ва назорати соҳаҳои фаъолияти субъкти хоҷагидорӣ;<br>– мавқеъи аудит дар низоми назорат;<br>– асосҳои фарққунандаи аудит аз дигар шаклҳои назорати молиявӣ;<br>– оиди зарурати аудит ва тадбиқи амалии натиҷаҳои он;<br>– хусусияти танзими меъёрии фаъолияти аудиторӣ;<br>– масоилҳое, ки аудиторон дар ҷараёни санҷиши объект ҳаллу фасл менамоянд ва ташаккули иттилоот барои қабули қарори идоракунӣ;<br>– тартиби ҳуҷҷатикунонии санҷиши аудиторӣ ва натиҷаҳои он.<br>**б) тавонад:**<br>– қобилияти аз худ намудани мустақилона усулҳои нави таҳқиқот, инкишофи касбияти илмӣ ва амалии фаъолияти касбии худ;<br>– қобилияти мустақилона аз худ намудан ва дар амал истифода намудани донишҳо ва малакаҳои нав;<br>– қобилияти таҳлил ва истифода намудани сарчашмаҳои гуногун иттилоот барои гузаронидани ҳисобкуниҳои иқтисодӣ;<br>– қобияти мустақилона омодасозии супориш ва коркарди лоиҳаи қарорҳо бо назардошти омили номуайянӣ;<br>– коркарди ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва методии дахлдор, инчунин пешниҳодҳо ва чорабиниҳо оиди амалисозии лоиҳаҳо ва барномаҳо;<br>– омодасозии хулосаҳои таҳлилӣ аз рӯи натиҷаҳои омӯзиш, таҳлил ва баҳодиҳии санҷиш ва назорат;<br>– мувофиқсозии методикаи аудит бо баҳисобгирии муҳосибӣ ва менеҷменти молиявӣ;<br>– ташаккули иттилоот бо мақсади қабули қарори идоракунӣ.<br>**в)тасаввурот дошта бошад:**<br>– оид ба маҳакҳо ва усулҳои интихоби қарорҳои молиявӣ-иқтисодӣ, инструментҳои амалисозии онҳо;<br>– оид ба инструментҳои ташаккул ва баҳодиҳии вариантҳои қарорҳои молиявӣ-иқтисодӣ, инструментҳои амалисозии онҳо;<br>– оиди инструментҳои аудит – дар ҷараёни омодасозии иттилоот барои ситифодабарандагон;<br>– оиди консепсияҳои асосии назорати дохилӣ ва алоқамандии он бо аудити беруна;<br>– оиди методологияи аудит дар соҳаи идоракунии фаъолияти корхона;<br>– оиди методикаҳои гуногуни аудит. |
| **Номгӯи боб/мавзӯъҳои фан** | Таърихи пайдоиш ва ташаккули аудит<br>Моҳият, мақсад ва намудҳои аудит<br>Стандартҳои аудит ва танзими меъёрии фаъолияти аудиторӣ<br>Банақшагирии аудит.<br>Хатогӣ ва қаллобӣ, баҳодеҳии муҳимияти онҳо<br>Хавфи аудиторӣ. Интихобкунӣ дар аудит<br>Далелҳои аудиторӣ<br>Низоми назорати дохилии корхона<br>Ҳисоботи аудиторӣ: тартиби таҳия ва пешниҳод<br>Аудити сикли харид<br>Аудити сикли истеҳсол<br>Аудити сикли фурӯш ва ташаккули натиҷаҳои молиявӣ<br>Аудити воситаҳои пулӣ ва активҳои гардон<br>Аудити активҳои дарозмуддат<br>Аудити сикли сармоягузорӣ<br>Аудити ӯҳдадориҳо ва сармояи худӣ. |

| | |
|---|---|
| **Васоити таълимӣ ва таъминоти техникии фан** | Компютери фардӣ, проектор, тахтаи электронӣ |
| **Шаклҳои назорати ҷорӣ** | Супоришҳои тестӣ, суҳбати инфиродӣ, ҳалли мисолу масъалаҳо. |
| **Шакли арзебии натиҷаи ниҳоии таълими фан** | Имтиҳон (тестӣ комютерӣ, шифоҳӣ) |

**3.2.4. Менеҷменти молиявӣ**

| | |
|---|---|
| **Тавсифи мухтасари фан** | Менеҷменти молиявӣ – ин илми молия мебошад, ки усулҳои истифодаи самараноки сармояи худӣ ва сармояи қарзии ширкат, роҳҳои ба даст овардани фоидаи бештарро бо хавфи камтар ва афзоиши босуръати сармоя, афзоиши арзиши баҳогии он меомӯзад. |
| **Намуди машғулиятҳо** | лексионӣ, амалӣ, кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор |
| **Забони таълим** | тоҷикӣ, русӣ |
| **Салоҳиятҳое, ки дар донишҷӯ зимни азхуднамоии фанни мазкур ташаккул бояд ёбанд** | - накш ва мақоми идораи молияи корхона дар ҳалли мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ ва рушди пешрафти илму техникаро тасвир менамояд;<br>-монеаҳои рушди иқтисодӣ ва роҳҳои ҳалли мушкилиҳои молиявӣ вобаста ба идоракунии молиявиро муайян менамояд;<br>-истифодаи назарияи идракунии молиявиро дар амалия тадбиқ менамояд. |
| **Натиҷаҳои таълиме, ки аз тадриси фан ба даст меоянд** | Донишҷӯе, ки фанни мазкурро аз худ кардааст, бояд:<br>***Донад:***<br>- моҳият, хусусият ва вазифаҳои молия ва фаъолияти ташкилотҳои молиявӣ;<br>- мақсадҳо ва консепсияи молия;<br>- асосҳои назариявии молия ва назорат, дар асоси онҳо мустақилона банизомдарории мақсад, объект, муҳтаво, амсила ва усулҳои молия ва назорати соҳаҳои фаъолияти субъкти хоҷагидорӣ;<br>- мавқеъи молия дар низоми назорат;<br>- асосҳои фарққунандаи молия аз дигар шаклҳои назорати молиявӣ;<br>- оиди зарурати молия ва тадбиқи амалии натиҷаҳои он;<br>- хусусияти танзими меъёрии фаъолияти ташкилотҳои буҷетӣ;<br>- масоилҳое, ки раванд ва ҷараёни санҷиши объект ҳаллу фасл менамоянд ва ташаккули иттилоот барои қабули қарори идоракунӣ;<br>тартиби ҳуҷҷатикунонии санҷиши молиявӣ ва натиҷаҳои он.<br>***Тавонад:***<br>– мазмуни идораи ташкили низоми молиявиро шарҳ дода тавонад:<br>– ҳалли мушкилоти иҷтимоию иқтисодиро аз нуқтаи назари масъалаҳои молиявӣ пешниҳод карда тавонад;<br>– муайян карда тавонистани монеаҳои рушди иқисодӣ ва роҳҳои ҳалли мушкилиҳои молиявӣ вобаста ба раванди рушди қтисодӣ ва инкишофи соҳибкорӣ;<br>– таҷрибаи пешрафтаи молиявии мамлакатҳои хориҷиро дар низоми идораи молияи миллӣ истифода карда тавонад;<br>***Аз худ намояд:***<br>– аз худ намудани асосҳои назариявии идораи молия ва принсипҳои ташкили он;<br>– шиносоӣ ба заминаҳои бунёд ва истифодаи фондҳои пулии таъиноти хосдошта ва тамоюлҳои имконпазири мукамалгардонии муносибатҳои молиявӣ вобаста ба дигаргуниҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсӣ;<br>– ба таври мукаммал аз худ намудани ташкили муносибатҳои молиявӣ;<br>– омӯхтани усулҳои ҳозиразамони таҳлили нишондиҳандаҳои молиявии муқоисавӣ ва истифодаи амалии он. |
| **Номгӯи боб/мавзӯъҳои фан** | Мазмун ва моҳияти менеҷменти молиявӣ<br>Асосҳои назариявии менеҷменти молиявӣ<br>Истилоҳот ва нишондиҳандаҳои заминавии менеҷменти молиявӣ<br>Самараи левериҷи (фишанги) молиявӣ.<br>Баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявӣ асоси иттилоотии менеҷменти молиявӣ.<br>Идораи захираҳои молиявӣ ва воситаҳои гардони корхона<br>Идораи даромад, хароҷот ва фоидаи корхона.<br>Асосҳои математикии менеҷменти молиявӣ<br>Аннуитетҳо (пардохтҳои рентавӣ)<br>Ҳисоббарориҳои молиявӣ<br>Идораи таваккали молиявӣ<br>Идоракунии молиявӣ ҳангоми таҳдиди муфлисшавӣ |

| | |
|---|---|
| | Идоракунии фаъолияти инвеститсионии ширкат<br>Хусусиятҳои менеҷменти молиявӣ дар бонкҳо<br>Идоракунии ҷараёнҳои пулӣ<br>Банақшагирии молиявии корхона |
| **Васоити таълимӣ ва таъминоти техникии фан** | Компютери фардӣ, проектор, тахтаи электронӣ |
| **Шаклҳои назорати ҷорӣ** | Супоришҳои тестӣ, суҳбати инфиродӣ, ҳалли мисолу масъалаҳо. |
| **Шакли арзебии натиҷаи ниҳоии таълими фан** | Имтиҳон (тестӣ комютерӣ) шифоҳӣ |

**3.2.5. Эконометрика ва моделсозии иқтисодӣ**

| | |
|---|---|
| **Тавсифи мухтасари фан** | **Эконометрика ва моделсозии иқтисод**-фанни мазкур яке аз қисмҳои таркибии силсилаи фанҳои тахассусӣ буда, ба хотири ташаккули донишҳои назариявӣ ва малакаи амалии мутахасисони ҷавон оид ба омӯзиш ва таҳияи моделҳои эконометрӣ, омода сохтан ва пешниҳоди дурнамо бо мақсади идоракунӣ ва баҳодиҳии натиҷаи фаъолияти иқтисодӣ, банақшагирӣ ва мутобиқсозии рушди объектҳо ва равандҳои иқтисодӣ равона гаштааст. |
| **Намуди машғулиятҳо** | лексионӣ, озмоишӣ, кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор, кори амалии мустақилонаи донишҷӯ |
| **Забони таълим** | тоҷикӣ, русӣ |
